ФАРРУХА ЗЕҲНИЕВА

СУРУДҲОИ МАРОСИМИ ТӮИ ТОҶИКОН

АКАДЕМИЯИ ФАНҲОИ РСС ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ба номи РӮДАКӢ

ФАРРУХА ЗЕХНИЕВА

СУРУДҲОИ МАРОСИМИ ТӮИ ТОҶИКОН

Муҳаррири масъул БОЗОР ТИЛАВОВ

НАШРИЁТИ «ДОНИШ»
ДУШАНБЕ — 1978

Чумхурии Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ
21407 39

Дар рисола сурудхои маросими тӯй, аломати зичи онхо бо ин маросими кадимӣ ва мӯҳташамми халқ тахлил ва тасниф шуда, мавкеи бисьёр анъанахои таърихӣ, миллӣ ва маҳаллии мардуми тоҷик муайян гардидаанд.

Таснифоти мукаммали сурудхои тӯй дар хашт гурӯҳ — хабарӣ, тайёрӣ, чудой ва фирок, тантанавӣ, табрикӣ, тавсифӣ, рақсӣ, ва ҳачву ҳазл мувофики доиран пагишор, мазмун, гояи ичтимой ва кимати баденишон тахлил ёфтаанд.

Рисола хонандаро бо сурудхои тӯи бисьёр маҳалхои тоҷикишини Осиёи Миёна бори аввал шинос мекунад.

З $\frac{70202 - 018}{\text{М } 502-78}$ 72—77

© ИЗДАТЕЛЬСТВО «ДОНИШ», 1978 г.

МУҚАДДИМА

Маросими тӯи тоҷикон ва фольклори он низ яке аз масъалаҳои муҳим ва ҷолиби диққат буда, тадқиқу таҳлили он ҳам дар фольклоршиноси ва ҳам дар этнография аҳамияти махсуси илмӣ дорад. Аз ҷиҳати этнографӣ омӯхтани ин мавзӯъ ҳанӯз аз солҳои 1900 шурӯъ шуда, дар ин бобат асару мақолаҳои зиёде таълиф ёфтаанд[1]. Азбаски аз назар гузаронидани ҳамаи онҳо аз доираи вазифаи мо берун аст, муҳимтаринашонро дида мебароем.

Соли 1940 этнограф О. А. Сухарева мақолае навишта баъзе ҷиҳатҳои қадимии расму одатҳои ба тӯи тоҷикони маҳаллаҳои Шаҳристон, Исфара, маҳаллаҳои тоҷикнишини шаҳру музофоти Тошканд ва Самарқанд алоқамандро аз назари тадқиқ гузаронидааст[2]. Муаллифи мақола хусусиятҳои сеҳрнокии баъзе расму оини тӯи маҳаллаҳои мазкурро қайд карда, лаҳзаҳои бадеии бозиҳои халқиро низ аз назар мегузаронад. Махсусан рафти бозию сурудхонии ду пиразан, ки ҳангоми дуруст кардани рахти хоби арӯсу домод ба амал оварда мешавад, бештар диққати муаллифро ба худ ҷалб кардааст. Матни он бозӣ дар мақола зикр меёбад. Ин гуна намунаҳои фольклорӣ барои муайян кардани алоқаи этнография ва эҷодиёти бадеии халқ аҳамияти калон доранд.

Тадқиқоти нисбатан батафсили ин мавзӯъ аз тарафи этнографҳо асосан аз солҳои 50-ум сурат гирифт ва дар ин бай як қатор асарҳои илмӣ ба миён омаданд, ки монографияи илмии Н. А. Кисляков аз ҷумлаи онҳост[3]. Китоби мазкур маҳсули ранҷи бистсолаи муаллиф буда, дар он бисьёр ҷиҳатҳои одатҳои қадимии тӯю оиладорӣ ва тарзи зиндагонии тоҷикон таҳлил гардидааст. Дар асар мавқеи як қатор сурудҳои тӯй низ то андозае муайян карда шудааст. Н. А. Кисляков дар бобҳои якум ва дуюми китобаш дар баробари тасвири тӯй чанде аз сурудҳои хоси маҳаллаҳои ҷанубии Тоҷикистонро дохил намуда, мавқеъ ва тарзи иҷрои онҳоро аниқ нишон додааст. Дар ин бобҳо муаллиф мундариҷаи тӯи тоҷиконро ба даврахои муайян тақсим менамояд[4].

Дар боби сеюм бо далелҳои раднашаванда исбот карда мешавад, ки одати ба ивази духтар қалин гирифтани падар

ба давраҳои хариду фурӯш, аниқтараш ба давраи падаршоҳӣ тааллуқ дорад. Муаллиф бори аввал доир ба таърихи бисьёр одатҳои оилавӣ ва мавқеи сурудҳои тӯй маълумот медиҳад. Аз ин рӯ китоби мазкур барои ҳалли масъалаҳои ҳам фольклоршиносӣ ва ҳам этнографӣ ёрии калон хоҳад расонид.

Аз асари М. С. Андреев «Точикони водии Хуф»[5] оид ба фольклори маросими тӯй баъзе фактҳои ҷолиби диққатро пайдо кардан мумкин аст. М. С. Андреев баробари тасвири тарзи зиндагӣ ва урфу одатҳои мардуми Хуф дар асоси материалҳои фаровони дар зарфи чандин сол гирд овардааш, фикру мулоҳизаҳои муфиде изҳор менамояд. Аз ҷумла, муаллиф дар асар чанд намуна аз сурудҳои тӯй, рафти бозии «Шоҳу вазир» ва рақсҳои миллиро бо расмҳояшон дарҷ намудааст. «Шоҳ дар минбар», «Шоҳ муборак бод» ва «Шоҳ омад» барин сурудҳои анъанавӣ барои таини мавқеи сурудхо дар тӯй ёрӣ мерасонанд. Ба ғайр аз ин, тасвири манзараи маросими ақди никоҳ ва рафти саволу ҷавоби козию вазир батафсил баён ёфтааст. Н. А. Кисляков ва М. С. Андреев вобаста ба мароми мақсад ва вазифаи худ ба лаҳзаҳои этнографии тӯй диққат диҳанд ҳам, ба масъалаи муайян кардани мавқеи сурудҳои тӯй кам аҳамият додаанд ва ҳалли ин тарафи масъаларо ба фольклоршиносон мавқуф гузоштаанд.

Ниҳоят, соли 1972 асари этнографии Х. Г. Эшонқулов «Тӯй ва никоҳи аҳолии Хуҷанд дар замони нав»[6] ба табъ расид. Ин асар дар асоси материалҳои охири асри XIX ва аввали XX, ки худи муаллиф аз байни аҳолии Хуҷанд гирд овардааст, навишта шудааст. Муаллифи асар ба таври пурра тӯй ва никоҳи аҳолии Хуҷандро таҳқиқ ва таҳлил карда, оид ба урфу одат, зисту зиндагонӣ ва ҳаёти оилавии маҳалли мазкур маълумоти муфассал медиҳад.

Рисолаи мазкур таҳлили асарҳои фольклории маросими тӯйро ба мнён нагузоштааст. Тӯй аз назари соф этнографӣ таҳлил шудааст, ки асли мақсади муаллиф ҳам ҳамин будааст. Вале дар асар чанд намуна аз сурудҳои тӯй дарҷ шудааст, ки онҳоро чун материали тадқиқот истифода кардан мумкин аст.

Чунон ки маълум аст, дар соҳаи фольклоршиносӣ низ баъзе корҳо анҷом дода шудаанд. Аввалин маълумоти фольклорӣ доир ба маросими тӯй дар китоби Н. А. Маъсумӣ «Фольклори тоҷик» дода шудааст[7]. Ин асар ҳамчун китоби дарсӣ навишта шуда бошад ҳам, барои муайян намудани мавқеи асарҳои халқӣ дар маросими тӯи тоҷикон аз аҳамияти илмӣ холӣ нест. Муаллиф ба маросими тӯй боби махсус бахшида, қисме аз расму одатҳои анъанавии тӯйро омӯхта, изҳори ақида мекунад, ки «тӯй кори хоҷагӣ ва оилавӣ мебошад». Аз ҳамин нуқтаи назар интихоби арӯс яке аз нишона-

ҳои кори ҳоҷагӣ дониста мешавад, зеро ҳоло ҳам интихоби арӯс як давраи муайяни тӯйро ташкил мекунад. Ин масъала диққати муаллифро ба худ ҷалб намудааст. Н. А. Маъсумӣ мавқеъ ва мундариҷаи суруди анъанавии тӯй «Саломнома»-ро бодиққат таҳлил карда, дар бораи иҷрокунандагони сурудҳо, тарзи иҷро ва дараҷаи паҳншавии он то андозае маълумот медиҳад ва чунин мулоҳизае пеш меронад, ки суруди мазкур дар таҳти таъсири адабиёти китобатӣ эҷод шудааст. Чунон ки худи муаллиф менависад: «Дар «Саломнома» таъсири адабиёти китобатӣ дида мешавад. Махсусан мисраъҳое, ки ба ақидаи дини далолат мекунанд (ба қувваи берун аз табиат мурочиат кардан) қариб ифодаҳои китобатӣ мебошанд. Ин монанди муқаддимаи баъзе қасидаҳо мебошад. Ба ин шубҳа нест, зеро ки тексти китобии «Саломнома» ҳам мавҷуд аст»[8].

Асари Н. А. Маъсумӣ дар бобати тадқиқи хусусияти жанрии ҳар як асари халқӣ, аз ҷумла суруди тӯй кӯмак мерасонад. Чунон ки худи муаллиф мегӯяд:

«Ҳам дар ҳолати пурра ва ҳам нопурраи худ сурудҳои тӯй ҳамчун ҳуҷҷати таърихӣ, зиндагӣ ва маишӣ зарурияти худро нигоҳ медоранд».

Шиддат гирифтани лаҳзаҳои драммавии тӯй ба созанда ва навозандагони мутахассис вобаста мебошад, зеро «дар тӯйҳо,— менависад Н. А. Маъсумӣ,— созандагони алоҳидаи мутахассис (марду зан) мешаванд, ки пул ва ё чиз гирифта маъракаро гарм мекунанд. Ин (иштироки созандагон.— З. Ф.) дар он вақт як намуди драмаи халқӣ шуморида мешуд»[9]. Ин хел фактҳо дар асарҳои дигар низ ҳастанд.

Дар рисолаи тадқиқотии Р. Амонов «Очерки эҷодиёти даҳонакии аҳолии Кӯлоб»[10] дар қатори жанрҳои гуногуни фолклорӣ маросими тӯй ва сурудҳои он аз рӯи материалҳои Кӯлоб таҳлил шудаанд. Дар китоб чанд намунаи сурудҳои тӯй дарҷ гардида, бисьёр лаҳзаҳои диққатрабои ин маросим, ҳамчун саршӯёни арӯсу сартарошони домод, шаҳбарӣ аз назари таҳлилу тадқиқ мегузарад. Р. Амонов мазмуну мундариҷа ва хусусиятҳои лирикии сурудҳои тӯи мардуми Кӯлобро муайян мекунад.

Дар асари Р. Қодиров «Фольклори маросими тореволюционии воҳаи Кашқадарьё»[11] маросими тӯй ва сурудҳои он мундариҷаи боби алоҳидаро ташкил кардааст. Дорои таҳлил ва ҳаҷми кор дар ин китоб нисбатан васеъ буда, муаллиф сурудҳои тӯйро аз рӯи мавзӯъҳои алоҳида, ҳамчун: изҳори ишқу муҳаббат, орзу ва ният, шикояту эътироз ва ҳисси шодӣ аз назар мегузаронад. Бо вуҷуди ин бобҳои номбурдан асарҳои Р. Амонов ва Р. Қодировро тадқиқоти ҳартарафаи ин маросим ҳисоб кардан мумкин нест, зеро онҳо тадқиқоти ҳудро дар асоси материалҳои маҳалҳои алоҳида анҷом додаанд.

Агар сурудҳои тӯи хамаи маҳалҳои тоҷикнишинро ба гурӯҳҳо тақсим намоем, бисьёр мавзӯъҳои муҳим ва диққатрабо ба назар мерасад, ки ҳалли онҳо тадқиқоти алоҳидаро талаб мекунад. Дар асарҳои фольклоршиносӣ ба ин масъала аз нуқтаи назари омӯзиши мавқеи фольклор наздик шуда, ҳам ба мазмуну мундариҷа ва ҳам ба хусусияти бадении сурудҳо диққат дода шудааст. Илова бар ин Р. Қодиров лаҳзаҳои драмавии тӯйро, ки дар рафти сӯҳбати хостгорон ба амал меояд, ба тасвир гирифтааст.

Н. Шакармамадов дар боби «Сурудхои маросими тӯй»-и рисолаи номзадии худ ин маросимро ҳам суруд номидааст[12]. Дар ҳақиқат дар тӯйҳои мардуми Бадахшон сурудхонӣ мақоми намоён дорад. Н. Шакармамадов хусусиятҳои жанрӣ ва бадении сурудҳои тӯйро таъин намуда, мавқеи онҳоро дар ҳаёти мадании мардуми Бадахшон нишон додааст. Аз рӯи мушоҳидаи фольклоршиносон маълум мегардад, ки дар тӯйҳои ин маҳал баъзан сурудхонӣ то 7 рӯз давом мекунад[13].

Дар китоби «Лирикаи халқии тоҷик»[14] нақаротҳои лирикии панҷ суруди тӯй оварда шудааст. Нақаротҳои мазкур бе матн номбар шуда бошанд ҳам, барои муайян кардани мавқеъ ва мавриди ичрои сурудҳо кӯмак мерасонанд.

Як қатор маҷмӯаҳои фольклорие, ки дар солҳои мухталиф нашр шудаанд, камаш як—ду номгӯй сурудҳои тӯйро дар бар кардаанд. Чунончи, дар маҷмӯаҳои «Фольклори диёри Рӯдакӣ»[15] ва «Фольклори саргаҳи Зарафшон»[16] ҷанд намуна аз суруди тӯй дарҷ шудааст. Маҷмӯаҳои баъдина аз ҳиҳати миқдор ва ҷобаҷогузории сурудҳо бартарии зиёде доранд. Хусусан «Намунаи фольклори Дарвоз»[17] аз ҷумлаи маҷмӯаҳоест, ки миқдори зиёди сурудҳоро дар бар мегиранд. Дар ин китоб сурудҳои тӯй аз рӯи мавриди ичро ва мақоми драмавиашон гирд омадаанд. Ҳатто ҳангоми мутолиаи сурудҳо рафти маросимро ба таври пурра тасаввур кардан мумкин аст. Ин тарзи ҷойбаҷойгузорӣ бори аввал татбиқ шудааст.

Дар маҷмӯаҳои солҳои охир миқдори сурудҳои тӯй зиёд буда, мундариҷа, мавзӯъ ва тарзи ичрои онҳо равшан акс меёбад. Масалан, дар маҷмӯаҳои «Эҷодиёти даҳанакии аҳолии Кӯлоб»[18] ва «Фольклори Норак»[19] дар қатори дигар намудҳои фольклорӣ, сурудҳои «Саршӯй» ва «Сартароший»-ро ба шакли пурраашон дарҷ кардаанд. Дар маҷмӯаи дуюм суруди «Шаҳ муборак шавад» бо тамоми назокат ва лаҳзаи драмавиаш ба назар ҷилва мекунад.

Аз рӯи интихоби материал ва миқдору тартиби гузоришн сурудҳо маҷмӯаи «Рубоиёт ва сурудҳои халқии Бадахшон»[20] нисбатан мукаммал аст. Дар ин маҷмӯа чаҳордаҳ суруди тӯй бо нақароту оҳангҳои гуногун дарҷ гардидааст, ки ҳар кадоми он сурудҳо дар маросими тӯй мақоми муайянеро ишғол

гол мекунад. Инчунин дар маҷмӯа тартиби хонишн сурудхо дар маросими тӯй пурра нигох дошта шудааст. Сурудҳои «Сартарошӣ», «Либоспӯшонӣ», «Домодбарӣ» ва дигар намунаҳо, ки мардуми Бадахшон ҳангоми қабулу табрики домод замзама мекунанд, бо накаротҳояшон оварда мешаванд.

Аз рӯи принсипу тартиби нашри сурудҳои тӯй маҷмӯаи «Сумане аз ҳар чамане»[21] низ нисбатан мукаммал аст. Дар ин китоб ҳам сурудҳои «Сартарошӣ», «Барор-барор» ва «Гула бурданд» мувофиқи мазмуни тӯй дарҷ ёфтаанд.

Дар маҷмӯаи «Таронаҳои Самарқанд»[22] бошад, баъзе сурудҳои тӯй бори аввал нашр мешавад. Махсусан сурудҳои тӯи мардуми деҳоти райони Фориш аз чиҳати мазмуни ва мундаричаи худ ҷолиби диққатанд. Сурудҳои тӯи форишиён сохту услуби шеърии ба худ хос доштаанд, аз сурудҳои маҳаллҳои дигари тоҷикнишин фарқи куллӣ доранд. Таҳлилу тадқиқи ҳаматарафаи поэтика, фазилатҳои бадеии сурудҳои ҳар маҳал ва муайян кардани умумияту фарқияти услуби онҳо аз вазифаҳои навбатист.

Чунон ки зикр ёфт, ба воситаи маҷмӯаҳо сурудҳо аз рӯи маҳал ба ҳонанда пешниҳод карда мешаванд. Дар асоси материалҳои мавҷудаи захиравии дастнависҳои фольклори тоҷик нависандаи ин сатрҳо бо унвони «Сурудҳои тӯй» маҷмӯае тартиб дода, ба нашриёти «Ирфон» супоридааст, ки дар ин китобча сурудҳои тамоми маҳалҳои тоҷикон мувофиқи рафти тӯй мураттаб шудаанд.

Ҳамаи ин, албатта, маънои онро надорад, ки масъалаҳои тадқиқи филологии сурудҳои тӯй дар маҷмӯаҳои зикрёфта тамоман ҳал шудаанд.

Қисме аз сурудҳо дар айни замон аз нуқтаи назари санъатшиносӣ мавриди тадқиқ қарор гирифтаанд. Зеро ҳамон навъе, ки Н. Маъсумӣ қайд кардааст: «Дар вақти иҷрои ин ё он асари фольклорӣ иҷрокунандагон, созанда ва гӯяндагони вай, наҳанҳо худи матни мукаррариро ба таври оддӣ мехонанд ва мегӯянд, балки дар айни замон ӯро бо як оҳанги махсус дароварда таронасарой мекунанд. Текстҳои ба оҳанг дароварда шударо бо мусиқӣ чӯр — ҳамовоз мекунанд ва ба ҳаракати драмавӣ мувофиқ мекунанд, рақс мекунанд. Бинобар ин театршиносӣ ва мусиқашиносӣ қисман бо фольклоршиносӣ ҳам муносибат дорад ва алоқаманд мешавад».[23]

Н. Миронов дар китоби «Музикаи тоҷикон»[24], ки он ба слёти ҳофизон, мусиқачиёни тоҷикони маҳалҳои гуногуни Тоҷикистон бахшида шудааст, дар бораи мусиқӣ ва оҳангҳои сурудҳои халқӣ ва классикӣ маълумот медиҳад. Китоб аз ҳашт қисм иборат аст. Дар қисми якум аввал дар бораи ас-

боби вокалии мусиқии тоҷикон сухан меравад. Муаллиф дар ҳамин фасл доир ба рафти маросими тӯи қадимӣ низ таваққуф мекунад. Н. Миронов хусусияти оҳангдории сурудҳои халқии маҳалҳои Конибодом, Мӯминобод, Қабодиён ва Помирро муқаррар намуда, махсусан ба суруди тӯи тоҷикони Самарқанд диққат медиҳад. Муаллиф баъзе қисмҳои рафти маросимро аз назари таҳлил гузаронида, зери сарлавҳаи «Сурудҳои қадимии тоҷикон» се матни суруди тӯйро зикр мекунад. Сурудҳои «Ҳо, Лайлӣ, Лайлӣ», «Нақши тоҷикӣ» ва «Нигорҷон» бо тарҷимаи русиашон ба нота гирифта шудаанд. Сурудҳои номбурда оҳанги шӯху тантанавӣ доранд, ки ҳатто ҳангоми мутолиаи онҳо оҳанги мутантан баралло ҳис карда мешавад. Диққати муаллифро ҷалб кардани суруди «Ёри мо чко мекунад?» бесабаб нест, зеро ин навъ сурудҳо дар тӯйҳои гузаштаи халқи тоҷик фаровон истифода мешуданд. Дар ин қабил сурудҳо урфу одатҳои халқамон ба хубӣ акс ёфтаанд. Инчунин, онҳо оҳангу матни ачиб дошта, тадриҷоти онҳо ҳам барои фольклоршиносон ва ҳам санъатшиносон аз аҳамият холӣ нахоҳад буд.

Н. Нурҷонов дар рисолаи «Театри халқии тоҷик»[25] дар бораи тӯй ва сурудҳои раксии он мухтасар маълумот дода, матни як суруди «Холаи тӯйдор»-ро меорад. Н. Нурҷонов мавқеи раққосон ва масхарабозонро қайд карда, рафти бисьёр бозиҳои халқиро, ки ба тӯйҳои мардуми Кӯлоб маъмуланд, дар шакли асари драмавӣ тасвир менамояд.

Дар аксарияти маҳалҳо, албатта, хонандаҳо, навозандаҳо, раққосон ва масхарабозон ҳунарнамоӣ мекунанд. Онҳо дар ҳамаи лаҳзаҳои хурсандибахши тӯй, ки бо сурудхонӣ анҷом меёбад, иштирок намуда, маъракаро пурҷӯшу хурӯш мегардонанд.

Дар мақолаи О. Л. Данскер «Маданияти мусиқии тоҷикони Қаротегину Дарвоз»[26] дар бораи сурудҳои тӯй низ бахс рафтааст. О. Л. Данскер доир ба таърихи омӯзиши сурудҳо маълумот дода, баъзе хусусиятҳои оҳангнокии онҳоро аз нуқтаи назари мусиқашиносӣ муайян кардааст. Ин мақола барои фольклоршиносон низ аз аҳамият холӣ нест. Зеро муаллиф аввал таърихи омӯхта шудани оҳанги сурудҳоро муайян намуда, дар бораи вазъияти ба нота гирифтани онҳо маълумоти муфассал дода, матни сурудҳои «Гуларӯсак, сар бишӯй» ва «Сӯҳбати шоҳ»-ро ҳамчун намуна меорад. «Аз нуқтаи назари мусиқашиносӣ— менависад О. Л. Данскер,— сурудҳои «Гуларӯсак, сар бишӯй» ва «Сӯҳбати шоҳ» аз чумлаи сурудҳои қадимии тӯй буда, дар матни онҳо яке аз лаҳзаҳои ин маросим акс ёфтааст»[27].

О. Л. Данскер чунин қайд мекунад, ки аз сурудҳои холиси тӯй танҳо нақаротҳо боқӣ мондаанд ва хусусияти маросимӣ доштани матн ҳам танҳо дар нақарот дида мешавад.

Ин фикри О. Л. Данскер то як дарача дуруст аст, зеро аз бисьёр сурудҳои тӯй танҳо нақароти анъанавӣ боқӣ мондэ, чои матиро рубоиҳои лирикӣ гирифтаанд. Ҳалли мукаммали ин масъала тадқиқоти алоҳидаро талаб мекунад.

Ба ҳамин тариқ, маълум мешавад, ки қариб ҳамаи сурудҳои тӯй ба оҳанги мусиқӣ мувофиқ омада, оҳангнокӣ маҳз ба хусусияти драмавии манзараҳои худи тӯй вобаста аст, зеро матну оҳанги сурудҳо баробар инкишоф меёбанд.

Обзори таърихи омӯзиши масъала нишон медиҳад, ки маросими тӯй ва сурудҳои онро хартарафа тадқиқшуда ҳисоб кардан мумкин нест, зеро асарҳои тадқиқотии мазкур танҳо ташаббуси аввалин буда, баъзе чиҳатҳои сурудҳои ин маросимро равшан кардаанду халос.

Маъхази асосии рисолаи тадқиқотии мо, ки ҳоло ба дасти хонандагони арҷманд пешкаш мешавад, материалҳои захираи дастнависҳои фольклори тоҷик ва мушоҳидаҳои худи муаллиф қарор гирифтаанд. Мутаассифона, дар вақти навишта гирифтани ин ё он суруди тӯй навиштагирандагон ба алоқамандии он бо худи маросим кам аҳамият додаанд. Инчунин баъзе сурудҳо бисьёр ноқис, нотамом ва ба таври пароканда гирд омадаанд. Ҳатто аз чанд суруд танҳо ду, се мисраъ ё танҳо нақарот навишта гирифта шудаасту халос. Албатта, ин батамом айби навиштагиранда ё гӯяндаҳо набуда, балки ба вазъияти худи сурудҳо ҳам вобаста аст, зеро усули ташкил ва гузаронидани тӯйҳо нисбат ба давраҳои гузашта тағьир ёфта, сурудҳо қисман аз маросим дур шудаанд. Махсусан дар шаҳрҳо тӯйҳо ҳам шаклан ва ҳам мазмунан дигар шуда, бо номи «Тӯи сурх» ва «Тӯи комсомолӣ» шӯҳрат ёфтаанд, ки дар чунин тӯйҳои нав бештар ҳофизон ва ҳаваскорои сурудҳои замонавиро месароянд. Дар натича баъзе сурудҳо мазмунан кӯҳна шуда, бо мурури замон аз тӯй дур шуда истодаанд. Бинобар ин, ҳарчи зудтар гирд овардану ба аҳли илму адаб ва санъат дастрас намудани сурудҳои халқии тӯй вазифаи фольклоршиносон ба шумор меравад.

Дар ганҷинаи фольклори тоҷик то солҳои 50-ум дар қатори дигар намудҳои асарҳои гаронбаҳои халқӣ баъзе намунаҳои сурудҳои тӯй ва тасвири рафти маросим каму беш гирд омадаанд, вале ба таври мунтазам ҷамъ овардани материал дар ин мавзӯъ асосан аз соли 1960 шурӯъ шуд. Нависандаи ин сатрҳо дар якчанд экспедицияи фольклории солҳои 1958—1971 дар Самарқанд ва музофоти он, дар Ҳисору Қаротегин ширкат намуда, дар қатори дигар намунаҳои осори халқӣ дояр ба мавзӯи мазкур низ ба қадри имкон материал гирд овард. Солҳои охир захираи дастнависҳои фольклори тоҷик махсусан бой гардид. Дар ин муддат қариб дар тамоми маҳалҳои тоҷикишинии Осиёи Миёна экспедицияҳои

фольклорӣ фиристода шудаанд. Аз ҳисоби материалҳои ин экспедицияҳо захираи мукаммали фольклори тоҷик ба миён омад. Ҳамаи материалҳои дар фонд гирд омада ба тарзи нав саҳифабандӣ ва сигнатура[28] карда шудаанд, ки барои тадқиқи ҳаматарафа мусоидат мекунанд. Дар зимни он зарурат ва имконияти тадқиқи васеи масъалаҳои гуногун, аз ҷумла фольклори маросими тӯй, ба миён омад. Бинобар ин, мо дар назди худ вазифа гузоштем, ки дар асоси материалҳои мавҷудаи захираи дастнависҳои фольклори тоҷик ва мушоҳидаҳои шахсии худ мавзӯи фольклори маросими тӯйро ба таври пурра омӯзем.

Барои ҳалли масъалаи мазкур зарурат пеш омад, ки дар навбати аввал мавқеи эҷодиёти бадеиро дар маросими тӯй муайян намуда, хусусиятҳои гоявию мундариҷаи ин қабил асарҳоро муқаррар созем.

Рисола аз муқаддима, ду боби алоҳида: «Мундариҷаи маросимҳои тӯй» ва «Таснифоти сурудҳои тӯй» иборат аст. Дар охир хулоса, феҳристи маросимҳо, рӯйхати манбаъҳо ва адабиёт оварда мешавад.

Маълум аст, ки маросими тӯй ҳодисаи хеле мураккаб буда, аз оғоз то нитиҳо фосилаҳои зиёде дорад. Аз ин рӯ, ба се давраи муайян таснифи намудани онро ба мақсад мувофиқ донистем. Чунончи:

Арафа ё тайёрии тӯй.

Тӯи калон (никоҳ).

Маросими баъдитӯй ё хотимаи тӯй.

Ҳарчанд масъалаи таснифи услубии суруд ҳоло баҳсталаб аст, вале ҳалли он барои пешрафти кор аҳамияте дорад. Бинобар ин сурудҳои тӯйро аз рӯи услуб ба ду гурӯҳ ҷудо кардем:

Сурудҳои китобӣ.

Сурудҳои даҳанакӣ.

Услуби сурудҳо бо мазмуну оҳанги онҳо алоқаи бевосита доранд. Бинобар ин, мо дар вақти таҳлили мазмуни ҳар гурӯҳе, ки дар поён таснифоташон зикр меёбад, дар бораи хусусиятҳои услубашон низ баҳсе ба миён мегузорем, яъне дар таҳлили ҳар гурӯҳ алоқаи шаклу мундариҷа ба назар гирифта мешавад. Аз ин рӯ, дар ин асар дар хусуси услуби сурудҳо: сохт, воситаҳои тасвир, замон, оҳанг боби алоҳидае илова нашавад ҳам, дар хотимаи ҳар як боби асар ба тариқи ҷамъбаст баъзе мулоҳизаҳои худро зикр мекунем. Дар боби дуюм сурудҳои тӯй аз рӯи мазмун, мундариҷа, тарз ва мувофиқи мавриди ичро ба гурӯҳҳои зерини таснифӣ мешаванд: сурудҳои хабарӣ, сурудҳои тайёрӣ, сурудҳои ҷудоӣ ва фироқ, сурудҳои табрикӣ, сурудҳои тантанавӣ, сурудҳои тавсифӣ, сурудҳои раксӣ, сурудҳои ҳаҷву ҳазл.

Аз рӯи ин гурӯҳҳо онд ба таърихи пайдоиш, дараҷаи

пахншавй ва мавкеи сурудхо дар тўй маълумот дода, мундарича ва гояи сурудхо тадкик мегарданд. Ғайр аз ин, дар тўй мавкеи макол ва зарбулмасалхо калон аст. Зарбулмасал ва маколхои халкй мувофики завки мардум ба кор меравад. Бинобар ин, дар мавридхои зарурй дар хусуси баъзе зарбулмасалхое, ки дар давоми тўй истифода мешаванд, маълумот додем. Инчунин дар охири китоб феҳристи истилохи маросимхои тўй ва сурудхоро низ дохил намудем. Ҳангоми таълифи ин асар танхо номи ҳамон маҳалхоро зикр намудем, ки дар бораи маросими тўи он чойхо каму беш маълумот доштем. Дар рисолаи мо рафти тўй ва истилохи маросими маҳалҳои шимолй ба асос гирифта шудааст, зеро аз ин маҳалҳо бештар материал ба даст даромадааст. Боби таҳлили сурудхо бошад, баръакс, материалҳои маҳалҳои ҷанубро зиёдтар дар бар гирифтааст. Азбаски омўзиш ва гирдоварии фольклори маросими тўи точикон ҳоло давом дорад, дар роҳи тадқиқу таҳқиқи васеи он рисолаи мо қадами нахуст шумурида мешавад ва доманаи ин кор албатта ба ҳамин қатъ нахоҳад шуд.

Дар хусуси интихоби истилохи маросими тўй хаминро бояд гуфт, ки калимаи **тўй** дар луғатхо ин тавр шарҳ ёфтааст: тўй мансуб ба забони туркй буда, маънояш чашн, сур, ид, маросими хурсандй, ки ба муносибати арўсй барпо мегардад. Дар байни халқ таркиби тўю сур низ дида мешавад[29]. Азбаски маросими тўй дар байни точикон аз даврои интихоби арўс то интихояш бағоят мураккаб ва маъракахои зиёдеро дар бар гирифтааст, мо сурудхоро аз рўи мазмун ва даврахои тўй ба мавзўъхои зерин таснифи кардем: сурудхои давраи аввалро хабарй, тайёрй, чудой ва фироқ ва сурудхои давраи дуюмро тантанавию табрики, ракснву тавсифй номидем. Ҳарчанд як қисми истилохот аз тарафи ҳуди муаллифи интихоб шудаанд, қисми зиёди онхо махсули эҷоди халқист. Дар мавридхое, ки истилохи маҳаллй мақсадро пурра ифода карда наметавонистанд, аз рўи мазмуни ҳамон фасли тўй ва сурудхояш сарлавҳа, аниқтараш истилохи шартй гузоштем. Инчунин: **арўсталабонро** дар Кўлоб **хафтаталабон** дар Исфараву Конибодом **келинчеғон**, дар Ғончй **хунаталбон**, дар Самарқанд **талбон** ё **келинталбон** ва дар Нурато **келинсалом** меноманд. Азбаски **арўсталабон** шакли ба забони адабй наздик ва маъмули ин истилох ба шумор меравад, барои истифода ҳамин калима интихоб шуд. Дар мавриди истифодаи дигар истилохот низ ба ҳамин равиш риоя шуда, маъмулгарин шакли ин ё он калима ба кор рафт. Чунон ки зикраш гузашт, аксар истилохоти рафти тўй бо суффикси **он** сохта шуда, маънои махсуси мавридхои ин маросимро ифода мекунад. Ҳамчун, чомабуррон, кўрпадўзон, рахтзанон ва ғайра. Дар рисола шакли аслии ин калимаҳо инҷо дошта шуданд.

Ишораи маъхазхо дар асар асосан ба шакли сигнатураи захираи дастнависхои фольклор қарор гирифт. Баъзе сурудхое, ки пеш аз ба тартиби нав даромадани фонди фольклори точик гирд омада буданд, бо тартиби пешина (ном ва фамилияи гўянда, соли таваллуд, чои истикомат ва санъи навишта шудани он материал, ном ва фамилияи навиштагиранда) оварда шуд. Манбаи байтхои чудогонае, ки дар дохили матнхо ба сифати мисол истифода гардидаанд, ишорае наёфтанд, зеро байтхо дар яке аз он матнхое, ки ҳамчун мисол зикр ёфтаанд, дучор мешаванд.

Ин асар соли 1972 дар тахти роҳбарии доктори илми филология Рачаб Амонов ҳамчун рисолаи номзадӣ ҳимоя карда шуд. Пас аз ҳимоя мо ин асарро такмил дода, материалхои иловагӣ дохил намудем.

Дар рафти навиштани асар мо аз маслиҳатхои пурқимати доктори илми филология, профессор Р. Амонов, ходимони калони илмӣ, доктори илми филология Б. Тилавов, номзадхои илм Б. Шермуҳаммадов, Н. Шакармамадов ва дигар кормандони шўъбаи фольклори Институти забон ва адабиёти ба номи Рўдакӣ хеле бахравар гардидем, ки ба рафикони номбурда изҳори ташаккур мекунем.

МУНДАРИҶАИ МАРОСИМҲОИ ТӮЙ

Маросими тӯй чи дар гузашта ва чи дар замони мо аз номзадкунии ду чавон шурӯъ мешавад. Пас аз номзадй, ҳам дар хонаи домодшаванда ва ҳам арӯсшаванда тараддуд ва тайёрии тӯй оғоз меёбад. Мардум кӯшиш мекунанд, ки ҳар як расмияту анъанаҳои тӯйро мувофиқи талаби давру замон ичро кунанд. Бисьёр расму одатҳои миллию анъанавии қадимй то замони мо омада расидаанд. Вале як қисми он расму одатҳо мавқеи пешинаи худро гум карда мардум онҳоро ба тариқи ҳазлу шӯхй ичро мекардагй шуданд. Чунончи, лавҳаи ба арӯсу домод шарбат хӯрондан, орд молидан, оина нишон додан, дар шаби никоҳ, аз гирди гулхан давр занондан, шамъ ва ё машъал гирондан ва монанди инҳо. Ин унсурҳои тӯй барои омӯхтани ақидаҳои анимистй ва фетешизми халқи тоҷик ёрй расонида, як ҷиҳати таърихи халқамонро инъикос менамоянд.

Чунон ки дар муқаддима қайд шуд, ҷиҳатҳои этнографии ин маросим кайҳост, ки диққати бисьёр олимонро ҷалб кардааст[1]. Омӯхтани маросими мазкур аз нуқтаи назари этнография ва фольклор хеле муҳим буда, барои муайян намудани таърихи ҳаёти оиладории тоҷикон ёрии калон хоҳад расонд. Дар асарҳои этнографй ҳар як ҷузъиёти расму оинҳои халқй ба таври пурра таҳлил шудаанд. Рисолаи тадқиқотии Н. А. Кисляков «Оила ва никоҳ дар байни мардуми тоҷик» бисьёр масъалаҳои ба оила ва никоҳи тоҷикон алоқамандро дар бар гирифтааст. Дар ин асар расму одатҳои миллии тоҷикон ва маҳалҳои тоҷикнишини республикаҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, инчунин вилояти Панҷшири Афғонистон ҳартарафа таҳлил гардидаанд. Муаллиф маросими тӯйро ба давраҳои зерин тақсим кардааст:

1. Хостгорй. 2. Тӯи фотиҳа. 3. Давраи байни фотиҳа ва тӯй. 4. Тайёрй ба адои қалин (тӯйбарй). 5. Тӯй (тӯи арӯсй, арӯсбарй). 6. Рӯбинон.

Р. Қодиров ба фикри Н. А. Кисляков такья карда, аз рӯи рафти тӯи мардуми вилояти Қашқадарьё[2] маъракаҳои тӯйро чунин маънидод мекунад:

1. Хостгорй ва ноншиканон. 2. Тӯи фотиҳа. 3. Ҷомабур-

рон. 4. Маслиҳати тӯй. 5. Тӯйфиристонӣ, сурфакушоён. 6. Ҳинобандон. 7. Никоҳ. 8. Тӯи занон. 9. Талбон.

Р. Қодиров вобаста ба ҷиҳатҳои этнографии тӯй мавқеи асарҳои фольклориро муайян намуда, сурудҳоро аз рӯи мавзӯъҳои алоҳида, ҳамчун ифодаи орзу, ишқ, шикоят ва ҳисси шодиву хурсандӣ таҳлил намудааст. Муаллиф инчунин воситаҳои тасвироти бадеии сурудхоро аз назари тадқиқ гузаронидааст. Дар асари Х. Ғ. Эшонқулов таснифи маросимҳои тӯй нисбатан пурратар буда, ҳамаи истилоҳоти халқии маросимҳои тӯй истифода мешаванд.[3] Дар тадқиқоти мо низ ба масъалаи таснифот диққати махсус дода мешавад. Таснифоти мукаммали илмӣ ҳам дар муайян намудани мавқеи фольклор ва ҳам дар таҳлили худи маросим хеле зарур аст. Аз ин рӯ, масъалаи таснифот дар маркази диққати илми фольклоршиносӣ ҳозира қарор гирифтааст.

Пас аз омӯзиши амиқи маросими тӯй мо ба чунин хулоса омадем, ки рафти маросимро ба се давраи зерин тақсим кардан бехтар аст. Ҳар як давра хусусият ва фарқияте дорад.

1. Аз давраҳои аввали ҳомзадкунӣ ва **тӯи фотиҳа** то **тӯи калон**[4] (никоҳ) фосилаи зиёде ба миён меояд, ба сохибтӯй лозим аст, ки дар ин муддат ба тӯй тайёрӣ бинад. Ин тайёрӣ мувофиқи қоидаҳои хоси ин давра анҷом меёбад. Масалан, тарафи домод ба адои калин ва харочоти тӯй машғул шавад, тарафи арӯс рахти хонаро тайёр мекунад. Ба ин вақт, ин давраи маросимро шартан **арафа** ё **тайёрии тӯй** номидан мумкин аст.

2. **Тӯи калон** (никоҳ) аз ҷиҳати тарзи истифодаи асарҳои фольклорӣ мавқеи муайяне дошта, ҳамчун давраи авҷу ривоҷи тӯй суруду таронаҳои зиёдеро дар бар кардааст. Ин қисми маросим, яъне тӯи никоҳро давраи асосӣ шумориданд ба мақсад мувофиқ аст.

3. Давраи сеюми маросими тӯй, ки хотимаи тӯй ҳисоб меёбад, баъзе маросиму маъракаҳои хурд-хурдро дорост. Ҳар кадоми ин маросимҳо як хусусияти фарқкунанда доранд. Маросимҳои баъди тӯй (монанди торканон, чодаркanon, чимиликканон) аз зиёфат ва ё маъракаҳои хурд иборатанд. Дар ин давра мавқеи фольклор ниҳоят суст шуда, танҳо дар қисми занонаи арӯсталабон хондани сурудҳои чудогона ва шӯхию аскиягӯии занон мушоҳида мешавад.[5]

ДАВРАИ ЯКУМ — АРАФАИ ТӮЙ

Ин давра аз расму одатҳои пеш аз хостгорӣ, яъне аз одати ғаҳворабахш шурӯъ мешавад.

Ғаҳворабахш. Аксари халқҳо аз замонҳои қадим бо мақсади хонадоркунии фарзандони худ баъзе одатҳоро ба ҷо

меовардаанд. Аз ҷумла, падару модарони умедвори фарзанд пеш аз ба дунёе омадани кӯдакон байни худ гуфтугӯ мекарданд, ки агар фарзандон яке духтару дигаре писар шаванд, онҳоро ба ҳамдигар **номзад** хоҳанд кард. Қисман пас аз таваллуди кӯдакон дар **синни** ду-сесолаги, баъзан аз он ҳам пештар падару модарон байни худ аҳд баста, онҳоро номзад мекарданд. Барои ин роҳ воситаҳои зеринро ба кор мебурданд. Масалан, тарафи писар бо каллапӯш (токӣ) ё бари ҷома ва ё нӯки остин таги дари хонаи духтардорро рӯфта меомад, ду кӯдакро (яке духтару дигаре писар) ба як гаҳвора мебастанд; домани ҳардуро ба як ҷой монда медарониданд; дар ҳавлии духтардор кунда оварда мепартофтанд; баробари таваллуди духтар писардор гӯши ӯро сӯрох мекард ва ғайраҳо. Ба муносибати маълум намудани маросими номзадкунӣ ё худ пайваст намудани риштаҳои аввали кудоӣ занон дар хонаи духтардор маъракае ороста, хурсандӣ ва рақсу сурудхонӣ менамуданд. Ин одатро тоҷикон **гаҳворабахш,** ӯзбекон **бешиккудо,** қирғизҳо **белкудо** ва русҳо **колыбельное сватовство** меноманд. Ингуна дар байни тоҷикон вобаста ба таъбирҳои дар боло номбар шуда гаҳворабахшро **риштабанд** (дар деҳаи Фориш) **доманчок, домандаронӣ** (дар Ҳисор), **кундапартой** (дар Варзоб) ва монанди инҳо меноманд. Ф. Энгельс вуҷуд доштани одати гаҳворабахши кӯдаконро дар шароити никоҳи ҷуфтӣ кайд карда, навишта буд:

«Дар шароити никоҳи ҷуфтӣ модарон фарзандони худро ба якдигар номзад мекунанд, дар ин ҷо ҳам мулоҳизаи алоқаҳои нави хешутаборӣ, ки бояд мавқеи зану шавҳари ҷавонро дар авлод ва қабила устувортар гардонанд, роли ҳалкунанда мебозанд»[6].

Чунон ки мебинем, дар Тоҷикистон пеш аз революция чун дигар ҳалқҳо тақдири кӯдаконро ҳанӯз аз хурдсолнашон муайян мекарданд. Аз рӯи тадқиқи олимон, аксар камбағалон барои сабук шудани харочоти қалини кӯдаконро гаҳворабахш мекарданд. Ин одатро Н. А. Кисляков **фотиҳаи хурдсолӣ**[7] номидааст.

Одати мазкур дар шароити Тоҷикистон то солҳои 20—30 давом кардааст. Чунон ки Н. А. Кисляков қайд мекунад, соли 1934 қариб нисфи талабагони мактабе аз хурдсолӣ гаҳворабахш будаанд. Муаллиф пайдоиши ин одатро ба давраҳои никоҳи **ортодоксалӣ**[8] мансуб медонад[9].

Мардум ҳангоми гаҳворабахши кӯдакон бештар аз нуқтаи назари кайфият ва орзую ҳаваси худ ва барои мустаҳкаму пойдор гардонидани риштаҳои хешу таборӣ ва оила амал мекарданд.

Дар рӯзи гаҳворабахш аз тарафи модари писар ва духтар тӯҳфа дода мешавад. Чунончи, дар Бухоро ба сари духтар

рӯймол мепартоянд, куртаи нав мепӯшонанд ва аз болои сараш қанду мавиз, чормағзу пул пошида, хурсандӣ мекунанд. Пас аз ин дар байни ин ду оила аҳди кудоӣ баста шуда, то ба балоғат расидани кӯдакон рафту омад ва доду гирифт давом мекунад.[10] Ин доду гирифти дарозмуддат нафақат барои сабук кардани харҷу харочоти қалин, балки барои ба амал овардани орзую нияти падарону модарон ичро карда мешуд. Пас аз ин ба духтари побандгардида ҳеҷ кас талабгор намешуд.

Гохо аҳду паймони кудоҳо бо чандин сабабҳо вайрон мешудааст. Баъд аз ба синни муайян расидани духтар падарэш домодшавандаро аз ягон чиҳат маъқул надониста, мувофиқи зарбулмасали «Булбул бо булбулу, зоғ бо зоғ» ба шахси дилхоҳаш медод. Баъзан падар аз касе қарздор шуда, духтарашро ба адои қарз мефурӯхт. Дар ин гуна мавридҳо гӯё гаҳворабахши духтар ҳак доштааст, ки дар шаби никоҳ ба зери чимилик дарояд, зеро мувофиқи шартномаи **гаҳворабахш** тақдири ин духтар ба номзади аввалааш вобаста карда мешудааст.

Ҳоло бо ҳукми таърих ва тараққиёту пешрафти ҷамъият одати гаҳворабахш заминаи ҳаётии худро гум карда, ба як ҳодисаи кӯҳнаи номақбул табдил ёфтааст.

Интихоби арӯс. Дар замони падаршоҳӣ, инчунин дар давраҳои баъдина бештар арӯсшаванда бо ташаббуси падару модарон ва хешу табори домодшаванда интихоб карда мешуд, хусусан падар дар оила роли асосиро мебозид, чунонки Ф. Энгельс мегӯяд:

«Дар сар то сари давраи қадим никоҳро бевосита тарафайн не, балки падару модарони онҳо (кӯдакон.—*З. Ф.*) мебастанд ва тарафайн бо оромӣ ба ин аҳвол тан медоданд»[11].

Ин фикри Ф. Энгельс бевосита ба интихоби арӯс ҳам таалуқ дорад, зеро дар гузашта ҷавонон арӯси интихоб кардаи падару модарони худро бегуфтугӯ қабул мекарданд ва ба рад кардани таклифи онҳо ҳукук надоштанд.

Вале бо тараққиёти ҷамъият дар интихоби арӯс ақидаи мардум тадричан дигар шуда, худи ҷавонон ҳам дар ин кор фаъолият нишон медодагӣ мешуданд. Чунончи, ҷавонони сак бо духтарон дар майдон кувваозмоӣ намуда, духтари мағлуб кардаашонро ба заноӣ мегирифтанд[12], ё ки қазоқҳо пойгаҳ мемонанд ва ғайра.

Ғайр аз ин, дар гузашта мардум дар интихоби духтар ба чизҳои зерин диққат медоданд: онҳо баробари ба эътибор гирифтани кордонию чобукӣ, ба масъалаи ба меҳнати вазнин лаёқат доштан ё надоштани арӯс диққати махсус медоданд. Баъдтар зебоӣ ва фаросати духтар ҳам роли махсус мебозидагӣ шуд. Бо мурури замон бисьёр намуди урфу одатҳо, вобаста ба ин тарзи интихоби арӯс ҳам тағьир ёфт. Вақте ки

оилаҳои доро соҳиби сарвати зиёд гардидаанд, дар интихоби арӯс акнун на фақат ба чусту чолокии духтар, балки ба хонадон, насаб ва дорои падари ӯ ва сифатҳои неки модар[13] ҳам диққат ва эътибор медоданд.

Зарбулмасали «Хока гирӣ — аз хоктӯдан баланд гир» дар вақти интихоби арӯс ва духтаркобӣ[14] ба кор бурда мешавад. Мурод аз «хоктӯдан баланд» оилаи сарватманд ва баобрӯй аст.

Интихоби арӯс ва ташкили оилаи нав баъзан ба кӯшиши ду чавони дилдода, ки бештар дар сайру гашт ва идҳои бахорӣ[15] ба вуқӯъ меомад, низ вобаста аст.

Мардум чӣ дар замони гузашта ва чи дар шароити ҳозира пеш аз ба духтар талабгор шудан дар оилаи домодшаванда байни худ машварат мекунанд ва номи якчанд духтарро ба забон гирифта, яке аз онҳоро ба арӯсӣ мувофиқ дониста, бо мақсади хешӣ гирифтан духтархушкун мефиристанд. Вале дар баъзе маҳалҳо пеш аз ба кори хостгорӣ шурӯъ намудан падару модари домодшаванда ба мақсади фаҳмидани маромӣ онҳо ду шахсро (одатан занҳоро) ба хонаи духтардор мефиристанд. Занҳои фиристодашуда мақсади худро ошкор накарда, «рамузу гапаша» мефаҳманд. Шахсонеро, ки духтарро интихоб мекунанд, дар Ҳисору Ғарм **пешипобин**, дар Кӯлоб **духтархушкун**, дар деҳаи Оқсӣ (вилояти Самарқанд) **овтозакунак** ва дар Ӯротеппа ва Ленинобод атрофи он **духтарбен** ё ки **духтарсайлакун** ва дар Помир **духтаринтихобкун** меноманд.

Давраи фиристодани хостгорон аз интихоби **хостгор** ва **миёнарав** шурӯъ мешавад. Хостгорон аз ҷумлаи шахсони наздик, хешовандон ва аз занони кордидаву чолок, обрӯманд, чашмикордон[16], яъне сухандон ва дар ин кор маҳоратнок интихоб мешаванд. Ба **хостгорӣ** занҳо ва гоҳо **мардон дар рӯзҳои муайян**[17] мераванд. Онҳо танҳо барои розӣ кунонидани падару модари духтар роль мебозанд. Дар ҳалли бисьёр масъалаҳои ташкили тӯю оилаи нав шахси миёнарав ё далолаткунандаро лозим аст, ки аз рӯзҳои аввали хостгорӣ то интиҳои тӯй роли миёнаравиро бибозад. Миёнарав бояд шахси кордон, суханпардоз, куҳансолу зиндагӣ озмуда бошад. Вай дар бобати гирифтани розигии оилаи духтар, муайян намудани харочоту тартиби гузаронидани тӯй ва ғайра фаъолият нишон медиҳад. Азбаски миёнарав дар ҳалли чунин масъалаҳо роли асосиро мебозад, ӯро дар байни халқ шахси «такдирчунбон», ҳалкунандаи «савдои умр» меноманд. Миёнарав ҳам аз мардон ва ҳам аз занон интихоб мешавад. Ба ин масъала Н. А. Кисляков низ диққати махсус дода, қайд мекунад, ки миёнарав бояд ба ҳурмати ҳама сазовор бошад, то ки суханҳои ӯ рад нашаванд[18]. Инчунин лозим аст, ки қиёфаи шахсӣ ва маънавии

миёнарав дилхоҳ, ба қавли мардум, ӯ одами чор кас медидагӣ бошад.

Қалимаи **хостгорро** дар Кӯлобу Варзоб **оқсаққол,**[10] **авсақол,** дар Ҳисор, Самарқанд, Ӯротеппаву Ленинобод **завчӣ,** дар Бухоро **хӯскор, духтарков,** дар Қаротегину Дарвоз **гапрасон, хостгор,** дар деҳаи Рарзи райони Айнӣ **духтарталб** ва дар ҷамоати Сӯхи райони Олтинриқ **хоча** меноманд.

Хостгорӣ. Хостгорон барои ба зудӣ гирифтани розияти падару модари духтар чунин чорабиниҳо меандешанд: ба хонаи духтардор сакич мебаранд, ки арӯсу домод часпону печон шаванд; дар сар пахта монда мераванд, ки пеши роҳи ин ду ҷавон монанди пахта сафед бошад; донаи гандуму биринҷ мебаранд, ки онҳо сердона, серфарзанд шаванд. Инчунин аз хонаи духтардор барои домод ширинӣ меоранд: ширинӣ рамзи ширинишавии ҳаёти ҷавонон аст. Дар зери пои духтар чӯб мепартоянд, ки хулқу одоби ӯро бифаҳманд ва монанди инҳо.

Дар Ӯротеппа хостгорон дар оташдон оташ мегиронанд, ки муносибати духтардор бо онҳо гарм шавад; чилим намекашанд, ки сӯҳбаташон мисли тамоку талх нашавад. Ҳамаи ин рамзҳо ақидаҳои қадимаи мардумро инъикос мекарданд ва онҳо рафта-рафта ба ҳукми одатҳои анъанавӣ даромада буданд.

Фиристодагони тарафи домод — **хостгорон** дар рӯзи аввал мақсади худро ошкоро баён намекунанд. Онҳо пас аз муқаддима ва суханпардозиҳои зиёд касбу кор, ҷизу ҷора, чои истиқомат, хонадону насаб ва хешу табори домодшавандаро таърифу тавсиф намуда, диққати онлаи духтарро ба тарафи худ мекашанд. Рафти сӯҳбати байни хостгорон ва духтардор шавқовар мегузарад. Тарзи сӯҳбат ва саволу ҷавоби онҳо баъзан ба як намоиши пуршукӯҳи саҳнавӣ мубаддал мегардад, ки намунаи онро Р. Қодиров дар рисолаи худ ба шакли як порчаи асари драмавӣ овардааст: «Хостгоре (ба падари духтар муроҷиат карда): Қанӣ хезед, нона биёред, вақт рафт. Падари духтар (ҳазломезона хандида); Ҳа, боз чӣ хел нон, охир хӯрок хӯрдетон, боз аз ман чӣ талаб доретон. Хостгори дигар (бо эҳтиром) моҳон ба ватани шумо ба умед омадагӣ, аз шумоҳон як фарзанд металабем. Сари фарзанда дута кардан ба падару модар карз, ин касби ота-бобо, мегӯяд.

Падари духтар:

— Ихтиёри духтар як худи манба не, мана **да ин, ча тағош, акоҳош, амакҳош** ҳастан, инҳо чӣ гӯн, мо ҳам ҳамин-дия. Баъд аз он ки ҳама розӣ шуданд, яке аз хостгорон (бо қатъият ба падари духтар муроҷиат карда):

— Хезед нона биёред, мана инҳо ҳам розӣ шудан, боз чи мегуед, моҳона бисьёр саргардон накунед!

Яке аз хешовандони духтар:

Хай, майлаш, тақдираш рафта бошад, ҳамин-дия»[20] мегўяд.

Сўҳбати хостгорон метавонад аз суханҳои хушку холӣ ва расмӣ иборат шавад. Вале ҳар чанд, ки хостгорон гапдону ботачриба бошанд, саҳнаи драмавӣ ҳамон қадар пуркувват мегардад. Ҳатто натичаи хостгориро ба падару модари писар бо ифтихор арз мекунанд:

«Падари писар ба хостгорон рў оварда;

— Читу, шер омадетон ё руба?

Хостгорон:

— Алҳамдулиллоҳ, шер омадем, ҳоли як духтар-ку, даҳта духтара метияд сухани моҳонба, сухани моҳон бурро»[21].

Чунин ҳам мешавад, ки агар арўсшаванда аз хешовандони домод интихоб шуда бошад, хостгорон бе ҳеч гуна гуфтугўи пешакӣ бе муқаддимаву суханпардозиҳо асли мақсадро ошкоро баён мекунанд. Чунончи:

«Ман да иззати шумо омадам. Агар лозим бинед, духтаратона келин кунам, «девор ба беруи ғалтидана ба дарун ғалтад» гуфта омадем»[22] гўён хостгорон фикрашонро баён мекунанд.

Агар духтардор хулқу атвори домодшавандаро аз ҳар ҷиҳат писандида, ўро ба духтараш муносиб бинад, хостгоронро дафъан дигар[23]хушу хурсанд пешвоз гирифта, «барои шумо як духтар не, сад духтарро медиҳам», гўён изҳори розигӣ менамояд ва ҳаёти хушу хурсандона орзу мекунад: «Омин, созворӣ тияд, чароғакашон сўзад, гапашон якта шавад»,— гўён даст ба рўй мекашад. Агар домодшавандаро аз ягон ҷиҳат маъқул нашуморанд, бо ҳар баҳона таклифи хостгоронро рад ва ҳатто дастовезашонро дода аз хонаашон гусел мекунанд. Дар Яғнобу Вахио[24] хостгоронро ҳатто зиёфат ҳам намекунанд. Дар баъзе маҳалҳо мардум мавқеъро аз даст надода, бо баҳонаҳои «ҳоло духтарамон хурд аст», ё ки «фурсати тўй кардан надорем» ва ғайра хостгоронро мегуселонанд. Дар чунин мавридҳо хостгорон ҳам паст наомада, аз розӣ нашудани духтардор сахт ранҷида, «моро ба ту кор шуд, гардани ту дароз шуд», ё ин ки «як дари бастаю сад дари кушода, гуфтаанд», гўён баромада мераванд.

Нависанда Ҷалол Икромӣ дар романи «Духтари оташ» лаҳзаи ба Фирўза хостгор омадани хоҳари Бақочонро моҳирона тасвир кардааст[25]. Чунин манзараи сўҳбати хостгорон ва соҳиби духтар дар бисьёр афсонаҳои халқӣ низ дучор мешавад[26].

Барои нишонаи розигӣ духтардор ба хостгорон нон, матои сафед ё либосворӣ медиҳад[27]. Дар гуфтугўи байни хостгорон ва падару модари духтар, мувофиқи анъана, иштироки худи арўс қатъиян манъ аст. Баъди ду-се рўз хешовандони духтар бо иштироки миёнарав барои дидани домод, хешу табор, аҳли оила ва ҳавливу чои ў ба хонаи домодшаванда мераванд.

Азбаски дар Тоҷикистони пеш аз инқилоби одати никоҳи маҷбурӣ ҷорӣ буд, ҷавонон ҳамдигарро надида номзад мешуданд ва то шаби тӯй аз ҳамдигар рӯй паноҳ мекарданд. Бинобар ин домодро ақаллан дидани хешу табори арӯсшаванда лозим буд. Тақдири духтар ғайри хоҳишу иродаи ӯ ба як шахси бегона вобаста мегардид. Ф. Энгельс дар ин хусус гуфтааст: «Дар даврани варварӣ... ду одами ношиносро бо ҳам номзад мекунанд...»[28].

Азбаски ҷавононро надида хонадор мекарданд, мардум одати домодбиниро ба миён оварданд. Ин одат дар Бухоро чун маросими алоҳида қайд мешуд. Шахсоне, ки барои дидани домод меоянд, аввал аз ҳамсоягон дар бораи хулқу атвор, обрӯю эътибор, касбу кор ва ҷою манзили ӯ мепурсанд ва агар ба дидашон муносиб бошад, ба ҳавлӣ медароянд. Ба муносибати омадани онҳо дар хонаи домодшаванда зиёфате ташкил карда мешуд, ҳатто дар ин рӯз арӯсшавандаро ба домод нишон медоданд. Онҳо домодро аз назди фиристодагони оилаи духтар мегузаронанд. **Домодбинон** дар байни мардуми рус **смотрины** ном дорад. Барои ба шавҳар додани духтар розигии қатъӣ надода бошанд ҳам, русҳо низ монанди мардуми тоҷик, аз тарафи оилаи духтар барои дидани хонаву ҷой, падару модар ва худи ӯ одам мефиристанд. Фиристодагони оилаи духтар баъд аз дидани домод, агар ӯро аз ҳар ҷиҳат маъқул шуморанд, дар бозгашт ба хонаашон таклиф намуда, ҷунин мегӯянд: «хоҳишмандем, лутфан бо домодшаванда ва шароб ба хонаи мо биёед»[29].

Пас аз домодбинӣ ва розӣ шудани падару модари духтар давраи хостгорӣ ба итмом расида, рӯзи **маълумкунӣ, қабулдорамро муайян мекунанд.**

Қабулдорамро дар Хисору Нурато **рӯмолтиён,** дар Хуҷанд **ҳагӯён, сафедитиён,** дар Самарқанд **қабулдорам,** дар Ӯргут **маълумкунӣ,** дар деҳоти вилояти Фарғона **маъқулдорам** меноманд. Қабулдорам марҳилаи аввал, яъне тайёрии тӯй буда, танҳо бо мақсади маълум кардани номзадшудагон қайд мегардад. Дар ин маърака занон ё мардон иштирок намуда, дар ҳаққи ин ду ҷавон бо орзуҳои нек, монанди «қӯшапир, серфарзанд, пири бадавлат шаванд», риштаҳои аввалини хешии байни оилаи арӯсу домодро мепайванданд. Дар рӯзи қабулдорам барои арӯсшаванда матои сафед мебаранд[30], ки он «куртаи бахт» ном дорад ва арӯс дар шаби аввали арӯсияш он куртаро дар бар мекунад.

Ноншиканон. Ин маросим ҳам бо мақсади маълумкунӣ қайд карда шуда, доираи он нисбат ба қабулдорам васеътар аст. Дар ин маросим бештар калонсолон—мӯйсафедон иштирок мекунанд. Дар баъзе маҳалҳо иштироки **занон низ** мушоҳида мешавад, ки онро **ноншиканони занона** мегӯянд. Дар ин рӯз барои зиёфати кудоён дар хонаи арӯсшаванда

таомҳои гуногун, монанди **оши палав, самбӯса ва чалпак** мепазанд. Ҷамъомадагон аз байни худ як шахси кӯҳансолро мефармоянд, ки аз нонҳои тарафи домод чор нонро[31] якҷоя монда шиканад. Аз ин чост, ки ин маросим номи **ноншиканон-ро ба худ гирифтааст.**[32]

Дар бисьёр маҳалҳои тоҷикнишин дар рӯзи маросими ноншиканон миёнарав миқдори харочоти **тӯи фотиҳа** ва қалини духтарро муайян мекунад ва натиҷаашро ба домодшаванда ва падари ӯ мерасонад. Ин мавриди маросимро **андозу бардор**[33] меноманд. Инчунин хабари ноншиканонро ба домод расонида, «нон шикастем, шодиёна тед», гӯён аз домод ҷома, ҳатто асп мегиранд[34].

Дар Самарқанд ва дар деҳоти атрофи он рӯзи муайяне миёнарав бо ҳамроҳии ду-се мард ба хонаи духтар меравад. Инро **оқсақолравӣ** мегӯянд. Пас аз сӯҳбату хӯрдани таом миёнарав хеле устокорона риштаи суханро ба даст гирифта, ҳамроҳи ҳозирон миқдори харочоти тӯи фотихаро муайян мекунад. Агар чизҳои талаб кардаи падари духтар ба онлаи домод маъқул афтад, онҳо ду-се рӯз пеш аз тӯи фотиҳа ба хонаи арӯсшаванда масолеҳи тӯи фотиҳаро мефиристонанд.

Дар деҳаи Рарз пас аз фиристодани масолеҳ барои маълумкунӣ дар хонаи духтардор занони деҳа ҷамъ мешаванд. Онҳо ба ин муносибат аҳли онлаи духтарро муборакбод менамоянд[35].

Тӯи фотиҳа. Маросими тӯи фотихаро дар Ҳисор ва деҳоти атрофи он **тукузбарӣ, фотиҳадиҳӣ,** дар Ленинобод, Бухоро ва Самарқанд **фотиҳа ё тӯи фотиҳа,** дар райони Ургут **тукуздиҳӣ** меноманд. Барои бошукӯҳтар сурат гирифтани ин маросим дар ҷойҳои номбурда созандагон, раққосони касбӣ даъват шуда, онҳо бо рақсу суруд маъракаро метафсонанд. Дар ин лаҳза ханда ва нидоҳои шодию хурсандии аҳли маъракa баланд шуда, дар охир ба як манзараи бошукӯҳ табдил меёбад. Гоҳо дар рӯзи **тӯи фотиҳа сурнайчиҳо** нштирок карда саҳначаҳои лӯхтакӣ намоиш медиҳанд. Дар рӯзи тӯи фотиҳаи Бухоро ва Нурато занон шеърхонӣ ва мухаммасгӯӣ мекунанд, ки ин манзара бештар ба байтбарак шабоҳат дорад. Пас аз хӯрдани таомҳои гуногун ва ғундоштани дастархон ягон хешӣ наздики домод дар даст пиёлаи чой ё майро гирифта мухаммас мегӯяд. Мухаммаси аввалин бештар ба раққоса бахшида мешавад.

Дар маросими **тӯи фотиҳа** то 7 хел таом пухта, чоршарбат мекашанд. Чоршарбат аз навъҳои гуногуни ширинӣ иборат буда, миқдори онҳо ба 50—60 хел мерасад, ки онро аз Бухоро, Уротеппа, Ленинобод—**боркаш** ва дар Самарқанд—**лаълиқашӣ** меноманд. Навъи таомҳо масалан, дар Самарқанд чунин аст: **оши палав, угро, ширбиринч, барак, ҳасиб,**

тухм, **самбӯса** ва ғайра, дар Нурато, Фориш **чалпаку катлама**, дар Исфара **бурак** ва ғайраҳо тайёр карда мешаванд.

Манзараи дидани маҳри арӯс хеле ҷолиби диққат аст. **Махрбинироо** дар Кӯлоб **сарупобинӣ**, дар Самарқанд **бисотбинӣ** ва дар Ӯргут **чизбинӣ, тухузбинӣ** ва дар Исфараву Конибодом, Ӯротеппа **чиҳозшумурӣ**, дар райони Олтиариқи Фаргона **чизнишонтияк** меноманд. Дар вақти аз назар гузаронидани **чиҳез**[36], маҳри арӯсу домод ҳама изҳори шодӣ намуда, дар хакки онҳо суханҳои нек мегӯянд. Чунончи: «Ҳай-ҳай, чизҳои нагз, инҳоро пӯшида дарронанд, насибу рӯзӣ кунад». Як зани солхӯрда ба либоси арӯс кайчӣ мезанад. Дар ин вақт занон бо як овоз **«тӯй-тӯй»**—гӯён карсак зада, изҳори шодӣ мекунанд ва «келину домод кӯшапир шаванд, арча барин сабз шаванд, ба ҳамдигар ошиқу маъшук, сербачаю сердухтар шаванд, тӯю тамошо бинанд, ба пою кадам шаванд», гӯён даст бар рӯй мекашанд.

Дар охир чун аломати номзадӣ ва барои бастани даҳони мардум ба ҳаман занон рӯймолча медиҳанд. Дар ҳамин маврид дар баъзе маҳалҳо кудоён ба ҳамдигар сару либос тӯҳфа мекунанд, ки инро **киетпӯшон**[37] низ меноманд.

Бар хилофи одате, ки дар бисёр маҳалҳо арӯс аз хешу табори домод рӯй панаҳ мекунад, рӯзи тӯи фотиҳа дар Бухоро арӯсшавандаро ба кудоҳо нишон медиҳанд. Модари домод аз рухсораи арӯсшаванда бӯсида ба сараш рӯймол меандозад, ангуштарин тӯҳфа мекунад, ки инро **рӯйбинон** меноманд. Мувофиқи маълумоти Н. А. Кисляков ин одат дар Язғулом ҳам айнан ҳамин тавр қайд карда мешудааст[38].

Манзараи гусели кудоён аз тарафи хешовандони домод низ мароқовар мегузарад. Кудоён барои хайрбод ба ҳамдигар чунин изҳор мекунанд: «хуш омадед, бибиқудоҳо, ҳар кадаме мондед, болои дида, тоҷи сар...» Дар лаҳзаи **муборакбодӣ** низ ҳамин гуна суханҳо гуфта мешаванд. Масалан, дар Фориш ин тавр мегӯянд:

Омадем, муборак бод
Дуйнора кунад обод.

Агар пас аз **кабулдорам** ё **ноншиканон** тарафи духтар аз тарафи писар норозӣ шавад, онҳо метавонанд кудогии якдигарро рад кунанд. Вале тӯи фотиҳа мустаҳкамтар аст, зеро аз рӯи ақидаи мардум тӯи фотиҳа «мӯҳри худо» аст. Тӯи фотиҳаро инчунин инми тӯй низ мешуморанд. Ин ришгаи пайвастро баркандан, ба ақидаи мардум, гӯё нохушиҳо меорад.

Муносибати кудоён пас аз тӯи фотиҳа. Пас аз тӯи фотиҳа доду гирифт ва рафту омади кудоён ба таври расмӣ шурӯъ мешавад. Ба ин восита ришгаи муносибатҳои хешу табории байни онҳои арӯсшавандаву домодшаванда инкишоф меёбад.

ва мустаҳкам мегардад. Доду гирифтҳо аз гирифтани **қалин**, фиристодани **таги чой** (таги лаълӣ) пас аз тӯи фотиҳа, лаълигардонӣ, идӣ (дар идҳо) ва **тӯйбарӣ (борбарӣ)** иборат аст.

Ба арӯс маҳр додан ҳанӯз аз замонҳои қадим расм буд. Дар Рими қадим маҳр ҳам пулакӣ ва ҳам бо воситаи мол адо карда мешуд.

Қалингирӣ (Маҳр). Дар кӯҳистони Тоҷикистон ҳам дар гузашта барои духтар аз оилаи домод қалин мегирифтанд. Қисме аз ин қалин, чиҳози арӯсшавандаро низ ташкил мекард[39]. Шахсонеро, ки қалин (маҳр)-и духтарро муайян мекунанд, **маҳрбур-қолабур** гӯянд. Дар бораи тарзи гирифтани қалин ва миқдори он Н. А. Қисляков ба таври пурра ва ҳартарафа маълумот додааст[40].

Одати барои духтар қалин гирифтан нишонаҳои бокимондаи давраи модаршоҳӣ буда, дар баъзе мавзеъҳо ҳамчун нишонаи давраи хариду фурӯши духтар бокӣ мондааст. Ф. Энгельс ба масъалаи қалин диққати махсус дода, дар хусуси дар даврахои варварӣ вучуд доштани ин одат чунин навиштааст: «... домод пеш аз тӯй ба хешу табори арӯс (яъне ба хешони тарафи модари ӯ, аммо на ба падарарӯсаш ва хешони вай) ҳадя ва бахшишҳо медиҳад. Ин ҳадя қалини духтар мебошад»[41].

Аз ин гуфтаи Ф. Энгельс хулосае бар меояд, ки пас аз таназзули оилаи чуфтон ва модаршоҳӣ анъанаи фурӯхтани духтар сар мешавад, ки ин давраи гузариш аз оилаи модаршоҳӣ ба оилаи падаршоҳӣ мебошад. Дар хутбаи никоҳи мусулмонӣ гуфта шудааст, ки албатта аз тарафи домод барои арӯс **қалин** (садақа ё маҳр) дода шавад. Вале дар ин масъала вазъияти иктисодии ҳар ду тарафро ба эътибор гирифтан лозим буд. Аммо аксар вақт ба ин қоида риоя карда намешуд.

Қалин дар давраи пеш аз исломӣ ба хешовандони арӯс тааллуқ дошт. Мувофиқи нишондоди «Қуръон» қалин ба худи арӯс дода мешавад. Дар рисолаи «Қонуни мусулмонӣ» гуфта шудааст, ки ҳатто дар замони Гомер ҳам барои духтар қалин мегирифтаанд. Дар он вақт арӯсро «Духтари ба ахли оилааш барзагови бисьёре тӯҳфакунанда» мешумориданд[42].

Ин одат дар Германия то охирҳои асри миёна давом кардааст. Дар Эрон бошад, қалин ба маънои маҳр фаҳмида мешуд. Одати қалингирӣ дар байни халқҳои Осиёи Миёна то охирҳои асри XIX ва аввали асри XX ҳамчун қонун давом мекард. Пас аз Революцияи Кабири Октябрь қалингирӣ аз байни тоҷикон барҳам хӯрда бошад ҳам, дар баъзе маҳалҳо қисман давом дорад. Қалингирӣ махсусан дар кӯҳистон аз ҳад зиёд талаб карда мешуд, ҳатто аз қалини духтар ҳаман хешовандон бахраманд мегаштанд. Вазнини қалин асосан ба гардани домод ва оилаи ӯ меафтид. Ғайр аз

ин, дар Мастчоҳ, Панҷакент, Кӯлоб, Ғарм, Қаротегин, Дарвоз домодшаванда агар қалинро дода натавонад, якчанд сол дар оилаи арӯсшавандааш хизмат мекард ё ин ки солҳои дароз ба шаҳрҳои дигар рафта молу пул ҷамъ мекард. Баъзан тӯи никоҳ барпо шавад ҳам, агар домод қалинро адо накарда бошад, падар духтарашро ба каси дигар медод.

Чунон ки мебинем, барои оилаи зангиранда адои қалин хеле вазнин ва додани он ба сари ӯ машаққатҳои зиёде меовард. Дар шаҳрҳо ба ҷои қалин шакли дигари он — **тӯқуз (бисот)**, ки барои буньёди оилаи нав лозим аст, гирифта мешуд. Инчунин харочоти калони тӯйро низ талаб мекарданд. Илова бар ин, маъракаҳои зиёде вуҷуд доштанд, ки ба ҳар кадоми онҳо пули бисьёр харҷ шуда, арзиши чандин қалинро дар бар мегирифт. Ҳангоми хондани хутбаи никоҳ[43] нақдинаи барои шаҳр таъин шударо «нисфи он нақду нисфи он насия», гуфта қайд мекарданд, вале додани «нисфи насия» аз қадим одат иест. Ин **маҳри** ваъда кардашуда асосан ба харочоти тӯй иваз карда мешавад, ки ин қоида бештар дар шаҳрҳо, махсусан, дар Бухорову Самарқанд, Хуҷанд ҷорӣ буд. Гоҳо дар ивази маҳри духтар як қисми бор, ҳавлӣ ва ғайраро хату мӯҳр карда дода мешуд[44]. Вақтҳои охир, ки савияи маданияи аҳолии шаҳрҳо ниқишоф ёфтааст, ин одати диний-феодалӣ аҳамияти пешинаи худро гум карда, ҳукми барҳамшавӣ гирифтааст ва барои тамоман решакан кардани он одат муборизаи шадид давом дорад.

Пас аз тайёр шудани қалин падари домод ва ду нафар мардони кӯҳансол ҳамчун вакил ба хонаи духтардор мераftанд ва рӯзи тӯйро муайян мекарданд.

Таги ҷой.[45] Чунон ки дар боло хотиришон шуд, пас аз тӯи фотиҳа қудоён ба ҳамдигар расман доду гирифт мекунанд. Яке аз ҳамин гуна доду гирифт ташкили таги ҷой мебошад. Ин одат вобаста ба идҳо боз ҳам инкишоф ёфта, сабаби мустаҳкамшавии ришгаи дӯстии оилаи арӯсу домод ва муносибати қудогии онҳо мегардад. Таги ҷой асосан аз ҳар гуна таом, ширинию нон, сару либоси арӯсу домод ва тӯҳфаҳои гуногун иборат аст. Фиристодани таги ҷой дар Ленинобод, Самарқанду Бухоро **самбӯсабарон**, дар Нуратову **Фориш чалпакбарон**, дар Исфара ва баъзе деҳоти вилояти Қашқадарьё **шайтонтавоқ (шайтонош**[46]**)** номида мешавад. Ин одатро дар баъзе маҳалҳои кӯҳистон ҳам дидан мумкин аст, вале дар фиристодани таомҳо баъзе фарқиятҳо дида мешавад.

Фиристодани таги ҷой мувофиқи анъана дар ҳар маҳал ба тарзҳои гуногун мегузарад. Чунончи, **чалпакбарони** мардуми Фориш бо тантанаву сурур мегузарад. Дар ин маврид ҷавонзанон лаълиҳои чалпакро дар сар гузошта, то хонаи арӯсшаванда суруд хондаву доира (табурак) зада мераванд

ва дар роҳ чунин мисраъҳоеро аз суруди «Чалпакбарӣ» мехонанд:

Чалпак мебарем моён,
Тайёр шавед, кудоён[47]

Ҳангоме ки чалпакбарон ба хонаи арӯсшаванда **наздик** омаданд, кудоён ба пешвози онҳо расми ордпошӣ-ро[48] ба ҷо меоранд. Ордпошӣ як вақтҳо ҳамчун одат иҷро карда шавад, ҳоло ба бозии шавковар ва саҳначаи ҳаҷвӣ-мазҳакавӣ **мубаддал** шудааст.

Дар Нурато дар рӯзи дуюми **тӯйи фотиҳа** аз тарафи оилаи духтар **оши падархӯрак** мефиристанд. **Оши падархӯрак** аз табақи ош ва чалпак иборат буда, ба ивазаш аз хонаи домод лаълии ширавор, ион, гӯшт ва сару либос медиҳанд. Дар бегоҳии рӯзҳои бозор **бегоҳии бозорӣ** гӯён ҳар гуна савғо равон мекунанд. ва ғайра.

Ба ҳамин тариқ, фиристодани таги ҷой ва лаълигардонӣ то маросими тӯй чандин маротиба такрор шуда, барои «орзушиканӣ» бо номҳои **бегоҳи идӣ, бегоҳи бозорӣ** (дар Исфара) **бегоҳи чумъагӣ, меваи баҳор, оши баҳор, сафеди нав** дар Ғончӣ[49] ва ғайраҳо доду гирифти кудоён давом мекунад.

Дар идҳо ва ҷашнҳои махсус ҳар гуна тӯҳфа ва савғоҳои идӣ фиристодани оилаи номзадшудагон дар ҳамаи маҳалҳои тоҷикнишин анъанаи қадимист. Хусусан, дар идҳои соли нав (Наврӯз), Оби раҳмат, кудоҳо байни худ **идӣ** мефиристанд. Идӣ аз савғоҳои зерин иборат мешавад: **сақичу ҳино, ойна (барои арӯс), атру упо, ӯсмаю сурма, ангуштарин, собун, лаълии ширавор,** барои арӯс сару либос ва ғайра.

Идӣ аввалҳо танҳо пеш аз идҳои миллӣ фиристода мешуд, ҳоло баъзеҳо ҳам дар идҳои миллӣ ва ҳам ҷашнҳои умумихалқӣ ва гоҳо танҳо дар рӯзи идҳои Май, Октябрь **идӣ** мефиристанд, вале як қисм одамон ин одатро рноя намекунанд. Дар байни анъанаҳои наву кӯҳна муболиза меравад ва тадричан расмҳои нав ҷорӣ шуда истодаанд.

Дар Бухоро рӯзи ид аз тарафи хонаи арӯсшаванда идӣ гӯён **мохибирьён, самбӯса, ҳалво** равон мекунанд. Домод ҷӯраҳояшро даъват намуда, **самбӯсахӯрон ва либоспӯшон** мекунад. Дар хонаи арӯсшаванда низ дугонаҳо даъват карда мешаванд.

Дар Нурато домод рӯзи ид ба хонаи арӯс **савғои** идӣ мебарад[50]. Дар ин рӯз арӯсшавандаро дар зери чимилиқ шинонда ба домод ишшон медиҳанд ва инро **домодбинон** меноманд. Ғайр аз ин дар идии Соли Нав духтарон ба сайри дараи **«Чилдухтарон»** мебароянд.[51]. Дар ин сайру гашт духтарон баробари рақсу бозӣ **савғои сарикӯхин**[52] фиристодаи домодро **дар байни худ тақсим мекунад.** Агар аз тарафи до-

ин, дар Мастчоҳ, Панҷакент, Кӯлоб, Ғарм, Қаротегин, Дарвоз домодшаванда агар қалинро дода натавонад, якчанд сол дар оилаи арӯсшавандаш хизмат мекард ё ин ки солҳои дароз ба шаҳрҳои дигар рафта молу пул ҷамъ мекард. Баъзан тӯи никоҳ барпо шавад ҳам, агар домод қалинро адо накарда бошад, падар духтарашро ба каси дигар медод.

Чунон ки мебинем, барои оилаи зангиранда адои қалин хеле вазнин ва додани он ба сари ӯ машаққатҳои зиёде меовард. Дар шаҳрҳо ба ҷои қалин шакли дигари он — **тӯқуз (бисот)**, ки барои буньёди оилаи нав лозим аст, гирифта мешуд. Инчунин харочоти калони тӯйро низ талаб мекарданд. Илова бар ин, маъракаҳои зиёде вуҷуд доштанд, ки ба ҳар кадоми онҳо пули бисьёр харҷ шуда, арзиши чандин қалинро дар бар мегирифт. Ҳангоми хондани хутбаи никоҳ[43] нақдинаи барои шаҳр таъин шударо «нисфи он нақду нисфи он насия», гуфта қайд мекарданд, вале додани «нисфи насия» аз қадим одат нест. Ин **маҳри** ваъда кардашуда асосан ба харочоти тӯй иваз карда мешавад, ки ин қоида бештар дар шаҳрҳо, махсусан, дар Бухорову Самарқанд, Хуҷанд чорӣ буд. Гоҳо дар ивази маҳри духтар як қисми бог, ҳавлӣ ва ғайраро ҳатту мӯҳр карда дода мешуд[44]. Вақтҳои охир, ки савияи мадании аҳолии шаҳрҳо инқишоф ёфтааст, ин одати диний-феодалӣ аҳамияти пешинаи худро гум карда, ҳукми барҳамшавӣ гирифтааст ва барои тамоман решакан кардани он одат муборизаи шадид давом дорад.

Пас аз тайёр шудани қалин падари домод ва ду нафар мардони кӯҳансол ҳамчун вакил ба хонаи духтардор мераftанд ва рӯзи тӯйро муайян мекарданд.

Таги чой.[45] Чунон ки дар боло хотирнишон шуд, пас аз тӯи фотиҳа қудоён ба ҳамдигар расман доду гирифт мекунанд. Яке аз ҳамин гуна доду гирифт ташкили таги чой мебошад. Ин одат вобаста ба идҳо боз ҳам инқишоф ёфта, сабаби мустаҳкамшавии риштаи дӯстии оилаи арӯсу домод ва муносибати қудогии онҳо мегардад. Таги чой асосан аз ҳар гуна таом, ширинию нон, сару либоси арӯсу домод ва тӯҳфаҳои гуногун иборат аст. Фиристодани таги чой дар Ленинобод, Самарқанду Бухоро **самбӯсабарон**, дар Нуратову Фориш **чалпакбарон**, дар Исфара ва баъзе деҳоти вилояти Қашқадарьё **шайтонтавоқ (шайтоношӣ**[46]) номида мешавад. Ин одатро дар баъзе маҳалҳои кӯҳистон ҳам дидан мумкин аст, вале дар фиристодани таомҳо баъзе фарқиятҳо дида мешавад.

Фиристодани таги чой мувофиқи анъана дар ҳар маҳал ба тарзҳои гуногун мегузарад. Чунончи, **чалпакбарони** мардуми Фориш бо тантанаву сурур мегузарад. Дар ин маврид чавонзанон лаълихои чалпакро дар сар гузошта, то хонаи арӯсшаванда суруд хондаву доира (табурак) зада мераванд

ва дар рох чунин мисраъхоеро аз суруди «Чалпакбарй» мехонанд:

Чалпак мебарем моён,
Тайёр шавед, кудоён[47]

Ҳангоме ки чалпакбарон ба хонаи арӯсшаванда наздик омаданд, кудоён ба пешвози онхо расми ордпошй-ро[48] ба чо меоранд. Ордпошй як вақтхо ҳамчун одат ичро карда шавад, холо ба бозии шавковар ва саҳначаи ҳачвй-мазҳакавй мубаддал шудааст.

Дар Нурато дар рӯзи дуюми **тӯйи фотиҳа** аз тарафи оилаи духтар **оши падархӯрак** мефиристанд. **Оши падархӯрак** аз табаки ош ва чалпак иборат буда, ба нвазаш аз хонаи домод лаълии ширавор, нон, гӯшт ва сару либос медиҳанд. Дар бегохии рӯзҳои бозор **бегохии бозорй** гӯён ҳар гуна савғо равон мекунанд. ва ғайра.

Ба ҳамин тариқ, фиристодани таги чой ва лаълигардонй то маросими тӯй чандин маротиба такрор шуда, барои «орзушиканй» бо номҳои **бегохи идй, бегохи бозорй** (дар Исфара) **бегохи чумъагй, меваи баҳор, оши баҳор, сафеди нав** дар Ғончй[49] ва ғайраҳо доду гирифти кудоён давом мекунад.

Дар идхо ва чашнҳои махсус ҳар гуна тӯҳфа ва савғоҳои идй фиристодани оилаи номзадшудагон дар ҳамаи маҳалҳои точикнишин анъанаи қадимист. Хусусан, дар идхои соли нав (Наврӯз), Оби раҳмат, кудоҳо байни худ **идй** мефиристанд. Идй аз савғоҳои зерин иборат мешавад: **сақичу ҳино, ойна (барои арӯс), атру упо, ӯсмаю сурма, ангуштарин, собун, лаълии ширавор,** барои арӯс сару либос ва ғайра.

Идй аввалхо танҳо пеш аз идхои миллй фиристода мешуд, холо баъзеҳо ҳам дар идхои миллй ва ҳам чашнҳои умумихалкй ва гохо танхо дар рӯзи идхои Май, Октябрь **идй** мефиристанд, вале як қисм одамон ин одатро рноя намекунанд. Дар байни анъанаҳои наву кӯҳна муборизе меравад ва тадричан расмҳои нав чорй шуда истодаанд.

Дар Бухоро рӯзи ид аз тарафи хонаи арӯсшаванда идй гӯён **моҳибирьён, самбӯса, ҳалво** равон мекунанд. Домод чӯраҳояшро даъват намуда, **самбӯсахӯрон ва либоспӯшон** мекунад. Дар хонаи арӯсшаванда низ дугонаҳо даъват карда мешаванд.

Дар Нурато домод рӯзи ид ба хонаи арӯс **савғои** идй мебарад[50]. Дар ин рӯз арӯсшавандаро дар зери чимилиқ шинонда ба домод нишон медиҳанд ва инро **домодбинон** меноманд. Ғайр аз ин дар иди Соли Нав духтарон ба сайри дараи **«Чилдухтарон»** мебароянд.[51]. Дар ин сайру гашт духтарон баробари раксу бозй **савғои сарикӯҳии**[52] фиристодаи домодро **дар байни худ тақсим мекунад.** Агар аз тарафи до-

мод савғои сарикўхӣ фиристода нашавад, онхо арўсшавандаро маломаткунон чунин мегўянд:

Чавзо даромад,
Сайлӣ наомад.

Дар Мастчоҳ модари духтар пас аз омадани идӣ заноии деҳаро ба хонааш хабар карда, ягон таоми хуб мепазад. Заиҳо пас аз хўрдани таом сару либоси арўсшавандаро тамошо мекунанд. Дар ин ҳангом ҳама **«идӣ муборак»** гўён модари духтарро табрик менамоянд. Дар ин рўз домодшаванда ҳам даъват карда мешавад. Пас аз як моҳи фиристодани идӣ, **табақбарӣ** шурўъ мешавад.

Маросим ва одатҳои давраи аввали тўй: **(дасудабозӣ, қинғолабозӣ).** Пас аз номзадӣ **қинғолабозӣ** сар мешавад. Ин одатро тоҷикони шимолӣ дар Исфараву Мастчоҳ **нисбатбозӣ,** дар Фориш **бахшидабозӣ** ва дар кўҳистони ҷанубӣ **қинғолабозӣ** меноманд. **Қинғолабозӣ** аз рўи қайди баъзе олимон аслан одати халқҳои туркнажод буда, дар натиҷаи муносибатҳои ичтимоӣ ва инкишофи алоқаҳои хешу таборӣ тоҷику ўзбек ба тоҷикон низ таъсир гузаронида, мавқеи худро мустаҳкам намудааст[53]. Вале дар натиҷаи тадқиқот маълум шуд, ки шакли аслии калимаи қинғолабозӣ **қанғолагӣ** аслан тоҷикӣ буда, ба маънои занборагӣ, занбозӣ, номзадбозӣ низ ба кор бурда мешудааст. Дар забони халқӣ, аниқтараш дар лаҳҷаҳои Кўлоб решаи калимаи мазкур кинғола ё қанғола талаффуз карда мешавад.

Қинғолабозӣ яке аз одатҳои боқимондаи никоҳи давраи қадим аст. Дар достонҳои ишқӣ-романтикии «Лайлию Маҷнун», «Фарҳоду Ширин», «Вомику Узро», «Варқаву Дилшод», «Комде ва Мадан» шакли ибтидоии қинғолабозиро дидан мумкин аст. Дар ин достонҳо бештар дар шакли ошиқбозӣ ҷавонон байни худ ишқварзӣ мекарданд. Баъдтар бо номзади худ бозӣ кардан расм шуд. Ҳамчун одат дар байни ўзбекон онро **қарлиқбозӣ**[54] меноманд. Чунон ки гуфтем, дар достонҳои ишқӣ-романтикӣ, ҳамчун «Вис ва Ромин»-и Фаридуддини Гургонӣ мисраъҳоеро пайдо кардан мумкин аст, ки чун одати қадимӣ дар байни тоҷикон низ маъмул будани қинғолабозиро собит менамояд:

Кунун к-он мохро яздон ба ман дод,
Нахоҳам к-ў бувад дар моҳ обод.
Ки он ҷо пару барво шодкоранд,
Ҳама **қанғолагиро** ҷон супоранд.
Ҷавонон бештар **занбора** бошанд,
Дар он занборагӣ пурҳуна бошанд.
Ҳамеша занфиребӣ пеша доранд,
Ба раъной ҳамин андеша доранд[55].

Дар каталоги рубоиҳои халқӣ бисьёр рубоиҳоеро низ пайдо намудем, ки калимаҳои қинғола, нисбат, нисбатбозӣ,

ошуқбозӣ ба таври фаровон истеъмол мешаванд. Ҳатто дар як байти халқӣ аз даври қадим вучуд доштани ин одат ба таври зер таъкид ёфтааст:

Аз даври қадим ширин ас ошуқбозӣ
Кошке ки ту оҳу шавию ман тозӣ.[56]

Қинғолабозӣ дар байни эронизҳо низ дар ҳамин давра маълум гардидааст[57]. Чунон ки мебинем, **қинғолабозӣ** ва **рӯйпаноҳкунӣ** хилофи ҳамдигар давом кардан гирифтааст. Мувофиқи ин одат номзадшудагон бо ҳамдигар вомехӯранд ва ташкили ин вохӯрии ҷавонон бо иштироки бевоситаи модари духтар ба таври махфӣ гузаронида мешавад. Ин вохӯрӣ то барпо шудани маросими тӯй давом мекунад.

Қинғолабозиро дар аксар маҳалҳо пас аз тӯи фотиҳа ташкил мекунанд. Чунончи, дар Мастчоҳ пас аз як ҳафтаи табақбарӣ қинғолабозӣ огоз меёбад. Дар Исфара, Шаҳристон нисбат ба ин одат мардум назари нек доранд, ки мегӯянд: «Нисбатбозӣ-нисфи умр» аст. Нисбатбозӣ лаҳзаи ширини ҳаёти ҷавонон шуморида мешавад. Дар ин муддат онҳо бо ҳамдигар аз наздик шинос мешаванд.

Марҳилаи ташкили қинғолабозӣ дар маҳалҳое, ки ба он одат риоя мекунанд, якранг нест. Масалан, мардуми деҳоти Фориш ва шаҳри Конибодом пас аз бастани акди никоҳ арӯсро як, ду моҳ ва баъзан зиёдтар дар хонаи падараш нигоҳ медоранд ва то давраи **келинфурорӣ** домод ба назди арӯсаш рафту омад мекунад. Дар Фориш дар ин мобайн падари арӯс бо номи **домодмеҳмон** маросиме барпо намуда, домодро ба хешу табораш нишон медиҳад. Дар рӯзи домодмеҳмон ба домод **сару по** (ҷомапӯшонӣ) мекунанд. Барои хизмати шахсе, ки ҷомаро мепӯшонад, ҷӯрахои домод пул ҷамъ мекунанд. Ин пули ҷамъшударо падари домод мегирад ва ба марди либоспӯшон ҷома, миёнбанд, пул медиҳад. Баъд аз домодмеҳмон давраи келингирӣ шурӯъ мешавад, инро дар Конибодом **келинсалом** меноманд.

Дар рӯзи **домодмеҳмон** ҷӯрахои домод ӯро миёнагир карда суруди **«Ҷомаҳелонӣ»**-ро мехонанд ва сурудхонон то хонаи арӯс мераванд. Мутаассифона, матни пурраи ин сурудро мардум фаромӯш кардаанд.

Парчабуррон. Марҳилаи тайёр намудани пӯшоку анҷоми рӯзғор барои оилаи нав кондахои махсус дошта, парчабуррон[58], **чомабуррои**, (**парчапоракунон**) ном гирифтааст. Мардум ба ин муносибат маъракае ороста, барои бурида дӯхтани сару либоси арӯсу домодшаванда занони деҳа ё маҳалларо даъват менамуданд.

Пас аз гирифтани маҳр (бисот) дар хонаи духтар буру дӯзи сару либос шурӯъ мешавад. Дар ин рӯз занон ва духтарон ҷамъ шуда хурсандӣ мекунанд[59]. Лаҳзаи буридани са-

мод савғои сариқўхӣ фиристода нашавад, оиҳо **арӯсшавандаро** маломаткунон чунин мегӯянд:

Чавзо даромад,
Сайлӣ наомад.

Дар Мастчоҳ модари духтар пас аз омадани идӣ занони деҳаро ба хонааш хабар карда, ягон таоми хуб мепазад. Занҳо пас аз хӯрдани таом сару либоси арӯсшавандаро тамошо мекунанд. Дар ин ҳангом ҳама **«идӣ муборак»** гӯён модари духтарро табрик менамоянд. Дар ин рӯз домодшаванда ҳам даъват карда мешавад. Пас аз як моҳи фиристодани идӣ, **табақбарӣ** шурӯъ мешавад.

Маросим ва одатҳои давраи аввали тӯй: **(дасудабозӣ, қинғолабозӣ).** Пас аз номзадӣ **қинғолабозӣ** сар мешавад. Ин одатро тоҷикони шимолӣ дар Исфараву Мастчоҳ **нисбатбозӣ,** дар Фориш **бахшидабозӣ** ва дар кӯҳистони ҷанубӣ **қинғолабозӣ** меноманд. **Қинғолабозӣ** аз рӯи қайди баъзе олимон аслан одати халқҳои туркнажод буда, дар натиҷаи муносибатҳои ҳиҷрӣ ва инкишофи алоқаҳои хешу таборӣ тоҷику ӯзбек ба тоҷикон низ таъсир гузаронида, мавқеи худро мустаҳкам намудааст[53]. Вале дар натиҷаи тадқиқот маълум шуд, ки шакли аслии калимаи қинғолабозӣ **қанғолагӣ** аслан тоҷикӣ буда, ба маънои занборагӣ, занбозӣ, номзадбозӣ низ ба кор бурда мешудааст. Дар забони халқӣ, аниқтараш дар лаҳҷаҳои Кӯлоб решаи калимаи мазкур қинғола ё қанғола талаффуз карда мешавад.

Қинғолабозӣ яке аз одатҳои боқимондаи никоҳи **давраи** қадим аст. Дар достонҳои ишқӣ-романтикии «Лайлию Маҷнун», «Фарҳоду Ширин», «Вомиқу Узро», «Варқаву Дилшод», «Ҳамде ва Мадан» шакли ибтидоии қинғолабозиро дидан мумкин аст. Дар ин достонҳо бештар дар шакли ошиқбозӣ чавонон байни худ ишқварзӣ мекарданд. Баъдтар бо номзади худ бозӣ кардан расм шуд. Ҳамчун одат дар байни ӯзбекон онро **қариқбозӣ**[54] меноманд. Чунон ки гуфтем, дар достонҳои ишқӣ-романтикӣ, ҳамчун «Вис ва Ромин»-и Фахриддини Гургонӣ мисраъҳоеро пайдо кардан мумкин аст, ки чун одати қадимӣ дар байни тоҷикон низ маъмул будани қинғолабозиро собит менамояд:

Кунун к-он моҳро ҳадаф ба ман дод,
Нахоҳам к-ӯ бувад дар моҳ обод.
Ки он ҷо пиру барно шодкоранд,
Ҳама **қанғолагиро** ҷои супоранд.
Чавонон бештар **занбора** бошанд,
Дар он занборагӣ пурҳуна бошанд.
Ҳамеша занфиребӣ пеша доранд,
Ба ранҷи ҳамин андеша доранд[55].

Дар каталоги рубоиҳои халқӣ бисьёр рубоиҳоеро низ пайдо намудем, ки калимаҳои қинғола, нисбат, нисбатбозӣ,

ошуқбозӣ ба таври фаровон истеъмол мешаванд. Ҳатто дар як байти халқӣ аз даври қадим вуҷуд доштани ин одат ба таври зер таъкид ёфтааст:

Аз даври қадим ширин ас ошуқбозӣ
Кошке ки ту оҳу шавию ман тозӣ.[56]

Қиҳғолабозӣ дар байни эронизҳо низ дар ҳамин давра маълум гардидааст[57]. Чунон ки мебинем, **қиҳғолабозӣ** ва **рӯйпаноҳкунӣ** хилофи ҳамдигар давом кардан гирифтааст. Мувофиқи ин одат номзадшудагон бо ҳамдигар вомехӯранд ва ташкили ин вохӯрии ҷавонон бо иштироки бевоситаи модари духтар ба таври махфӣ гузаронида мешавад. Ин вохӯрӣ то барпо шудани маросими тӯй давом мекунад.

Қиҳғолабозиро дар аксар маҳалҳо пас аз тӯи фотиҳа ташкил мекунанд. Чунончи, дар Мастчоҳ пас аз як ҳафтаи табақбарӣ қиҳғолабозӣ огоз меёбад. Дар Исфара, Шаҳристон нисбат ба ин одат мардум назари нек доранд, ки мегӯянд: «Нисбатбозӣ-нисфи умр» аст. Нисбатбозӣ лаҳзаи ширини ҳаёти ҷавонон шуморида мешавад. Дар ин муддат онҳо бо ҳамдигар аз наздик шинос мешаванд.

Марҳилаи ташкили қиҳғолабозӣ дар маҳалҳое, ки ба он одат риоя мекунанд, якранг нест. Масалан, мардуми деҳоти Фориш ва шаҳри Конибодом пас аз бастани акди никоҳ арӯсро як, ду моҳ ва баъзан зиёдтар дар хонаи падараш нигоҳ медоранд ва то даврае **келинфурорӣ** домод ба назди арӯсаш рафту омад мекунад. Дар Фориш дар ин мобайн падари арӯс бо номи **домодмеҳмон** маросиме барпо намуда, домодро ба хешу табораш нишон медиҳад. Дар рӯзи домодмеҳмон ба домод **сару по** (ҷомапӯшонӣ) мекунанд. Барои хизмати шахсе, ки ҷомаро мепӯшонад, ҷӯроҳои домод пул ҷамъ мекунанд. Ин пули ҷамъшударо падари домод мегирад ва ба марди либоспӯшон ҷома, мӣёнбанд, пул медиҳад. Баъд аз домодмеҳмон даврае келингирӣ шурӯъ мешавад, инро дар Конибодом **келинсалом** меноманд.

Дар рӯзи **домодмеҳмон** ҷӯраҳои домод ӯро мӣёнагир карда суруди **«Ҷомаҳелонӣ»**-ро мехонанд ва сурудхонон то хонаи арӯс мераванд. Мутаассифона, матни пурраи ин сурудро мардум фаромӯш кардаанд.

Парчабуррон. Марҳилаи тайёр намудани пӯшоку анҷоми рӯзғор барои оилаи нав кондаҳои махсус дошта, парчабуррон[58], **ҷомабуррон**, (**парчапоракунон**) ном гирифтааст. Мардум ба ин муносибат маъракае ороста, барои бурида дӯхтани сару либоси арӯсу домодшаванда занони деҳа ё маҳаллаҳоро даъват менамуданд.

Пас аз гирифтани маҳр (бисот) дар хонаи духтар буру дӯзи сару либос шурӯъ мешавад. Дар ин рӯз занон ва духтарон ҷамъ шуда хурсандӣ мекунанд[59]. Лаҳзаи буридани са-

ру либос чунин қоида дорад. Як зани солхӯрда ва аз зиндагиаш осуда аввал куртаи бахти арӯсро мебуррад. Дар ин маврид занон тангаву ширинӣ пошида[60], «насиб кунад, ба рӯзҳои нек пӯшад», гӯён изҳори орзу мекунанд. Дар ин ҳангом ҳамчун нишонаи **парчабуррон** ба ҷамъомадагон яктой рӯймолча тӯҳфа **медиҳанд.**

Дар баъзе мавзеъҳои Кӯлоб ин маъракаро **сарупобинӣ** меноманд. Мардум дар ин рӯз танҳо барои **сарупобинӣ** ҷамъ мешаванд ва агар лозим донанд, чизҳоро бурида медӯзанд. Дар Бухоро танҳо занҳои дӯзандаро даъват менамоянд. Онҳо сару либоси арӯсу домодро бурида барои дӯхтан тақсим карда мегиранд.

Пас аз **парчабуррон** арафаи тайёр намудани рахти хонаи арӯс шурӯъ мешавад. Дар як рӯзи муайян занон ҷамъ шуда кӯрпаву кӯрпачаҳоро бурида медӯзанд. Ин рӯзро ҳам ба тарзи махсус қайд карда, номи ин маъракаро **пахтасовон, кӯрпадӯзон** меноманд. Масалан, дар Бухоро рӯзи **пахтасовон** аз тарафи домодшаванда ба хонаи **духтар сӯзану ангуштпона, кулчаву нон,** ширавӣ ва ғайра мефиристонанд. Занҳои ҷамъшуда пас аз зиёфату дилхушӣ бо совидани пахтаву **кӯрпадӯзӣ**[61] машғул мешаванд.

Маслиҳати тӯй. Маслиҳати харочоти тӯй маъракаи хосе дорад, ки онро дар деҳаи Навободи райони Ҳисор **карори тӯймонӣ**, дар Исфара **борбуррӣ**, дар Заҳматобод **қалинбурӣ**, дар Самарқанду Панҷакент **маслиҳатошӣ** ва дар Нурато **тӯйандозӣ** меноманд.

Дар ин рӯз бештар мардон ҷамъ шуда, дар бораи тарзи ташкил ва гузаронидани тӯй машварат мекунанд. Инчунин ҳаҷми харочоти тӯйро миёнарав муайян намуда, натиҷаашро ба оилаи домод мерасонад.

Сӯҳбати байни миёнарав ва аҳли оилаи арӯсшаванда хеле шавқовар буда, ба намоиши саҳнавӣ шабоҳат дорад[62].

Пас аз муайян кардани харочоти тӯй машваратчиён вазифаи **хабарчӣ**[63] **(тӯйхабаркун), чойҷӯшон, кӯрпачапартою дастархонандозон** ва умуман шахсонеро, ки барои гузаронидани тӯй вобаста шудаанд, муайян намуда, ба ҳар кадоми онҳо супоришҳо медиҳанд. **Хабарчиён,** агар зан бошанд, дар Самарқанд **ходим** ва дар Бухоро **вакила,** аз мардҳо нитиҳоб шуда бошанд, **пайкол** номида мешаванд. Ба шахсони тӯйхабаркунанда аз тарафи хабаршавандагон барои эҳтиром нони **муборакбодӣ** гӯён нон, тухм, ширинӣ ва матоъ медиҳанд[64].

Тӯйбарӣ. Лавҳаи **тӯйбарӣ** (қалинбарӣ), чолиби диққат буда, дар баъзе маҳалҳо бо сурудхонӣ оғоз мешавад. Дар Бухоро масолеҳи тӯйро ба чунин тартиб мебаранд: як гурӯҳ чавонписарон лаълиҳо, бисоти духтар ва шираворро дар сар гузошта пеш-пеш, аз қафои онҳо **қайроқбозон, наққорачиён,**

сурнайчиён, доирадастону раққосон ва занҳои бисьёре равон мешаванд. Онҳо дар роҳ бо тантанаву шодӣ аз раставу бозор гузашта, то ба хонаи арӯсшаванда мераванд. Тӯйовардагон аз тарафи **онлаи** духтар бо ширинӣ пешвоз гирифта мешаванд. Пас аз **ширинхӯрон** ҳама даст бардошта, «муборакӣ хайр кунад, ширинкому шодком шаванд келину домод, боз ба тӯи фарзандонашон расонад», гӯён табрик мекунанд. Ғайр аз ин, дар рафти **тӯйбарӣ** бозиҳои гуногун ва лавҳаҳои махсуси драмавӣ намоиш медиҳанд. Масалан, дар Уротеппа, Панҷакент ва дар баъзе деҳаҳои тоҷикнишини райони Фориш деҳаи Оқсои вилояти Самарқанд бозии **«Ордзанак», «Хокшапак», «Барфзанак», «Хару чулбур»** ва ғайра, ки характери **ҳаҷвӣ доранд**, иҷро карда мешаванд. Тӯйбарон ин бозиро аз як тараф,барои сабук кардани вазнинии бор[65] ва кӯфти роҳ, аз тарафи дигар, бо мақсади вақтхушӣ иҷро мекунанд. Барои шахсони **тӯйбар**[66] духтардор знёфате ороста, баъд аз он **чуволкушоён**[67] мекунад.

Ҳангоми тӯйбарӣ дар Фориш суруди «Тӯй мебарем»-ро мехонанд:

Имрӯз соати худо[68],
Тӯй мебарем ба қудо.
Чалпак[69] мебарем моён,
Тӯй мебарем ба поён.
Хоки қудо намоён,
Тӯй овардагӣ моён,
Мо овардем тӯи шумо,
Ба хотири рӯи шумо[70].

Вақте ки масолеҳи тӯй оварда шуд, занҳои тарафи духтар ба оҳанги ҳазлу шӯхӣ чунин мегӯянд:

Тӯй овардан да халта,
Дасторо калта-калта.
Келин ба дасти моён,
Ҳақ надоред, қудоён[71].

Дар деҳаи Қачровути райони Ғончӣ ҳангоми **тӯйбарӣ** суруди ҳаҷвии зеринро мехонанд.

Тӯй омад ба Урчинак,
Орди тӯй дар хӯрчинак,
Ганда факери чиркинак.

Дар Панҷакент пас аз овардани масолеҳи тӯй чавонон ҷамъ шуда, гандуми тӯйро ба осиёб мебаранд ва инро **борпоккунон** меноманд.

Ҳезумбарон. Аз рӯи анъана, дар гузашта барон пухту пази масолеҳи тӯй ба хонаи арӯсшаванда ҳезум мефиристоданд. Ин одат дар баъзе маҳалҳо бо сурудхонӣ ва тантанаи махсус мегузарад. Чунончи, дар деҳаи Сентоби райони Фориш пеш аз тӯй домодшаванда чӯраҳои худро ба хонааш даъват намуда, бо **оши ҳезумбарон**[72] зиёфат мекунад. Пас аз

ру либос чунин қоида дорад. Як зани солхӯрда ва аз зиндагиаш осуда аввал куртаи бахти арӯсро мебуррад. Дар ин маврид занон **тангаву ширинӣ пошида**[60], «**насиб кунад, ба рӯзҳои нек пӯшад**», гӯён изҳори орзу мекунанд. Дар ин ҳангом ҳамчун нишонаи **парчабуррон** ба ҷамъомадагон яктой рӯймолча тӯҳфа медиҳанд.

Дар баъзе мавзеъҳои Кӯлоб ин маъракаро **сарупобинӣ** меноманд. Мардум дар ин рӯз танҳо барои **сарупобинӣ** ҷамъ мешаванд ва агар лозим донанд, чизҳоро бурида медӯзанд. Дар Бухоро танҳо занҳои дӯзандаро даъват менамоянд. Онҳо сару либоси арӯсу домодро бурида барои дӯхтан тақсим карда мегиранд.

Пас аз **парчабуррон** арафаи тайёр намудани рахти хонаи арӯс шурӯъ мешавад. Дар як рӯзи муайян занон ҷамъ шуда кӯрпаву кӯрпачаҳоро бурида медӯзанд. Ин рӯзро ҳам ба тарзи махсус қайд карда, номи ин маъракаро **пахтасовон, кӯрпадӯзон** меноманд. Масалан, дар Бухоро рӯзи **пахтасовон** аз тарафи домодшаванда ба хонаи **духтар сӯзану ангуштпона, кулчаву нон,** ширавориҳ ва ғайра мефиристонанд. Занҳои ҷамъшуда пас аз зиёфату дилхушӣ бо совидани пахтаву **кӯрпадӯзӣ**[61] машғул мешаванд.

Маслиҳати тӯй. Маслиҳати харочоти тӯй маъракаи хосе дорад, ки онро дар деҳаи Навободи райони Ҳисор **карори тӯймонӣ**, дар Исфара **борбуррӣ**, дар Заҳматобод **калинбурӣ**, дар Самарқанду Панҷакент **маслиҳатошӣ** ва дар Нурато **тӯйандозӣ** меноманд.

Дар ин рӯз бештар мардон ҷамъ шуда, дар бораи тарзи ташкил ва гузаронидани тӯй машварат мекунанд. Инчунин ҳаҷми харочоти тӯйро миёнарав муайян намуда, натиҷаашро ба оилаи домод мерасонад.

Сӯҳбати байни миёнарав ва аҳли оилаи арӯсшаванда хеле шавқовар буда, ба намоиши саҳнавӣ шабоҳат дорад[62].

Пас аз муайян кардани харочоти тӯй машваратчиён вазифаи **хабарчӣ**[63] **(тӯйхабаркун), чойчӯшон, кӯрпачапартою дастархонандозон** ва умуман шахсонеро, ки барои гузарондани тӯй вобаста шудаанд, муайян намуда, ба ҳар кадоми онҳо супоришҳо медиҳанд. **Хабарчиён,** агар зан бошанд, дар Самарқанд **ходим** ва дар Бухоро **вакила,** аз мардҳо интихоб шуда бошанд, **пайкол** номида мешаванд. Ба шахсони тӯйхабаркунанда аз тарафи хабаршавандагон барои эҳтиром нони **муборакбодӣ** гӯён нон, тухм, ширинӣ ва матоъ медиҳанд[64].

Тӯйбарӣ. Лавҳаи **тӯйбарӣ** (қалинбарӣ), ҷолиби диққат буда, дар баъзе маҳалҳо бо сурудхонӣ оғоз мешавад. Дар Бухоро масолеҳи тӯйро ба чунин тартиб мебаранд: як гурӯҳ ҷавонписарон лаълиҳо, бисоти духтар ва ширавориҳро дар сар гузошта пеш-пеш, аз қафои онҳо **қайрокбозон, нақорачиён,**

сурнайчиён, доирадастону раққосон ва занҳои бисьёре равон мешаванд. Онҳо дар роҳ бо тантанаву шодӣ аз раставу бозор гузашта, то ба хонаи арӯсшаванда мераванд. Тӯйовардагон аз тарафи **оилаи** духтар бо ширинӣ пешвоз гирифта мешаванд. Пас аз **ширинхӯрон** ҳама даст бардошта, «муборакӣ хайр кунад, ширинкому шодком шаванд келину домод, боз ба тӯи фарзандонашон расонад», гӯён табрик мекунанд. Ғайр аз ин, дар рафти **тӯйбарӣ** бозиҳои гуногун ва лавҳаҳои махсуси драмавӣ намоиш медиҳанд. Масалан, дар Уротеппа, Панҷакент ва дар баъзе деҳаҳои тоҷикнишини райони Фориш деҳаи Оқсои вилояти Самарқанд бозии **«Ордзанак», «Хокшапак», «Барфзанак», «Хару ҷулбур»** ва ғайра, ки характери **ҳаҷвӣ доранд,** иҷро карда мешаванд. Тӯйбарон ин бозиро аз як тараф,барои сабук кардани вазнинии бор[65] ва кӯфти роҳ, аз тарафи дигар, бо мақсади вақтхушӣ иҷро мекунанд. Барои шахсони **тӯйбар**[66] духтардор зиёфате ороста, баъд аз он **ҷуволкушоён**[67] мекунад.

Ҳангоми тӯйбарӣ дар Фориш суруди «Тӯй мебарем»-ро мехонанд:

Имрӯз соати худо[68],
Тӯй мебарем ба қудо.
Чалпак[69] мебарем моён,
Тӯй мебарем ба поён.
Хони қудо намоён,
Тӯй овардагӣ моён,
Мо овардем тӯи шумо,
Ба хотири рӯи шумо[70].

Вақте ки масолеҳи тӯй оварда шуд, занҳои тарафи духтар ба оҳанги ҳазлу шӯхӣ чунин мегӯянд:

Тӯй овардан да халта,
Дасторо калта-калта.
Келин ба дасти моён,
Ҳақ надоред, қудоён[71].

Дар деҳаи Қаҷровути райони Ғончӣ ҳангоми **тӯйбарӣ** суруди ҳаҷвии зеринро мехонанд.

Тӯй омад ба Урчинак,
Орди тӯй дар хӯрчинак,
Ганда факери чиркинак.

Дар Панҷакент пас аз овардани масолеҳи тӯй чавонон ҷамъ шуда, гандуми тӯйро ба осиёб мебаранд ва инро **борпоккунон** меноманд.

Хезумбарон. Аз рӯи анъана, дар гузашта барои пухту пази масолеҳи тӯй ба хонаи арӯсшаванда ҳезум мефиристоданд. Ин одат дар баъзе маҳалҳо бо сурудхонӣ ва тантанаи махсус мегузарад. Чунончи, дар деҳаи Сентоби райони Фориш пеш аз тӯй домодшаванда чӯраҳои худро ба хонааш даъват намуда, бо **оши хезумбарон**[72] зиёфат мекунад. Пас аз

таъновули таом чӯраҳо барои озуқаи фардо аз хонаи домодшаванда яктой нон гирифта ба хонаҳояшон мераванд ва пагоҳии рӯзи дигар ба ҷои мукарраршудаи кӯҳ бо табару арғамчин ва харҳояшон барои ҳезумчинӣ мебароянд. Дар бозгашт ҳезумҳои ҷамъкардаи худро ба харҳо[73] бор карда, аз байнашон се-чор касро сарбон интихоб мекарданду дигарон аз қафо рақсидаву суруд хонда, ба сӯи хонаи арӯс равон мешаванд. Вақте ки ба манзил расиданд, ҳезумҳоро фуровардаю ҷой ба ҷой карда, аз хонаи арӯс ягон таоми сабук хӯрда ба хонаҳояшон бармегарданд.

ДАВРАИ ДУЮМИ ТӮИ НИКОҲ

Сартарошон. Чӣ қадаре, ки рӯзи тӯи калон (никоҳ) наздик шудан гирад, миқдори маъракаҳо беш аз пеш зиёд шуда, ҳар яки онҳо дар маҳалҳои гуногун бо тарзу усули дигаре дар заминаи фольклор ба амал оварда мешаванд. Чунончи, **сартарошону либоспӯшони домод, саршӯёну ҳинобандон, ҳаммомбарони** арӯс ҳам дар хонаи арӯсшаванда, ҳам дар хонаи домодшаванда бо сурудхонӣ ва ҳамчун як лавҳаи асари саҳнавӣ қайд карда мешаванд. Сартарошони домод дар Бадахшон хеле ботантана ва бештар бо рақсу мусиқӣнавозӣ мегузарад[74]. Дар ин мавриди тӯй суруди хосеро бо номи **«Сартарошӣ»** мехонанд.[75]

Сартарошони домод бештар дар байни тоҷикони маҳалҳои ҷанубӣ[76] ҳамчун анъана қайд мегардад, вале дар Бухорову Самарқанд дар гузашта **сартарошон, мӯйлабгирон барин** расму одатҳо вуҷуд дошта бошанд ҳам, ҳоло ба бозӣ ё лавҳаҳои ҳаҷвӣ мубаддал гаштаанд. Чунончи, мардуми Ургут дар тӯйҳо бозиеро ба номи **«Сартарошон»** ичро мекунанд[77].

Пас аз тарошидани мӯи сари домод давраи либоспӯшонӣ сар мешавад. Дар ин маврид низ суруд мехонанд. Азбаски ин лавҳа ба домодбарӣ алоқаманд аст, дар ин бора баъдтар таваққуф мекунем.

Саршӯён. Чунон ки зикр шуд, вобаста ба шустани сари арӯс, **мӯйбофӣ, ҳаммомбарию ҳинобандӣ** ва дигар қоидаҳо дар хонаи духтар низ як қатор маъракаҳо, бозиву сурудхонӣ ташкил карда мешуд. Агар дар шаҳрҳо **ҳаммомбарону ҳинобандон** ба таври анъана қайд карда шавад, дар кӯҳистон, саршӯёни арӯс маъмул буд. Равиши саршӯёни арӯс ва тағйири либоси ӯ дар Кӯлоб бо тантанаю анъанаи махсус мегузашт[78]. Суруде, ки дар ин лаҳза зимни мехонанд, ҷолиби диққат буда, назар ба гуфти санъатшиносон[79] ва фольклоршиносон, матнаш инҳоят қадимӣ аст. Суруди «Саршӯй»-ро зимни аз номи арӯс бо як овоз мехонанд:

Шинак, шинакум,
Холаи саршуякум.
Оста бизан шонара.
Накана муякум.
Шонаи шамшодй, биёр,
Дар сари бегинакум[80].

Дар мавзеъҳои Панҷакент, районҳои Оби Гарм, Ғарму Дарвоз, Қаротегин низ ҳангоми шустани сари арӯс занон суруд мехонданд, вале мутаассифона, дар вақтҳои охир бисьёр лаҳзаҳои муҳимму тантанавии расми саршӯён аз байи рафта, сурудҳояш ҳам хеле кам дастрас шудааст.

Чунонки О. Л. Данскер қайд мекунад, дар Дарвоз ин суруд (яъне суруди «Саршӯй») монанди дигар маросимҳои қадимй аҳамияти пешинаи худро гум карда, аз маросими тӯй хеле дур шуда истодааст[81]. Чунин далел даъвои моро тасдиқ мекунад.

Ҳангоми саршӯй дар районн Оби Гарм модари духтар бо иштироки худи ӯ ва дугонаҳо суруди зеринро месарояд:

Х а м а:

Гул духтар, сарта бишӯй, пугоҳ вахти рафтанай,
Омадасту омадаст, пугоҳ вахти рафтанай.

А р ӯ с:

Очан чон, чй гуфтй монанди гул шукуфтй,
Намешум ҳамй сарма, нест вахти рафтанум.

Х а м а:

Гул духтар, пушоқ бипуш, гул духтар, авзол бидоз,
Аҳ, намедонй сирра, пугоҳ вахти рафтанай,
Аҳ, намедонй сирра, пугоҳ вахти рафтанай...[82].

Ҳинобандон. Маъракаҳои ҳинобандон ва ҳаммомбарон бештар дар шаҳрҳо маъмул буданд. Масалан, дар Бухоро баъд аз муайян шудани рӯзи тӯй тамоми зану духтарони маҳалларо ба ин чамъомад ба таври зерин хабар мекардаанд: «Рӯзи шанбе **ҳаммомбарон,** бегоҳй **ҳинобандон,** рӯзи якшанбе **рахтзанон**[83], шабаш **никоҳ»**[84]. Дар рӯзи **ҳаммомбарон** бештар дугонаҳои арӯсшаванда ва чавонзанон чамъ мешуданд. Онҳо пас аз зиёфат ба аробаҳо савор шуда, бо доира раксидаву суруд хонда духтарро ба ҳаммом мебурданд. Дар ин рӯз созанда[85] низ даъват карда мешуд. Ба ҳаман иштироккунандагони ин чамъомад аз тарафи арӯсшаванда рӯймолча тӯҳфа мекарданд. **Хаммомпулй** гӯён домод як миқдор пул ҳам медод. Пас аз бозгашт ба дасту пои ҳаман занону духтарон ҳино мемолиданд[86]. Чунон ки Ахмад Алии Рачой қайд мекунад, **хинобандон** дар Бухоро ин тавр ба анчом мерасид: «Маросими ҳино бастани дасти духтарест, ки

арўс мешавад. Як рўз қабл дар хонаи арўс иддае аз занони хеши арўс ва домод даъват доранд ва мутрибон ба навозандагй ва пойкўбй машғуланд. Рўзи дуюм ҳангоми чошт оронишгарон арўсро меороянд ва баъд ўро дар ҳоле ки ромишгарон пешопеши вай муборакбод менавозанд ва мехонанд, вориди мачлис мекунанд ва бар дўшаке[87], ки рўяш порчаи сафеде кашидаанд, менишинонанд. Баъд зарфи бузургеро, ки дар он ҳино ба об гирифтаанд, пеш меоваранд ва баробари арўс мениҳанд. Дар ин ҳангом дасти рости арўсро болои сараш, ба тавре ки кафи он рў ба ҳаво бошад, мегузоранд ва яке аз занон гулўлаҳои кўчаке аз ҳино сохта паёпай ба дасти арўс мениҳад ва занони ҳозир дар мачлис яке-яке омада, як ё чанд гулўлй ҳино аз дасти арўс бар медоранд ва барои занони мусин зане, ки махсуси ичрои ин маросим аст, мебарад ва ба онон медиҳад. Маъмулан ин гулўлаҳои ҳиноро дар қоғаз печида ба манзил мебаранд ва фақат дасти арўсро ҳамон ҷо ҳино мебанданд. Рўзи баъд, ки мачлис барқарор аст ва нагусиста, маросими ақду бурдани арўс сурат мегирад»[88].

Хинобандон яке аз оинҳои кадимии мардуми Осиёи Миёна, Эрону Афғонистон ва Ҳиндустон ба шумор рафта, одати дар шаби никоҳ ва идҳо ба дасту пой ва рўй ҳино молидан ҳоло ҳам дар Эрону Хиндустон мустаҳкаму пойдор аст.

Пас аз **хинобандону хаммомбарон** дар баъзе маҳалҳо духтар барои видоъ дугонаҳои худро даъват намуда, чашни махсуси духтарон **(дугоналбон)** ташкил мекард. Инро дар Самарқанд **қарсбинй**[89] **(чокбинй, бисотбинй)**, дар вақтҳои охир **дугоналбон**, дар Ленинобод **духтаррусткунон** (ҳоло мачлиси духтаро); дар Душанбе **чойгаштак**; дар деҳаи Ғелони вилояти Қашқадарьё **базм**[90] меноманд.

Дугоналбон бештар як, ду рўз пеш аз тўй бо тантанаву сурур чашн гирифта мешавад. Дар бораи тарзи ташкил ва гузаронидани ин маросим бо унвони «Дугоналбон (чойгаштак) дар Сталинобод» М. Ҳомидчонова мақолае чоп кардааст[91]. Муаллифи мақола аз чумла қайд мекунад, ки то революция духтарон дар маросими тўй иштирок намекарданд. Ҳатто онҳо барои дар чои алоҳида ҳам чамъ шуда, хурсандй намудан ҳукуки комил надоштанд. Дар тўй фақат занҳо иштирок мекарданду халос. Фақат дар Бухоро якчанд нафар дугонаҳои духтар ғун шуда, ҳино мемолиданд. Ин чамъомад дар Бухоро хинобандон, дар Ургут қизқочдй номида мешавад[92]. Аз рўи гуфтаи муаллифи мақола, ин чашн гўё танҳо дар Бухоро ва Ургут қайд карда мешудааст. Вале чу-

нон ки дар боло дидем, дар Ленинобод духтарруспкунон[93] гуфтанӣ расм буд, ки дугонаҳои арӯсшаванда ҷамъ шуда, барои хурсандии вай ҳар гуна бозиву сурудхонӣ мекарданд. Ин одатро дар байни халқҳои туркнажод ҳам дидан мумкин. Ин ҷамъомади духтарон дар Ургут **чойгаштак** ном дорад. Илова бар ин, дар он ҷо ҷамъомади дигаре низ вуҷуд дорад, ки онро қизқочдӣ[94] меноманд. Қизқочдӣ пас аз чойгаштак ташкил карда мешавад. Чунон ки аз экспедицияи фольклорӣ маълум гардид дар Ургут **дугонаҳо** дар рӯзи якуми тӯйи арӯсшавандаро ба хонаи ягон нафарашон гирифта мебаранд. Дар он ҷо барои хурсандии арӯсшаванда духтарон ҳар гуна рақсу бозӣ ва шӯхиҳо мекунанд. Вақте ки мӯи ӯро мебофанд, дугонаи дар пахлӯяш нишаста тасалло медиҳад, ки «гира накун, хонаяки шудба мерӣ, бабахт миший, батахт миший». Бегоҳӣ як-ду нафар зан ба назди духтарон омада, сару либоси арӯсшавандаро пӯшонда, ба хонаи падараш гирифта мебаранд. Пас, **чойгаштак** ва **қизқочдӣ** ҳар ду як ҷамъомад набуда, балки инҳо байни худ фарқи куллӣ доранд. Ҷамъомади духтарон, ки характери анъанавӣ дорад, даъвои М. Ҳомидҷоновро, ки гӯё «иштироки духтарон сахт манъ» будааст, ба куллӣ рад мекунад.

Дар мақолаи М. Ҳомидҷонова ҳангоми чойрезӣ, дар ҳаққи модаршӯй байтгӯй кардани духтарону ҷавонзанон хотиришон шудааст. Чунин фактҳоро дар маҳалҳои дигар низ мушоҳида мекунем. Дар деҳаи Каттаҳеҷи райони Фориш дар ин маврид рубоии зеринро мехонанд:

Бозор равам, мушк харам ё пахта,
Хушдомани ноаҳла сараш бар тахта.
Хушдомани нағз келина нағз мебинад,
Хушдомани гандая худо бардорад[95].

Дар деҳаи Воруи Панҷакент бошад, ҳангоми хурсандӣ дугонаҳо арӯсшавандаро ба рақс кашида суруд мехонанд. *Сурфакушоён.* Тайёрӣ ба зиёфати тӯй аз ордбезиву пухту пази таомҳои гуногун шурӯъ мешавад. Ба ин муносибат ҳам дар оилаи домодшаванда ва ҳам дар оилаи арӯсшаванда занон ҷамъ шуда ордбезӣ ва таомпазӣ мекунанд ва ин маъракаро дар Варзоб **ордбезон** мегӯянд.

Ордро аввал як зани солхӯрдаи серфарзанд мебезад, зеро аз рӯи ақидаи мардум, дасти ин гуна занон «табаррук» буда, мурод пир ва серфарзанд шудани ҷавонон аст. Вақте ки вай элаки аввалини ордро бехта шуд, боқимондаи ордро занон ва духтарон бехта, нону кулча, фатир, самбӯса ва дигар таомҳоро тайёр мекунанд.

Тартиби додани музди хизмати занҳои ордбез ба таври ачиб мегузарад. Чунончи, дар сари занҳои ордбехтаистода рӯймоли сафед[96] мепартоянд. Дар рӯи сурфа **ширинӣ** ме-

пошанд ва ғайра. Дар деҳаи Оқсои вилояти Самарқанд занҳои ордбез «дастум шикаст, дастум шикаст», гӯён се маротиба элакро ба замин мепартоянд. Соҳиби тӯй як чорсу матои сафедро ба чои «шикастан» банди дасти онҳо **мебандад**, ки он матоъ дар асл хизматонаи онҳо ба шумор меравад. Дар Ҳисор ҳангоми ордбезӣ мисраъҳои зеринро замзама мекунанд:

Тақ-таки элак манам,
Шӯи кепак[97] манам
Ман ки бофанда бошам,
Кепака мемонда бошам[98].

Рахтзанон. Барои зинат додани хонаи арӯс маъракаи махсус ташкил карда мешавад, ки онро **рахтзанон** меҳисобанд. Маънои рахтзанон хеле гуногун аст. Масалан, дар Бухорою Нурато рӯзи рахтзанон занон ҷамъ шуда, кӯрпаю кӯрпачаҳои барои навхонаҳо тайёр кардаро ба рӯи сандуқ чида **рахт** мебанданд. Аммо дар Самарқанд ва аксар маҳалҳои дигар точикон дар давродаври девори хонаи арӯс **болинпӯшу сӯзанихои** гулдӯзӣ ва сару либоси арӯсу домодро тор кашида, паҳн мекунанд ва онро тахтзанон, **карспахнкунон** ва **торзанон** меноманд.

Дар рӯзи рахтзанон асосан дугонаҳои арӯс ва ду-се нафар чавонзанон ҷамъ меоянд. Аз тарафи онлан домод низ иштироки як-ду нафар зан шарт аст. Занон пас аз тамошои **рахти хона** ва бисоти арӯс ҳар гуна суханҳои табрикӣ мегӯянд. Чунончи, дар деҳаи Ворӯи райони Панҷакент ин тавр мегуфтаанд:

Болон рахти духтар чимча,
Миёни хӯҷадомод химча,
Насиб кунад либосатон ойимча
Бахтатон гул кунад мисли ғунча.[99]

Дар деҳоти райони Фориш занон ҳангоми тамошои **рахти хонаи** арӯс аз ду тараф байтхонӣ мекунанд, ки он ба мисли байтбарак мегузарад. Дар ин байтхонӣ ҳам хешовандони тарафи домод ва ҳам хешовандони тарафи арӯс иштирок намуда, бадеҳатан байтҳо мехонанд, ки намунааш дар боби II оварда мешавад.

ТӮИ КАЛОН (НИКОҲ)

Тӯй дар ҳаёти ичтимоию маънавии халқ ҳодисаи муҳим ва омили асосии ташкили онлан нав ба шумор меравад. Пас аз тайёриҳои пешакӣ, нуқтаи асосӣ ва авҷу ривочи тӯй — ҷашни арӯсӣ шурӯъ мешавад. Ин ҷашн аз лаҳзаҳои муҳимми бадеӣ, саҳнавӣ, ҳаҷву мазҳака ва бозӣ иборат буда, умуман бо асарҳои фольклорию драмаи шавқовар фаро гирифта шудааст.

Дар ин шаб барои хурсандии арӯсу домод ҳама чиз муҳайё ва омода карда мешавад. Тӯйдорон барои нишон додани шукӯҳу тантанаи тӯй сурудхонӣ мекунанд, инчунин барои хушу хуррам гузаронидани тӯй ҳам дар хонаи домод ва ҳам дар хонаи арӯс созандагон, раққосон, мусиқачиёни касбиро даъват менамоянд. Санъатдӯстон дар баробари нишон додани ҳунари худ, сурудҳои тӯйро хонда, маъракаро гарм ва табъи иштироккунандагонро хуш мегардонанд. Манзараи пазироии меҳмонон дар **тӯйхона** бо муколамаи анъанавӣ зинат меёбад. Одамон баробари вориди тӯйхона шудан бо суханони:

— Тӯй муборак бошад!— сохибони тӯйро табрик мекунанд. Тӯйдорон ба онҳо: — Худо хайру муборак кунад, — гӯён ҷавоб медиҳанд. Оғози ҷашни арӯсӣ асосан аз **сафари** домод ба хонаи арӯс шурӯъ мешавад. Пеш аз сафар ба домод либос мепӯшонанд. **Либоспӯшонӣ** бо сурудхонӣ ба анҷом мерасад. Чунончи, дар Фориш ҳангоми либоспӯшонӣ суруди зеринро мехонанд:

Э домодҷон, гул ба домони шумо,
Э домодҷон, гул ба дасторн шумо.
Мо мегардем, аз қадду болои шумо.
Мо мебандем, камарчабандони шумо[100].

Дар Язғулом[101] ҳангоми ба сари домод дастор бастан суруди «Шохи мо ҳамин аст»-ро[102] мехонанд. Дар Ишкошим ва дигар маҳалҳои вилояти Бадахшони Кӯҳӣ, Қаротегину Дарвоз, Кӯлоб, Панҷакент, Ҳисору Варзоб дар мавриди дарбаркунии сару либос сурудхонии мардон ва занон дар тӯй мавқеи намоёнро ишғол мекунад. Барои намуна аз Ишкошим як мисол меорем:

Дасти ману доманат, эй куртапӯш[103].
Куртаи шаҳмарди маро хуб бипӯш.
Дасти ману доманат, эй ҷомапӯш,
Ҷомаи шаҳмарди маро хуб бипӯш.
Дасти ману доманат, эй чамуспӯш[104]
Чамуси шаҳмарди маро хуб бипӯш,
Дасти ману доманат, эй саллабанд,
Саллаи шаҳмарди маро хуб бибанд.
Дасти ману доманат, эй фӯтабанд,
Фӯтаи шаҳмарди маро хуб бибанд[105].

Ин сурудро ҳофизон бо оҳанги донра раққскунон мехонанд.

Дар водии Хуф низ дар ин маврид суруд мехонанд, мераксанд ва бозию аскиягӯй мекунанд[106].

Дар шаби тӯй мардум номи арӯсу домодро бо эҳтиром ба забон гирифта, барои тасвири шукӯҳу салтанати онҳо до-

3*

пошанд ва ғайра. Дар деҳаи Оқсои вилояти Самарқанд занҳои ордбез «дастум шикаст, дастум шикаст», гӯён се маротиба элакро ба замин мепартоянд. Соҳиби тӯй як чорсу матои сафедро ба чои «шикастаи» банди дасти онҳо **мебандад**, ки он матоъ дар асл хизматонаи онҳо ба шумор меравад. Дар Ҳисор ҳангоми ордбезӣ мисраъҳои зеринро замзама мекунанд:

Тақ-тақи элак манам,
Шӯи кепак[97] манам
Ман ки бофанда бошам,
Кепака мемонда бошам[98].

Рахтзанон. Барои зинат додани хонаи арӯс маъракаи махсус ташкил карда мешавад, ки онро **рахтзанон** меноманд. Маънои рахтзанон хеле гуногун аст. Масалан, дар Бухорою Нурато рӯзи рахтзанон занон чамъ шуда, кӯрпаю кӯрпачаҳои барои навхонаҳо тайёр кардаро ба рӯи сандуқ чида **рахт** мебанданд. Аммо дар Самарқанд ва аксар маҳалҳои дигар точикон дар давродаври девори хонаи арӯс **болинпӯшу сӯзанихои** гулдӯзӣ ва сару либоси арӯсу домодро тор кашида, паҳн мекунанд ва онро тахтзанон, **карспахнкунон** ва **торзанон** меноманд.

Дар рӯзи рахтзанон асосан дугонаҳои арӯс ва ду-се нафар чавонзанон чамъ меоянд. Аз тарафи онлан домод низ иштироки як-ду нафар зан шарт аст. Занон пас аз тамошои **рахти хона** ва бисоти арӯс ҳар гуна суханҳои табрикӣ мегӯянд. Чунончи, дар деҳаи Ворӯи райони Панчакент ин тавр мегуфтаанд:

Болои рахти духтар чимча,
Миёни хӯчадомод химча.
Насиб кунад либосатон ойимча
Бахтатон гул кунад мисли ғунча.[99]

Дар деҳоти райони Фориш занон ҳангоми тамошои **рахти хонаи** арӯс аз ду тараф байтхонӣ мекунанд, ки он ба мисли байтбарак мегузарад. Дар ин байтхонӣ ҳам хешовандони тарафи домод ва ҳам хешовандони тарафи арӯс иштирок намуда, бадеҳатан байтҳо мехонанд, ки намунааш дар боби II оварда мешавад.

ТӮИ КАЛОН (НИКОҲ)

Тӯй дар ҳаёти ичтимоию маънавии халқ ҳодисаи муҳим ва омили асосии ташкили онлан нав ба шумор меравад. Пас аз тайёриҳои пешакӣ, нуқтаи асосӣ ва авҷу ривочи тӯй — чашни арӯсӣ шурӯъ мешавад. Ин чашн аз лаҳзаҳои муҳимми бадеӣ, саҳнавӣ, ҳаҷву мазҳака ва бозӣ иборат буда, умуман бо асарҳои фольклориву драмаи шавковар фаро гирифта шудааст.

Дар ин шаб барои хурсандии арӯсу домод ҳама чиз муҳайё ва омода карда мешавад. Тӯйдорон барои нишон додани шукӯҳу тантанаи тӯй сурудхонӣ мекунанд, инчунин барои хушу хуррам гузаронидани тӯй ҳам дар хонаи домод ва ҳам дар хонаи арӯс созандагон, раққосон, мусиқачиёни касбиро даъват менамоянд. Санъатдӯстон дар баробари нишон додани ҳунари худ, сурудҳои тӯйро хонда, маъракаро гарм ва табъи иштироккунандагонро хуш мегардонанд. Манзараи пазироии меҳмонон дар **тӯйхона** бо муколамаи анъанавӣ зинат меёбад. Одамон баробари вориди тӯйхона шудан бо суханони:

— Тӯй муборак бошад!— сохибони тӯйро табрик мекунанд. Тӯйдорон ба онҳо: — Худо хайру муборак кунад, — гӯён ҷавоб медиҳанд. Оғози ҷашни арӯсӣ асосан аз сафари домод ба хонаи арӯс шурӯъ мешавад. Пеш аз сафар ба домод либос мепӯшонанд. **Либоспӯшонӣ** бо сурудхонӣ ба анҷом мерасад. Чунончи, дар Фориш ҳангоми либоспӯшонӣ суруди зеринро мехонанд:

Э домодҷон, гул ба домони шумо,
Э домодҷон, гул ба дастори шумо.
Мо мегардем, аз қадду болои шумо.
Мо мебандем, камарчабандони шумо[100].

Дар Язғулом[101] ҳангоми ба сари домод дастор бастан суруди «Шоҳи мо ҳамин аст»-ро[102] мехонанд. Дар Ишкошим ва дигар маҳалҳои вилояти Бадахшони Кӯҳӣ, Қаротегину Дарвоз, Кӯлоб, Панҷакент, Ҳисору Варзоб дар мавриди дарбаркунии сару либос сурудхонии мардон ва занон дар тӯй мавқеи намоёнро ишғол мекунад. Барои намуна аз Ишкошим як мисол меорем:

Дасти ману доманат, эй куртапӯш[103],
Куртаи шаҳмарди маро хуб бипӯш.
Дасти ману доманат, эй ҷомапӯш,
Ҷомаи шаҳмарди маро хуб бипӯш.
Дасти ману доманат, эй чамуспӯш[104]
Чамуси шаҳмарди маро хуб бипӯш,
Дасти ману доманат, эй саллабанд,
Саллаи шаҳмарди маро хуб бибанд.
Дасти ману доманат, эй фӯтабанд,
Фӯтаи шаҳмарди маро хуб бибанд[105].

Ин сурудро ҳофизон бо оҳанги дойра раққскунон мехонанд.

Дар водии Хуф низ дар ин маврид суруд мехонанд, мерақсанд ва бозию аскиягӯй мекунанд[106].

Дар шаби тӯй мардум номи арӯсу домодро бо эҳтиром ба забон гирифта, барои тасвири шукӯҳу салтанати онҳо до-

модро «шоҳ» (шах), «подшоҳ», «хоҷа», «амир» (дар Ғарму Ҳисор, Қаротегину Дарвоз) ва арӯсро «бегим», «ойим», «пошшо», «малика», «парӣ» (дар Кӯлоб, Бухорову Самарқанд) меноманд.

Дар аксарияти деҳоту районҳои ҷанубӣ ва қисман дар районҳои шимолӣ ва марказӣ чӯраҳои домодро — **шаҳмардон, додарони шах**[107] номида, аз байни онҳо ду нафарашонро ҳамчун роҳбалад интихоб менамоянд. Масалан, дар Кӯлоб ду чӯраи домод то лаҳзаи **чодардаророн** бо ӯ ҳамроҳӣ карда, ба домодшаванда тартибу одоби домодиро меомӯзононад. Инҳо **шаҳмардон** номида мешаванд. Дар Бадахшон домодро **«шаҳ»**, «шоҳ» ва он ду нафареро, ки аз аввали тӯи калон то охираш ба ӯ ҳамроҳӣ мекунанд, «вазир»-и дасти рост ва чап мегӯянд. Ба ивази хизмат ба онҳо аз тарафи падари домод чома, токӣ ва дигар чизҳо медиҳанд.

Домодбарон. Домодбарон бо тантанаву сурур, рақсу бозӣ ва мусиқанавозӣ мегузарад. Чӯраҳо **(шаҳмардон)** домодро дар мобайн гирифта сурудхонон то хонаи арӯс мераванд. Домодбаронро дар Ҳисору Кӯлоб **шаҳбарӣ** меноманд. Дар роҳ ба кофилаи домодбарон тамошобинони зиёде ҳамроҳ шуда, ин манзараро хеле гарм, бошукӯҳ, пурғулғула мегардонанд. Агар домод шабона бурда шавад[108], барои равшан кардани роҳ машъал меафрӯзанд.[109]. Ҳангоми **шаҳбарӣ** дар Кӯлоб суруди «Шаҳи ман омад, мирзои ман омад», дар водии Ҳисор «Шаҳ муборак бод», «Акаи тӯйдор, давлат ба сарат», дар Помир ва районҳои атрофи он «Шоҳи мо дар сафар», «Тӯй муборак бод», «Шоҳ омад»[110] ва ғайраҳоро мехонанд.

Пеш аз ба роҳ даромадан барои хабар кардани домод дар Кӯлоб як шахс **шаҳҷаҳд**[111] шуда меояд. Падари домод ҳаққи хизмати ӯро дода гусел мекунад. Паз аз рафтани шаҳҷаҳд процесси қабули шаҳ шурӯъ мешавад: домод роҳи хонаи арӯсро пеш мегирад.

Дар аксар маҳалҳо домодро ба аспи пурзинат савор карда мебурданд. Дар ин маврид ҳофизон ва созандаҳо суруд мехонанд. Масалан, дар Хуф чунин мисраъҳоро месароянд:

Шои мо дар мунбар,
Болои тахти зар.
Бастам камар, равон шудам,
Шои мо дар мунбар.
Шои мо дар мунбар,
Болои тахти зар.
Монанди зоғон сар ба сар,
Чашмони худ боло нигар.
Шои мо дар мунбар,
Болои тахти зар[112].

Вакте ки кофилаи домодбарон ба деҳа, гузар ё хонаи

арӯс наздик шуд, ҳофизон ва доирадастон оҳанги доираро шиддатнок гардонида матни сурудро дигар мекунанд. Чунончи, дар Ҳисор суруди «Акаи тӯйдор, давлат ба сарат»-ро мехонанд. Дар Ишкошим суруди «Шоҳи мо омаде, подшоҳи мо омаде»-ро хонда кудоёнро ба пешвозгирӣ даъват мекунанд.

Дар водии Хуф баробари ба назди хонаи арӯс омадани шоҳ (домод) тағоии духтар **бузпулӣ**[113] талаб мекунад. Баъд аз гирифтани бузпулӣ шаҳмардон ва ҳофизон суруди зеринро мехонанд:

Шо(ҳ) и мо омад,
Потшои мо омад
Аз дар даромад, чилва дех,
Шо(ҳ) и мо омад.

Ҳангоме ки шаҳ дохили хона шуд, модари арӯс аз болои сари ӯ орд мепошад, ҳофизон порчаи:

Шои зебоӣ,
Нукра гиребоӣ,
Омадӣ ба мемоӣ
Шои зебоӣ-ро[114],

хонда, домодро ба **«тахти шоҳона»** мешинонанд. Вақте ки домод ба «тахт» нишаст, ӯро бо чунин мисраъҳо муборакбод мекунанд:

Шои мо, хуш омадӣ,
Потшои мо, хуш омадӣ[115].

Кудоён дар хонаи арӯс бо тантанаи махсус ва шодиву хурсандӣ қабул карда мешаванд. Ин чо баъзе одатҳоро иҷро мекунанд. Масалан, чунон ки ишора шуда буд, ба сару пешонаи кудоҳо орд мепошанд. Ордпошӣ яке аз одатҳои қадимӣ, ва анъанавии халқи тоҷик ба шумор рафта, рамзи хушбахтӣ ва сафедии орд ишора ба рӯшной, некӣ аст. Ин одатро мардум бо нияти ҳифзи худ аз қувваҳои бадӣ иҷро мекарданд. Ин тариқа одатҳо барои омӯхтани эволюцияи унсурҳои фетешизм ва магизми ақидаҳои қадимаи халқи тоҷик аҳамияти калони илмӣ доранд.

Дар тӯй бозӣ мавқеи махсусро ишғол мекунад. Ҳамин ки давраи расмӣ, яъне иҷрои одатҳои анъанавӣ ба охир расид, мардум якчанд соат хурсандӣ ва рақсу бозӣ ташкил менамоянд. Дар рафти тӯй дар ҳамаи маҳалҳои тоҷикнишин намудҳои бисьёри бозиҳои халқиро мебинем, ки ҳар кадоми онҳо мундариҷаи алоҳида доранд. Масалан, «Муғулбозӣ»-и мардуми Бадахшонро гирем. Иштироккунандагони бозӣ се нафар буда, роли шахси якумро чавони хушовози раққос мебозад.

Вай бояд шеъру сурудхон бисьёреро аз ёд донад ва дар мобайни давра ҳунарнамой кунад. Пиниҳонӣ ба ин ҷавон либосҳои зебо пӯшонда, ба сараш салла мебанданд. Пас ин ҷавон дар мобайн даромада, рақсу сурудхонӣ мекунад.

Роли духтарро низ ҷавоне мебозад. Вайро либоси занона пӯшонда, ба давра наздик меоранд. Вақте ки ҷавон ба рақс медарояд, шахсе ки дар маърака бори аввал иштирок мекунад, мард будани ӯро пай бурда наметавонад. «Ясавул» хизматтори ҳамон «духтар» ба шумор меравад. Вай як фӯтаро дуқат тоб дода, дар даст мегирад ва ба фармони «духтар» тайёр шуда меистад.

Садои доира баланд мегардад. Дар ин ҳангом рақкос дар мобайни давра даромада, суруди «Муғулдухтар»-ро месарояд. Суруд бо чунин мисраъҳо оғоз меёбад: «Ой муғул омад, муғул омад, ой-ой муғул». Доирадастон доираро бошиддаттар зада, ба сароянда ҳамовоз шуда, мисраи «Ой муғул омад, муғул омад, ой-ой муғул»-ро такрор менамоянд. Рақкос мисраи дигари сурудро мехонад: «Ой, муғул аз рохи дур омад, ой-ой муғуле». Доирадастон мисраи авваларо такрор кардан мегиранд, рақкос давоми сурудро мехонад:

Р а қ қ о с:

Муғулдухтар, гули ғӯза,
Баландболои сурхмӯза.
Дилат бар мо намесӯза,
Биё, нозук муғул, ёре.

Д о и р а д а с т о н:

Ой муғул омад, муғул омад, ой-ой муғуле

Муғулдухтар, ҳабибат ман,
Ба дарди дил табибат ман,
Кучо бошӣ, насибат ман,
Биё, нозук муғул, ёре.

Д о и р а д а с т о н:

Ой муғул омад, муғул омад, ой-ой муғуле.

Р а қ қ о с:

Муғулдухтар, гули анчир,
Зада зулфони худ занчир.
Ба дом ту буам[116] асир,
Биё, нозук муғул, ёре[117].

«Духтар» ҳангоми рақс аз давра баромада тамаллуққорона назди ҳар як меҳмон рафта мешинад. Шахси дар паҳ-

лӯи «духтар» буда, ба тарзи шӯхӣ, «муборак бошад», гӯён ӯро табрик мекунад. Дар ин дам «ясавул» аз дар салом дода медарояд, вай одатан марди шӯх ва ширинкор мешавад. «Ясавул» аз ҳаман тамошобинон пул меғундорад. Баъд аз ин раққос боз ба ракс медарояд. Бозӣ соатҳои дароз давом мекунад. Вақте ки бозӣ ба охир мерасад, «духтар» аз дарра баромада меравад, доирадастон суруди зеринро мехонанд:

Моҳи ман умрӯз сафар мекунад,
Манзила бо ҷои дигар мекунад.
Аз рухи худ хонаи торикро,
Равшаи аз он шамсу камар мекунад.
Маҳкама[118] дар кӯҳу камар мекунад[119].

Пас аз хондани ин суруд, ки мисраи аввали онро доирадастон ҳамчун нақарот, баъди ҳар як байти сонӣ такрор мекунанд, аҳли тӯй мефаҳмад, ки бозӣ ба охир расида истодааст.

Дар деҳаи Филмандари райони Панҷакент дар ин марҳилаи тӯй ба тарзи ширинкорӣ якчанд бозиҳои ҳачвиро иҷро мекунанд: монанди, «Духтарбозӣ», «Лӯлӣ», «Мурғобӣ», «Мароб» ва ғайра. Дар деҳаи Шинги ҳамин район бозии зеринро мардон ҳангоми хурсандии шаби тӯй иҷро мекунанд. Дар рафти бозӣ як касро «ясавул» интихоб менамоянд. «Ясавул» аз рафти сӯҳбати меҳмонон назорат карда ҳамаро ба тартиб мешинонад. Касе бетартибӣ намояд, ҷазо медиҳад. Аз байни ҷавонон як шахс чойрез интихоб мешавад. Чойрез ба навбат ба меҳмонон чой рехта медиҳад, шахси чойгиранда дар навбати худ **мухаммас** хонда, пиёларо бармегардонад. Агар он шахс мухаммас гуфта натавонад, «ясавул» ба ноибаш мефармояд, ки ӯро ҷазо диҳад, агар фармони «ясавул» иҷро нашавад, худи ноиб ҷазо дода мешавад. Шахси ҷазодида боз «ясавул»-ро «илоҳӣ сесаду бист сол умри бериш тияд» гӯён дуо мекунад. Ҳукми «ясавул» ҳамчун ҳукми «шоҳ» вочиб аст. «Шоҳ» ҳуқуқ дорад, аз шахси ҷазогиранда пул—ҷарима гирад. Ба пули ҷарима аҳли давраро зиёфат мекунанд.

Домод дар тасаввури мардум шаби тӯй он ҳурмату эҳтиром ва ҳуқуқҳоеро дорад, ки танҳо ҳукмрони мутлақи мамлакат—шоҳ дошта метавонад. Ин ҳодиса яке аз унсурҳои ақидаву одатҳои боқимондаи давраи падаршоҳист.

Никоҳ. Қонуни никоҳ одати қадимаи халқхо буда, дар байни ду шахс, яъне ду ҷавон ҳамчун шартнома баста мешавад. Мувофиқи қоидаҳои **хутбаи никоҳи** мусулмонӣ амал кардани домод дар шароити асрҳои миёна то аввалҳои асри XX шарти асосӣ ҳисоб мешуд.

«... аз рӯи ҳуқуқи мусулмонӣ,— навишта шудааст дар китоби «Қонун оид ба никоҳ ва оила дар Тоҷикистон»,— никоҳ шартномаи хариду фурӯш буда, дар он ба сифати харидор

зангиранда ё хешовандони арӯсшаванда баромад мекунанд. Занҳо танҳо объекти шартномаи никоҳ ба шумор рафта, муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ, на дар байни арӯсшавандаю зангиранда, балки дар бораи зан ба вуҷуд меояд»[120]. Зеро дар бастани ақди никоҳ роли арӯсшаванда нихоят суст аст.

Пеш аз бастани ақди никоҳ **вакил (падарвакил)** интихоб мекунанд. Аз рӯи анъана вакил одатан аз шахсони наздики авлоди модарии арӯсшаванда интихоб мешавад. Бинобар ин, ҳузури духтар дар мачлиси никоҳ мувофиқи шариати мусулмонӣ манъ аст. Вакил бештар таго ё бародар интихоб мешуд, зеро таго «аз рӯи ҳуқуқи модарӣ наздиктарин ҳамавлоди мардина буд, ӯро аз падари аслӣ ҳам хеши наздиктар медонистанд...»[121]. Аз ин ҷост, ки халқ «тагоро ба ҷои ҳафт падар» ва «падари қиёматӣ» мешуморад.

Дар вақти интихоби вакил[122] ва бастани ақди никоҳ занону духтарон арӯсшавандаро дар мобайн гирифта, ҳар гуна шӯҳиҳо мекунанд. Аз рафтори онҳо мардони вакилпурс ба танг омада, чанд маротиба дар қаҳр шуда, рафтанӣ мешаванд.

Гоҳо занон бари ҷоман вакилпурсро ба кӯрпача медӯзанд ё ин ки онҳоро соатҳои дароз интизор намуда, арӯсшавандаро намегузоранд, ки бо тезӣ розигии худро диҳад: арӯсро мепучанд, нихта мекунанд ва ғайра.

Вакил ақди никоҳро бе иштироки духтар мебандад. Ин тарзи никоҳи пӯшида аст, ки дар матни он миқдори қалини духтар нишон дода мешавад. Дар никоҳи пӯшида вакил, мулло ё имоми деҳа ва ду шоҳид иштирок мекунанд[123], вале дар баъзе маҳалҳо ақди никоҳ ба тарзи кушода низ баста мешавад, ки дар ин ҷо ҳузури худи духтар шарти асосист. Масалан, дар Ленинобод, Ӯротеппа Самарқанд никоҳ аксаран ба тарзи кушод, бо иштироки духтар мегузарад.

Ҳатто ин тарзи никоҳкунӣ дар асарҳои бадеӣ инъикос ёфтааст, ки дар он майлу хоҳиши зангирандаву арӯсшавандаро пурра ба ҳисоб мегиранд. С. Айнӣ дар қисми I «Ёддоштҳо» дар баёни шарҳи ҳоли Ҳабиба ва бо писари косатарош ба қозихона рафта никоҳ кардани онҳо ба тарзи муфассал сухан ронда, матни хутбаи никоҳи озодро ба таври намуна овардааст, ки дар он миқдори **қалин (махр)**-и духтар нишон дода нашудааст[124].

Одатан дар назди никоҳшавандагон **ойна**[125], **шамъ**[126], **косаи об**,[127] ширинӣ мегузоранд. Ҳаман ин чизҳо орзу ва ниятӣ

тўйдоронро ифода менамоянд: масалан, ойна рамзи рўшной, сафедй аст, шамъро барои аз куввахои нопок мухофизат намудани арўс ба кор мебаранд.

Мардум ҳангоми бастани **акди никох**, мувофики акидаи кадимии худ, якчанд таъбир ба кор мебаранд, дар чоми домод ресмон медўзанд. Дар Эрон инро «бахт медўзам», гўёи маънидод мекардаанд. Ресмонро гирех накарда медўзанд, то ки ба ҳаёти оилавии хонадоршавандагон гирех наафтад. Дар хонае, ки никоҳ давом мекунад, ҳузури шахси бегона, зани бефарзанд, бева манъ аст, инчунин кордро ба ғилоф андохтан, дарро занчир гузоштан қатъиян мумкин набуд. Ин гуна рамзҳои анъанавй бо мақсади амалй гардонидани орзуву ниятҳои халқ ичро карда мешуданд.

Чунон ки Т. Неъматзода қайд мекунад, муаллифи китоби «Ақоид-ун-нисо» Возеҳ дар хусуси рамзҳои мавриди бастани акди никоҳ ин тавр навиштааст: «Чамъи уламо мутафарриқанд, ки дар вақти укд хино ба нигор набояд баст ва тукмаи куртаро ҳам набояд баст, зеро ки дар кори арўсй гирех меафтад... Воҷиб аст, ки шаби укд ба арўсу домод «Қаломулло»-ро во карда суран «Ҳазрати Юсуф»-ро ба назари ҳар ду доранд, ки ҳар ду ба мисли Юсуф ва Зулайхо шаванд. Ва... ба назар даровардани оинаро аз лавозимот медонанд...»[128]. Мувофиқи анъана оби косаи никохро аввал ба арўсу домод менўшонанд ва пас дигарон кам-кам нўшида, аз боқимондааш ба арўсу домод таом пухта медиҳанд ё ба танўри гарм мезонанд[129], то ки муҳаббати ҷавонон **ҳамеша гарму чўшон** бошад ва ғайра.

Дар деҳаҳои Фориш пас аз никоҳ мардони тарафи арўс аз шодй ба домод дарафтода саллаву чоми ўро кашида мегиранд. Домод барои шодиёна сару либосашро аз онҳо харида мегирад, яъне пул медиҳад.

Пас аз **хутбаи никоҳ** арўсро дар зери чодар шинонда, домодро ба назди ў медароранд. Дар зери по **пойандоз** мепартоянд ва домод аз болои он ба пои рост мегузарад, ки кораш ҳамеша пешрав ва рост шавад. Дар Кўлоб ва водии Ҳисор аз домод **дарона**[130] мегиранд.

Дар Ишкошим дар зери чодар домодро ба «тахт» мешинонанд, дар атрофи арўс дугонаҳо нишаста, ҳофизон суруд мехонанд.[131] Дар Тоҷикобод домодро дар зери чодар паҳлуи арўс рост мемонанд, ки ин **шаҳбаробар** номида мешавад. Дар назди онҳо як табақ орд монда ду **нўкчаро** дар мобайни он мегироианд. Ин таъбир маъноп онро дорад, ки то охир чароғи ин ду чавон фурўзон шуда, ҳеҷ гоҳ хомўш нашавад. Он **нўкчаро далилчўб** меноманд. Хонае, ки арўсу домод мешинанд, **арўсхона** ном дорад.

Чунон ки мебинем, бисьёр унсурҳои тўй қадимй буда, дар ин хусус **этнографҳо** кам маълумот додаанд. Чунончи, дар

зери чимилик ба арӯсу домод оинаи арӯсӣ[132] нишон медиҳанд, онҳо танҳо дар шаби никоҳ рӯи ҳамдигарро дар оина мединанд, дар ҳамин ҷо пои ҳамдигарашонро зер мекунанд, касе ки аввал пой зер кунад, дар зиндагӣ гапаш ҳамеша гузаро мешудааст. Чунон ки Возеҳ гуфтааст: «... вочиб аст домод ва арӯсро, пои рост дар пушти пои рости якдигар гузоранд...»[133]. Дар сари арӯс **нон** мемонанд, ба дасташ **ангуштарин** мегузаронанд, **шарбат** мехӯронанд. Шарбат рамзи ширинӣ ва ҳаёти онҳо мебошад. Мувофиқи гуфти Н. А. Маъсумӣ, дар ҳаққи **косаи шарбат**[134] савганд ёд карда, байти сонии рубоии зеринро мехонанд:

Ман ёри туям, намешавам ёри касе,
Дар домани туям, намешавам ром ба касе.
Ин косаи шарбате, ки бо ҳам хӯрдем,
Ҳаргиз нахӯрам шароб дар ҷоми касе[135].

Дар Бухоро ҳангоми **шарбатхӯронӣ** занон суруди дигареро мехонанд, ки матнаш дар бобӣ дуюм оварда мешавад.

Дар худи ҳамин лаҳза барои аз захми чашму ҳасуд муҳофизат кардани арӯсу домод ҳазориспанд дуд мекунанд. Ин одатҳо шояд нишонаҳои расму оини оташпарастӣ бошад ва онро аз як тараф, барои ҳифзи саломатӣ, аз тарафи дигар, ҳамчун аломати парастиши оташ иҷро мекунанд.

Ҳангоми дуди ҳазориспанд дар Бухорою Самарқанд ин тавр мегӯянд:

Ҳазориспанд ҳазор дона,
Ба чашми хешу бегона.
Ҳазориспанда дуд кардем,
Ҳазор балоя дур кардем.[136]

Пас аз иҷрои чунин одатҳо бо суханҳои ширин ва сурудхонӣ домодро шинонда, дар ҳаққи ӯ мухаммас мехонанд. Ин тариқа шеърхонӣ, мувофиқи маълумоти мавҷуда, танҳо дар тӯйҳои Бухоро ба амал оварда мешавад.

Дар **мухаммасхонӣ**[137] бештар аз шеърҳои шоирони классикӣ, рубой ва дубайтиҳои халқӣ истифода мебаранд, ки дар ин хусус баъдтар гавакқуф менамоем. Дар вақти табрики домод суруди «Мири ҷон, хуш омадӣ» хонда мешавад. Пас аз **муборакбодӣ** зиёфати домод сар мешавад. Занон дар назди ӯ дастархон густурда, нозу неъматҳои гуногунро мегузоранд. Домод тухмро дар бағали арӯс мерезад. Гӯё инро бо орзуи фарзанднок шудан ба амал меоваранд. Баъд аз ғундоштани дастархон домод берун мебарояду занон арӯсро ба сафар тайёр мекунанд.

Арӯсбаророн. Пеш аз сафар ба арӯс сару либоси нав мепӯшонанд. Вобаста ба **либоспӯшонӣ**[138] сурудҳо[139] хонда мешаванд. Сурудро бештар **дугонаҳо** хонда арӯсро муборакбод мекунанд. Масалан, ҳангоми **муборакбодӣ** ин тавр мегӯянд:

Илоҳй дар арӯсетон нишинам,
Либосҳон мурод дар бар бинам.

Ҳангоми **арӯсбаророн** суханбозй, саволу ҷавоб ва талабу ризомандии тарафайн авҷ мегирад. Дар маҳалҳои ҷанубии республика дар ин маврид **шаҳмардон** суруд мехонанд. Мазмуни шеърхонии занони деҳаҳои точикнишини райони Фориш низ шоёни дикқат аст. Дар ин шеърхонй иштироки фаъолонаи ҳам хешовандони тарафи арӯс ва ҳам тарафи домод мушоҳида мегардад.

Мардуми Фориш ҳангоми ба хонаи арӯс равон кардани хезум ва масолеҳи тӯй ҳам суруд мехонанд. Суруду тарона**хонии онҳо** махсусан дар шаби никоҳ пуравҷу тантанавор мешавад. Онҳо сурудҳоро бо табӯрок (доира) ба оҳанги фораму дилнишин ва рӯҳбаландкунандаи халкй хонда мерақсанд. Пеш аз баровардани арӯс занҳои дар хузури ӯ нишаста, ягон соат **байтбараку**[140] бозй мекунанд, гурӯҳи духтарон бошанд, таомҳои гуногун пухта меоранд. Баъд аз хӯрдани таом ва ғундоштани дастархон хешовандони домод бо чунин мисраъҳо баровардани арӯсро аз падараш талаб мекунанд:

Имрӯз соати худо
Келина тед, эй кудо.
Ҳафт дони ширин мебод,
Моён бо келин мебод.

Доирадастон, ки онҳоро **бардоранда** низ меноманд, пас аз ҳар банди суруд ҳамчун нақарот мисраъҳои зеринро бо оҳанги доира чӯр шуда месароянд:

Ҳой арӯс, ҳой арӯс,
Келин мебарем имрӯз[141].

Дар ин маврид доирадастон доираро бо шиддат зада бадеҳатан сурудан мегиранд. Як қисми сурудҳои маросими тӯи **точикони** райони Фориш маҳз бадеҳатан гуфта мешавад. Дар сурудхонй зану мард баробар иштирок менамоянд, ба ибораи худи онҳо гӯем, **байтгӯй** мекунанд. Онҳо соҳиби қобилияти эҷодию ҳофизаи баланде буда, ба ҳар як лаҳзаи нави тӯй байти мувофиқе эҷод мекунанд. Баъзан ба тариқи саволу ҷавоби қудоҳо тарафбатараф байтхонй мекунанд[142]. Ин тариқа сурудхонй дар маҳалҳои ҷанубии Точикистон низ мавқеи махсусро ишғол мекунад. Агар мардуми Фориш дар вақти аз хона баровардани арӯс гӯштин[143] гирифта суруд хонанд, дар Қаротегину Дарвоз, Кӯлобу Ғарм, Ҳисору Варзоб суруди «Барор, барор», «Гул, баро» ва монанди онҳоро мехонанд.

Чунончи, дар Варзоб ҳангоми **келинбаророн** суруди зеринро дастан сарояндагон мехонанд:

Хама:

Барор, бароруш мегуме,
Хола, бароруш, мегум.

Сарбайтхон:

Дегшуякта бурдуме...

Хама:

Барор, бароруш мегуме,
Хола, бароруш мегум.

Сарбайтхон:

Дастшуякта бурдуме.

Хама:

Барор, бароруш мегуме,
Хола, бароруш мегум.

Сарбайтхон:

Бумрубакта бурдуме.

Хама:

Барор, бароруш мегуме,
Хола, бароруш мегум.

Сарбайтхон:

Говчушакта бурдуме,

Хама:

Барор, бароруш мегуме,
Хола, бароруш мегум.

Сарбайтхон:

Шарпазакта бурдуме.

Хама:

Барор, бароруш мегуме,
Хола, бароруш мегум[144].

Дар деҳаи Зиддии райони Ленин варианти дигари суруди келинбаророн «Гул баро» навишта гирифта шудааст, ки намунааш ин аст:

Гул, буро ай хуна,
Шохи гул печунай...[145]

Сурудҳои давраи **келинбаророн** дорои вариантҳои гуногун буда, ҳар кадоми онҳо бо мақому оҳанги нав суруда мешаванд. Масалан, дар Кӯлоб ҳангоми **келинбаророн** мардон сурудеро бо нақароти зерин мехонанд:

Хама:

Барор, барор, хушрута,
Хушруи камабрута.

Сарбайтхон:

Сари дегдони баланд хамиршури очаше.

Хама:

Барор, барор хушрута,
Хушруи камабрута.

Сарбайтхон:

Сари дегдони баланд, хавлируи [140] очаше,

Хама:

Барор, барор хушрута,
Хушруи серабрута.

Сарбайтхон:

Хама:

Барор, барор хушрута,
Хушруи серабрута.

Сарбайтхон:

Сари дегдони баланд, чогаандози очаше.

Хама:

Барор, барор хушрута,
Хушруи серабрута.

Сарбайтхон:

Сари дегдони баланд, говчуши очаше.

Хама:

Барор, барор хушрута,
Хушруи серабрута[147].

Дар ин маврид дар тўйҳои Дарвоз суруди дигарро мехонанд, ки матни он ба суруди «Саршўй»-и Кўлоб монанд аст[148]. Ҳама аз хона мебароянд ва пеш аз баромадани арўс ду шахс хофизй карда, нақароти зеринро пас аз ҳар як рубоии халқй такрор кардан мегиранд:

Э гул, бибро ай хона,
Чашмони шоҳ мастона.

Ба ҳамин тариқ, дастаи сарояндагон, ки тезтар баровардани арўсро талаб доранд, то аз хона баромадани арўс суруд мехонанд. Ин тарзи сурудхонй бештар дар тўйҳои маҳалҳои ҷанубии республика маъмул аст. Арўс лаҳзаи охирини дар хонаи падар буданаш гирьяву зорй менамояд. Модар ўро тасалло дода, хислатҳои хубу хулку одоб, сифатҳои бехтарин ва ҳусну зебоии духтарашро навозишкорона як-як баён карда, суруди «Гуламро бурданд»-ро мехонад:

Гулма бурдане,
Барги гулма бурдане,
Як духтари сафеди
Хонарувма бурдане.

Гулма бурдане,
Барги гулма бурдане,
Духтараки калони
Хонабонма бурдане
Гулма бурдане,
Барги гулма бурдане,
Духтараки калони
Хамиркунма бурдане[149].

Дар Оби Гарм суруди **арӯсбаромон** ба тарзи бадеҳа саронда мешавад, ки нақароти сурудро **шахмардон**, дигар бандҳоро дастаи **сароянда гон—ҳофизон** суруда, соатҳои интизории худро ба тарзи зер ифода менамоянд:

Ҳама:

Барор, бароруш, хола,
Кай мебароруш, хола?
Рузаму бевақт шидай,
Кай мебароруш, хола?[150]

Ҳаминро ҳам бояд гуфт, ки дар деҳаи Ашти райони Ашт пас аз ба хонаи арӯс омадани домод ва мукарробони ҳай тарафайн суруд мехонанд. Ин тарз сурудхонӣ барои қувват гирифтани лаҳзаи драмавии тӯй ёрӣ мерасонад. Дар байни хона пардае кашида дар як тарафи он домодро бо чӯраҳояш ва дар тарафи дигар арӯсро бо дугонаҳояш шинонда, суруди «Ёр-ёр»-ро мехонанд. Сурудхонӣ чанд муддат давом мекунад. Одатан сурудхонӣ бо ғалабаи тарафи домод ба анҷом мерасад[151]. Дар ҳамин маврид дар Оби Гарм падари духтар омада, ба модар ва дугонаҳояш таъкид карда: «Э хубрӯён, дигар чӣ суд ай гиратон[152], чизе гуфтӣ, ваё тура[153] оварда, (онҳо), хешай мора, бароред ура»[154], (арӯсро—*З. Ф.*), мегӯяд. Ҳамин ки лаҳзаи баровардани арӯс фаро расид, ӯро ба аспи зинат дода шуда ё ароба савор мекунанд[155], зеро аз рӯи ақидаи мардуми тоҷик асп ҳайвони бузург, боқувват ва мукаддас буда, гӯё аз авлоди дев шуморида мешудааст, ки аз дев ҳаргуна қувваҳои бадӣ мегурехтаанд. Инчунин, арӯсро ба хонаи домод бештар шабона мебаранд, ки сабабаш дар боло ишора шуд. Ҳаман ин таъбирҳо бо мақсади ба арӯс нарасидани осебе ҳамчун ақидаи анимистӣ ба амал оварда мешуд. Ғайр аз ин, дар қишлоқҳои асп ягона воситаи кулаи наклиёт буд. Одатан арӯсро ба асп шахсони наздикаш падар ё тағо савор мекунад ва агар тағо надошта бошад, як шахсро **ҷилавдор**[156] **(сарҷилав)** интихоб мекунанд. Вақте ки арӯсбарҳо ба роҳ даромаданд[157], хешовандон ва падару модари арӯс аз ақибаш изҳори орзуи нек ва суханҳои «бабахт шавӣ, батахт шавӣ»-ро ба забон мегиранд.

Дар Ғончӣ падари арӯс ин тавр мегӯяд: «Бахту барораша тияд, а ҷои рафтагеш осояд, пешраву пешдав шавад, дасташ хамирба ғӯтад, серфарзанд шавад»[158].

Дар баъзе маҳалҳо тарона ва дубайтиҳои ифодакунандаи хисси шодӣ сароида, ба арӯсу домод умри дароз ва давлату фарзанд орзу мекунанд.

Масалан:

Садсола **шавед**, ҳазору садсола шавед,
Бодавлату хурсанду гули лола шавед
Домоди ҷавони паҳлавони азамат,
Келини парии биҳишти боҳурмат[159].

Дар Лучоб занон ин дубайтиро мехонанд:

Дар **ҳавлии** отаҷон анҷиру муруд,
Ҳавлиии калони ота зеваши ман буд.
Рӯзе ки савор карданд ба аспи кабуд,
Гашта ки ингоҳ кардам, ҳавлеш бенамуд[160].

Ҳамин ки қофилаи арӯсбарон ба роҳ даромад, дар роҳ боз сурудхонӣ давом мекунад.

Арӯсбарон (келинбарон). Қофилаи арӯсбарон бо раксу бозӣ, оҳанги мусиқию сурудхонӣ ва шодию хурсандии умум, яъне бо тантанаи махсуси сурурангез то ба хонаи домод мерасанд. Ин қисми маросим нафақат барои иштироккунандагони тӯй, балки барои тамоми аҳли маҳалла ё деҳа, ки аз дару девор, бому кӯча ба тамошои ин манзара мебароянд[161] як хурсандии бузург ва фараҳовар аст[162]. Дар шаби тӯй аз кӯдаки хурдсол то мӯйсафедон шарики ин шодӣ мегарданд. Тарзи равон шудани онҳо ин тавр шурӯъ мешавад.

Қорвони **келинбарон (арӯскашон)**, пеш-пеш ҳофизон, раққосон, доирадастон, карнаю сурнайнавозон, аз қафо **арӯсбарон**, зану мард, инчунин тамошобинону кӯдакон — ҳама ба як саҳнаи намоиш шабоҳат дорад. Арӯсбарон, арӯскашонро Аҳмад Алии Ричой ин тавр тасвир намудааст: «Расм аст, ки арӯсро бо асп ба хонаи домод мебаранд. Ибтидо рӯи зин чанд дӯшаки кӯчак рӯиҳам меандозанд. Зане, ки сафедбахт бошад, ҷилавсавор мешавад ва пушти сараш арӯсро бо фарончӣ ва рӯбанди сафед савор мекунанд. Афсори аспро касе, ки аз ҳама ба арӯс наздиктар бошад (ғайр аз падар ва бузургтарони хонавода), чун доия (тағояш), агар мусин набошад, ё бародари арӯс ба даст мегирад ва чаҳор-панҷ зан пиёда ҳамроҳ мераванд ва ин амал наздикиҳои нимаи шаб анҷом меёбад. Вақте аспи арӯс аз дур падидор шуд, тӯдаи ҳезумеро, ки дар мукобили дари хонаи домод омодааст, оташ мезананд ва аспи арӯсро се давр гирди оташ мегардонанд. Баъд домод, ки қанде такрибан ба вазни як кило ба даст дорад, аз хона берун меояд ва қандро ба тарафи бачаҳо ва дигар тарафе, ки он ҷо чамъомад, меандозад ва то онон барои рабудани қанд издиҳом мекунанд, ба чобукӣ арӯсро аз рӯи зин бардошта ба андарун мебарад»[163]. Дар ин вақт, чу-

нон ки дар боло гуфтем, сурудҳои махсуси **табрикӣ** ҳонда мешавад ва ҳар маҳалли тоҷикиншин суруди хоси худро дорад.

Агар хонаи домод наздик бошад, барои зиёдтар давом кардани сурудхонӣ ва шукӯҳу салтанати шаби арӯсӣ мардум арӯсро бо роҳҳои дур, аз байни деҳаҳои ҳамсоя гирифта мебаранд ва бо ҳамин восита ҳисси шодии дилҳои пурҳаячонро намоиш медиҳанд. Ғайр аз ин, барои орзушиканӣ дар ҳар бандаргоҳ аз роҳравӣ истода, кувваи равшании **машъалро** афзуда, раксу бозӣ мекунанд ва суруд мехонанд. Дар ин вақт гуфтани ҳар гуна ишдоҳои шодӣ ба ҳаққи раққосаҳову сароядагон ва суханҳои табрикии «дастатон дард набинад», «барака ёбед», «ба камол расед» ва ғайра баланд мешавад.

Дар поён аз сурудҳои лавҳаи **келинбарони** якчанд маҳал намунаҳое меорем. Дар райони Айнӣ, Шаҳристон, Ӯротеппа, Ленинобод, Самарқанд бо нақароти **«ёр-ёр»** суруд мехонанд. Масалан, дар деҳаи Рарзи райони Айнӣ ин суруд маъмул аст:

Як кас:

Рафтам рам осиё,[164]
Дидам духтари зебо.

Ҳама:

Ёр-ёр-ёроне.

Як кас:

Кӯтаи боло хор дорад,
Рӯхон ёрам хол дорад.

Ҳама:

Ёр-ёр-ёроне.

Як кас:

Арӯса бурдан сой катӣ,
Кавшон пӯпакдор катӣ.

Ҳама:

Ёр-ёр-ёроне[165].

Варианти дигари сурудӣ арӯсбарон **«Нақш»** аст. «Нақш» гоҳо бо нақароти **«Ёр-ёр»**, вале бо матну оҳанги дигар суруда мешавад. Ин суруд бештар дар тӯйҳои маҳалҳои шимолӣ—Ленинобод, Ӯротеппа, Самарқанд дучор мешавад, ки таҳлили пурраи онро дар боби II мавқуф гузоштем.

Сурудӣ келинбарии мардуми кӯҳистон аз сурудҳои маҳалҳои шимолӣ тамоман фарқ дорад.

Вақте ки кофилаи **арӯсбарон** ба хонаи домод наздик шуд, дар Дарвозу Бадахшон сурудеро мехонанд, ки матнаш чунин аст:

Хуш омадӣ, ёре, меҳмони мо,
Бар дидаву чашме, меҳмони мо[166].

Дар Фориш ин тавр мегӯянд:

Мо шиштем раҳпоён,
Домод оянд гулчошон[167],
Ҷӯрахош ай ҷой хезед,
Аз сараш гулҳо резед[168].

Нусхаи дигари суруди келинбарон—суруди қадимии тоҷикон дар Самарқанд бо номи «Хо Лайлӣ, Лайлӣ, Лайлӣ-ей»[169] машҳур гардида, оҳанги шӯху пуртантанан он диққати мусиқашиносонро ба худ ҷалб кардааст. Соли 1932 санъатшинос Н. Миронов ба ин суруд оҳанг баста, ба нота гирифтааст, ки матнаш чунин аст:

Хо Лайлӣ, Лайлӣ, Лайлӣ

Хо, Лайлӣ, Лайлӣ, Лайлӣ (ей).
Ҷонам фидо ҳо Лайлӣ.
Ҳар боде ки бархезад (у) гул бар сари гул резад (ей),
Гулаш рафту хораш мон (у) дар сина ғубораш монд.
Рафтам лаби боматба (ей), нагуфтӣ, ки ҷонатба (ей),
Духтар ба рӯи хона (ей), зулфаш ба рӯи шона (ей),
Ангури боғи лолазор, қурбони ҷон, қурбонӣ (ей),
Хо Лайлӣ, Лайлӣ, Лайлӣ (ей), ҷонам фидо, ҳо Лайлӣ.[170]

Қабули қудоён дар хонаи домод бо суруд анҷом дода мешавад. Масалан, дар Фориш дар чунин маврид ин тавр мегӯянд:

Хуш омадед, қудоён,
Иззат ёбед аз моён.

Дар навбати худ қудохо ба модари домод муроҷиатқунон чунин мегӯянд:

Хез, оча, келин омад,
Нури хонет даромад.

Ба арӯс мегӯянд:

Муборак шавад хонет,
Пӯр шавад тухми донет[171].

Чи навъе ки дар боло нишора шуд, дар тамоми маҳалҳои тоҷикнишин дар рӯи ҳавлӣ оташ афрӯхта аз гирди он се маротиба арӯсро давр зананидан[172] одати маъмули қадимии тоҷикон ба шумор меравад, ки ин нишонаи ақидаи анимистии мардум дар бораи оташ аст[173]. Ғайр аз ин, унсурҳои шамъ гирондан ва бо нияти аз захми чашму кина эмин доштан, ҳам зери чимилиқ ҳазориспанд дуд кардан, сари арӯсро ба оташдон хам кунониданд[174] ва ғайра низ кулли оташ ба шумор мераванд[175].

Ҳангоми аз асп фуровардан дар маҳалҳои шимолӣ то зери чодар «Саломнома»[176] мехонанд. Дар вақти аз асп фуро-

вардани арўс дар Кўлоб домод се бор ба болои асп сазор шуда мефарояд. Ин одат танхо барои хурмати арўс ба чо оварда мешавад, зеро аз рўи акидаи давраи модаршохй, мартабаи зан хеле баланд шуморида мешуд. Ғайр аз ин, домод ба шахси **чилавдор (чома, токй, миёнбанд)** тўхфа мекунад. Инро тўхфаи домод мешуморанд. То домод тўхфа надихад, намегузоранд, ки ў арўсро ба хонааш дарорад. Дар Кўлоб пеши пои арўс гўсфанд мекушанд. Дар зери чодар хар ду онхоро танхо мегузоранд. Дар ин чо домод барои ба гап даровардани арўс хар гуна латифа ва ҳикояҳои ачоибро накл карда, арўсро мачбур мекунад, ки сухане гўяд, дар натича хар ду хушхол мегарданд. Дар ин бора дар Фориш латифаи «Мо мўи сагамонро кайчй кардем» маъмул аст.

Хангоми ворид шудан ба хонаи домод дар зери пои арўс пойандоз густурда мешавад. Дар ин хангом (дар Нурато) арўс дар остонаи падаршўй сари таъзим фуруд меорад.

Дар Хисор, Кўлоб, Шахристону вилояти Қашқадарьё бошад, одати **кампирмурд** ичро карда мешавад.

Ин одат дар Шахристон чунин ба амал оварда мешавад. Пас аз вориди хона шудани арўс модари домод: «Ба ман хизмат кун, акнун ман мурдам», гўён худро зери пои арўс мепартояд. Арўс сари ўро бардошта рўи болишт мегузорад. Ин чунин маъно дорад, ки вай акнун ба хизмати онаи онхо тайёр аст. Одати мазкур дар деҳахои Ростровути Точикистон боз хам ачибтар ба ичро мерасад: вакте ки модари домод худро шахси мурда вонамуд карда, дар рўи хона мехобад, хама рўй турш намуда: «пуфа, ин бўи бад бўи чй бошад?» мегўянд. Занхои дигар: «Ин бўи кашнич, бўи занчабил, бўи райхон, бўи зубида, бўи бихишт», гўён аз хар тараф овоз мебароранд. Баъд ба рўи кампир як рўймолро мепартоянд. Вай бо рўймол сари худро баста, аз чой мехезад ва «биёед, нури дидаам, точи сарам, мехмони азизам», гўён арўсро пешвоз мегирад.

Пас аз хондани «Саломнома» дар Ургут хангоми кабули арўс модари домод суруди зеринро мехонад:

Аз дар ки дарой, дару дарвоза тасаддук,
Дар хавлй дарой, гулу гулзора тасаддук,
Дар чимилик дарой, кади шамшод тасаддук,
Дар хона дарой, мани бемор тасаддук,
Як бор чй бошад, ки дусад бор тасаддук,
Ба зулфи тобдорат ман тасаддук,
Ба як холи сиёхат ман тасаддук,
Ба тарзи хушмуғоҳат ман тасаддук,
Ба чашми пурхуморат ман тасаддук[177].

Дар Бухоро, Фориш, Нурато занон дар хонаи домод **байтхонй, мухаммасхонй** карда, манзараи ачиберо меороянд, ки ба **байтбарак** ё байтгузаронак хеле шабоҳат дорад. Мо лозим

донистем, ки дар боран ин унсури адабии тӯй каме таваққуф намоем.

Тоҷикони Нуратову Фориш шеърхонии ин мавридро шарбатдорӣ ва сурудашро **«Байти шарбатдорӣ»**[178] меноманд. Шарбатдорӣ чунин ба вуқӯъ меояд: Занон—**кудоён** пас аз ҷиҳати тарафи домод дар маъракаи хурсандиро метафсонанд. Як зан аз наздикони домод (модар ё хоҳараш) дар даст **косаи шарбат** вориди хона мешавад ва ба назди ҳар яке аз ҳозирон омада, аз шарбат манзурат мекунад. Баробари косаро ба сӯи зани муқобил дароз кардан як рубой хонда ба ҷавобаш мунтазир рост меистад. Бояд ҳар як зан дар ҷавоби шеъри **шарбатдор** шеър гӯяд. Бинобар ин, занҳо маҷбуранд, ки бисёртар шеър аз ёд донанд ва баъзан худашон низ шеър эҷод менамоянд. Зеро дар ин гуна маъракаҳо барои занҳо донистани шеъру мухаммасҳои халқӣ, аз як тараф барои ифодаи кайфияти худи онҳо бошад, аз тарафи дигар, барои дар байни маърака мулзам нашуда, ғолиб омадан, номи худро машҳур гардонидан лозим аст. Тарафбатараф шеърхонӣ ва шеъргӯй ба занҳо имконият медиҳад, ки кувваи ҳофизаи худро инкишоф дода суруд, байт, рубой ва мухаммасҳои гуногунро дар хотирашон бештар нигоҳ доранд ва дар ҷои даркорӣ онҳоро истифода баранд. Ҳофизаи хуб доштан, шеърро дар мавридаш ичро намудан боиси ифтихори ҳар як зан аст. Онҳо бештар порчаҳои шеърии шоирони гузашта, муосир ва қисми аз фольклорро мехонанд. Ҳангоми **шарбатдорӣ** занон чунин дубайтиҳоро месароянд:

Гули сурху сафедам ҳар ду лола,
Ба чашмони ту дорам оҳу нола.
Агар як шаб шавӣ меҳмон ба пешам,
Худам сокӣ шавам, чашмам пиёла[179].

Шарбатдор назди ҳаман занҳо рафта, шеър хонда, ҷавоби онро мегирад. Вай шеъри хондаашро ҳеҷ гоҳ бечавоб намегузорад ва қатъӣ истода талаб мекунад, ки зани муқобил ҷавоби ӯро гӯяд. Агар зани муқобил ҷавоб гуфта натавонад, ба занҳои пурдон, **гӯяндаҳо**, ки дар ин маросим иштирок доранд, бо илтимосе мурочиат менамоянд. Дар ин гуна мавридҳо онҳо ҳеҷ гоҳ ҳоҳиши якдигарро рад намекунанд. Баъзе аз занҳо хотиран хуб дошта, шеъри бисьёреро аз ёд медонанд ва онҳо дар ҷавоби **шарбатдор** ба ҷои якчанд зан шеър суруда, маъракаро метафсонанд. Баъзан дар ин гуна мавридҳо мардон аз оқибӣ дар тамошо карда, ҳаловат мебаранд. Масалан, шеъри зерин, ки **шарбатдор** ичро мекунад, ҳаловатбахш аст:

Ман асири қадди дилҷӯят шавам, эй нозанин,
Ман асири чашми ҷодуят шавам, эй маҳҷабин.
Усма бар абрӯт кашида, сурма бар чашмони ту,
Ман балогардон ба ҳар дуяш шавам, эй нозанин[180].

Шарбатдор дар охир ба назди келин ва янгаҳои ӯ омада дар таърифи арӯс чанд рубой ва дубайтӣ мехонад. Дар ивази хизмати боназокати **шарбатдор** арӯс **ангуштарине** тӯҳфа намуда,[181] ҳама дубайтиро зеринро мехонанд:

Илоҳӣ, наҳли умрат аз ҷавонӣ баҳравар гардад,
Ниҳоли қоматат аз боғи даврон пурсамар гардад.
Касе ошиқ бишуд, ҳаргиз нагардад аз сари кӯят
Илоҳӣ чашми номарде наафтад бар гули рӯят[182].

Дар Бухоро ба ҷои шарбат пиёлаи ҷои ширин ва қадаҳи майро ба **раққоса, созандаву навозандагон** манзураткунон шеър мехонанд. Дар Нурато дар охири **шарбатдорӣ** ба тарзи хулоса яке аз янгаҳо байти зерин хонда, арӯсро пазирой мекунад:

Эй бибизанон, мо нигор овардем,
Хулбуи лаби ҷӯя баҳор овардем.
Наққош будем, хона пури нақш бастем,
Дар хонаи пурнақш нигор овардем[183].

Ин тарика шеърхонӣ дар деҳаи Ухуми райони Фориш низ ташкил карда мешавад[184].

Мардуми деҳаи мазкур нақл мекунанд, ки дар ин шаб онҳо аз имконият истифода бурда, ҳамаи ҳунари созандагиву навозандагии худро бо табӯрок (доира) намоиш медиҳанд, зеро тӯй дар ҳаёти мадании мардуми ин маҳалли кӯҳии дурдаст ягона мавридест, ки фаъолияти бадеии худро намоиш диҳанд ва ҷои асосии дилхушии мардум ҳам **тӯйхона** будааст:

Ин шаби тӯй меҳмонӣ,
Ҷона кунем қурбонӣ.

Дар деҳаи Оҳалики райони Самарқанд дар ҳамин маврид байти зеринро мехонанд:

Рӯи хаво авр дора,
Тӯи додар баҳр дора.

Чунон ки Возеҳ қайд мекунад, «... дар ин шаб доира задан воҷиб аст ва бар сари занон лозим аст, ки бо садои баланд гӯянд:

Бодо, бодо! Е раб, муборак бодо!
Имшаб чӣ шаб, шаби фароғ аст имшаб,
Ин хона пур аз шамъу чароғ аст имшаб».[185]

Манзараи шеъргӯӣ, таронаҳонии оммавии занон табиатан шоир ва шӯху зиндадил будани мардуми тоҷикро тасдиқ мекунад. Мардум барои нигоҳ доштани анъанаи қадимӣ ва ҷашнкишофу равнақи назми бои эҷодиёти даҳонакиро халқ-суруд,

тарона, байту рубой, ғазалу мухаммас, чи дар замони ғузашта ва чи дар замони ҳозира дикқати махсус дода, дар ин роҳ фаъолият ва мароқи калон зоҳир менамоянд.

Пас аз саҳнаи шеърхонӣ ва хурсандӣ зиёфати кудоён ва таомхўрӣ сар мешавад. Таомҳо гуногунанд. Дар бораи навъи таомҳо дар фасли **тўи фотиҳа** муфассал сухан меравад.

Дар тўйҳои мардуми Ғарму Қўлоб, Ҳисору Оби Гарм гўрўғлисарой мавқеи калон дорад. Азбаски масъалаи мавқеи гўрўғлихонҳо дар ҳаёти маънавии халқ мавзўи алоҳида аст, ҳалли онро ба мавриди дигар вогузор мекунем.

Дар тўй баробари изҳори суханҳои пандомез, суруду тaронахонӣ, орзуҳои нек, ҳазлҳои ширину намакин ва латифаву зарифагўй, ба иборат дигар, кофияву аскиягўй мавқеи махсусро ишғол мекунанд. Дар баробари беш аз пеш қувват гирифтани хазлу шўхӣ ва намоишҳои ҳачвии саҳнавӣ манзараи пуртантанаву пурханда ба миён меояд.

Масалан, дар тўйҳои Самарқанд занон дар соатҳои хурсандӣ як қатор саҳначаҳои хурд-хурд, чунончи, «Ана-ана донашўрак», «Она, каду диҳед», «Амаки чойҳоначӣ»-ро намоиш медиҳанд, ки намунаи ин гуна лавҳаҳо дар фонди фольклори тоҷик маҳфуз аст.

Рўйбинон. Дар хонаи домод тўй аз рўйбинони арўс шурўъ мешавад. Зиёфате ороста рўи арўсро мекушоянд, ҳама тамошо мекунанд. Тарзи ташкил ва гузаронидани **рўйбинони** арўс мувофиқи анъана дар маҳалҳо ба таври гуногун гузаронида мешавад.

Масалан, дар деҳан Бакавул ва Бобосурхони райони Ленин дар рўзи дуюми тўй арўсро орд мебезонанд. **Ордбезӣ** чунин гузаронида мешавад. Ду дасти арўсро дар болои табақи орд мегузоранд ва аз болои дасташ равған рехта мефармоянд, ки ордро хамир кунад. Аз хамир **кулча**[186] пазонда занҳои деҳаро хабар мекунанд. Пас аз ҷамъ шудани занон дастархон густурда, кулчахоро мехўранд ва баъд аз ғуногуни дастархон арўсро ба рўйбинон тайёр мекунанд. Мўйҳои ўро машшота мебофад ва ба ийғаш пахта метобад, як зани кўҳансол **лачаг**[187] мебандад. **Усмаю сурма, сурхию сафедӣ** молида ўро зебу оро медиҳанд, дар атрофи девори хона либоси арўсу домодро меовезанд ва ба сўзанию дигар асбобу анҷоми зебу зинатӣ **арўсхонаро** меороянд. Сўзанӣ бо мақсади мухофизати арўсу домод аз захми чашм ва қуввахои бади нопок дар деворҳои хона паҳн карда мешавад[188]. Инчунин **рахти хонаро** рост мекунанд[189].

Омадани модари арўс ба хонаи домод низ ба анъанаи махсус ба анҷом мерасад. Дар шаби аввал «омадани модари арўсро харом меноманд»[190]. Ў то муддати ба рўйбинон тайёр шудани арўс ягон таоме[191] пухта бо хамрохии панч-шаш нафар **зан сару либос**, яъне **махри** духтарро меорад. Онҳоро

дар хонаи домод бо эҳтиром пешвоз гирифта, бо **оши янгаҳо** зиёфат мекунанд. Пас аз зиёфат аввал **чиҳозшуморӣ**[192], баъд **киетпӯшон**[193] мешавад. Баъди ичрои чунин одатҳо рӯи арӯсро мекушоянд.

Рӯи арӯсро бо матои сафеди нафис мепӯшанд. Онро **рӯйпӯшак** меноманд. Барои зебу ороиши модарон дар рӯи он матоъ бо орзуву ҳавас ҳаргуна нақшу нигор кашида, гулдӯзӣ мекунанд. Дар Бухорову Самарқанд байту рубоиҳои халқиро болои матоъ навишта, бо абрешим гулдӯзӣ кардан расм аст. Чунончи, дар Самарқанд дар рӯйпӯшаки арӯс чунин мисраъҳо нақш баста шудаанд:

Ҳар кас гирад аз рӯяш,
Насиб куяд ба тӯяш[194].

Лаҳзаи кушодани рӯи арӯс, мувофиқи анъанаи мардум, қоидаҳои махсус дорад. Ҳар яке аз қоидаҳо ба мақсади муайяни нигаронида шуда, орзу ва нияти тӯйдоронро ифода мекунад.

Бо нияти фарзанддор шудани ҷавонон бо шохчаи дарахти мевадор бачае ё мӯйсафеде рӯйпӯшаки арӯсро мегирад. Дар баъзе маҳалҳо (масалан, дар деҳаи Навободи райони Ҳисор) дар нӯги чӯб пахта мемонанд ва ин чӯбро то хушк шудан дар болои чимилиқ нигоҳ медоранд. Дар Самарқанд низ ҳамин тавр мекунанд. Дар Хуф рӯйпӯши арӯсро бо камони дар нӯгаш пахта печонида шуда мекушоянд. Ҳаман ин таъбирҳоро бо як мақсад, ба нияти соҳиби фарзанд шудан ба кор мебаранд. Нагуфта намонад, ки дар нӯги ресмони чимилиқ (чодар) чӯби мевадор ва корд мебанданд. Қорд ва чӯби мевадор бо нияти писар таваллуд шудани фарзанди аввал аст. Ҳаман ин унсурҳо вобаста ба ақидаи анимистии мардум ичро шуда, муносибати онҳоро ба чизу ашёҳо нишон медиҳад. Қоидаҳои мазкур тадричан маъноии рамзӣ касб кардаанд, ки онҳо орзую ниятҳои некро ифода мекунанд. Дар ин маврид суруди анъанавии «Саломнома» (дар шаҳрҳо) ва «Келинсалом», «Келиншиноӣ»-ро (дар маҳаллаҳои кӯҳӣ) хонда, арӯсро ба муносибати хонаи нав, оилаи нав, ҳаёти нав табрик менамоянд.

Рӯйбинони арӯс дар баъзе маҳаллаҳо то рӯзи ҳафтуми **тӯи арӯсӣ** давом мекунад[195]. Барои дидани рӯи арӯс аввал модари домод меояд. Ӯ рӯи арӯсшавандаашро бӯсида, тӯҳфа пешкаш мекунад[196], пас ба навбат дигарон ба **рӯйбинӣ** меоянд. Тӯҳфаи занон **рӯйбиноӣ** номида мешавад. Инро дар Бухоро **рӯйнамоӣ** гӯянд[197].

Рӯзи **рӯйбинон** маросими асосӣ ва хоси занон шуморида шуда, пур аз лаҳзаҳои мусиқӣ ва рақсу бозӣ мебошад. Дар як тарафи ҳавлӣ мардон ҳам хурсандӣ мекунанд. Ғайр аз ин барои шавқманд гардонидани меҳмонон ва афзудани кай-

фияти шодиёнаи ахли маърака дар шаҳрҳо раққосаҳои касбӣ, мусикачиён ва дар қишлоқҳо зану мардони маъракаоро даъват мешаванд. Онҳо барои гарм кардани маърака кӯшиш менамоянд, ки ҳунари худро намоиш диҳанд. Дар ин рӯз баъзан иштироки сурнайчиёнро мушоҳида кардан мумкин аст. Онҳо намоишҳои лӯхтакӣ нишон медиҳанд. Ин намоишҳо сабаби хушҳолӣ ва хандаи умум гардида, диққати тамошобинони зиёдеро ба худ мекашад. Хатто барои тамошои ин манзара аз бому дар занону бачагон чамъ шуда лаззат мебаранд ва ҳар лаҳза садои ханда баланд мешавад. Дар охир ҳама дар ҳаққи онҳо бо суханҳои «барака ёбед», «дастатон дард набинад» ба ҳунари санъатдӯстии ҳунарпешагон баҳои сазовор медиҳанд.

Истилоҳи **рӯйбинон** дар маҳалҳо дар шаклҳои гуногун вомехӯрад. Масалан, дар Кӯлоб ва Ҳисор **рӯбинак, рӯбинои,** дар Самарқанд **рӯбинон** ё рӯзи **оши зано,** дар Нурато, Ленинобод ва районҳои он **келинсалом,** дар Ростровут **оши янгаҳо,** дар Ургут **рӯкушод,** дар Фориш **рӯкушой** ва дар Исфара **рӯбинак** меноманд.

Ба муносибати табрику муборакбоди хонаи нав, **онлан** нав ва ҳаёти нави арӯсу домод як силсила суруду тарона, байту рубой ва суханҳои бозарофат гуфта мешавад. **Келинишиноӣ** лаҳзаи ҷолиби диққат аст. Ба арӯс бо суруд мурочиат карда, ӯро ба нишастан таклиф мекунанд, ки ин манзара шавқовар ва сурурангез мегузарад.

Арӯс пас аз **рӯйбинон** чанд муддат ба ҳурмати меҳмонон рост меистад. Муқарработи арӯс модари домодро даъват мекунанд, ки омада келинашро ба нишастан таклиф намояд. Модар бо суруд, гоҳо бо суханҳои образнок таклиф намуда ӯро мешинонад. Дар ин маврид дар деҳаи Оқсой ин тавр мегӯянд:

Э мохуме, э мохум,
Ин шав шудӣ меҳмонум.
Ба дидаю бар ҷонум,
Э сарта гардум, моҳум[198].

Дар Ҳисор модар суруди «Хуш омадӣ, келинбибӣ»-ро хонда, бо суханҳои «Ҳусурат ҳезумбиёрат, келин, худам бозурат[199] мешам, келин, дастам оташковат, келин, мум ҷоруват, қайниёт хизматгорат мешан, келин, хонаи пурам, келин, кувват дилам, келин» арӯсро мешинонад.

Ғайр аз ин, мардум фарзанди бисьёр, бахти сафеду давлати фаровон орзу карда, хонаву боғ ва сарманзилро худро ба арӯс бахшиш менамоянд. Масалан, «шин, келин, боғи болову мурғи бачӯчаи додам», гӯён ба ӯ молу ҳол ва манзил мерос медиҳанд. Мумкин аст, дар асл ҳамин тавр ҳам бошад, зеро дар давраи модаршоҳӣ ҳаман молу мулк, хавливу ҷой, боғ ба зан тааллук доштааст. Фарзанд ҳам аз тара-

фи чинси зан шиноҳта мешудааст. Вале дар асрҳои охир, дар давраи таназзули феодализм ҳодисаи меросиҳӣ танҳо даҳонӣ гуфта шуда, додани он аз имкон берун шудааст ё шарт набудааст, ки осораш то замони мо идома дорад.

Дар Бухорову Самарқанд ғайр аз суруди маъмули халқии **«Келиншиноӣ»** сурудҳои дигареро низ дар васфи арӯс сароянда, ӯро табрику тавсиф мекунанд. Чунончи, «Таърихи духтар», «Хуш омадед» аз қабили сурудҳои ларзаи **келиншиноӣ** буда, маҳз дар ҳамин маврид суруда мешаванд.

Дар тӯй дар ҳаққи қудоён шеър гуфтан дар баъзе маҳалҳо расм будааст. Занон бо суханҳои самимӣ қудоҳоро пазирой намуда, меҳмоннавозона дар ҳаққи онҳо шеър мехонанд. Масалан, дар Леннобод, Самарқанд, Бухоро қудоҳоро бо чунин мисраъҳо табрик мекунанд:

Э офтоби авҷи назокат, қудоҳо, хуш омадед,
Э тутиёи риёзи[200] муҳаббат, қудоҳо, хуш омадед[201].

Дар Самарқанд пас аз табрики қудоён ва нишастани арӯс дар назди ӯ лаълиҳои шарбат мечинанд, ки он **лаълиҳои пеши келин**[202] ном дорад. Масолеҳи **лаълиҳои** пеши келин ба меҳмонон тақсим карда дода мешавад.

Ҷойандозон. Пас аз рӯйбинон ду пиразани серфарзанд ва бошарофат рахти хоби арӯсу домодро дуруст мекунанд. Дар ин хусус Возеҳ чунин гуфтааст: «Дигар рахти хоби домод ва арӯсро бояд зане андозад, ки некбахт бошад, яъне балою ранҷ надошта бошад ва шавҳар ӯро дӯст дорад ва бар ҳама занон воҷиб аст, ки дар пушти деворӣ чодари арӯсу домод бинишинанд...»[203]. Ҳангоми ҷойандозӣ пиразанон якчанд таъбирҳои халқӣ, бозиҳои гуногунро иҷро мекунанд. Масалан, дар Самарқанд ва деҳоти он вақти ҷойандозӣ пиразанон ба тарзи шӯхӣ бознеро[204] намоиш медиҳанд, ки сабаби хушҳолӣ ва хандаву истеҳзои иштироккунандагони ин манзара мегардад.

Пиразанон пас аз дуруст кардани рахти хоб дар зери ҷойгаҳ «шикел ва лаҷом ва пӯстак мегузоранд, ки домод доим ба мисли шикел ва лаҷомзада аз пеши арӯс ҷои дигар наравад. Хосияти пӯстак он аст, ки домод ба келин гарм мешавад»[205].

Ба рӯи ҷойхоб[206] ду кӯдаки хурдсолро (яке писар ва дигаре духтар) мехобонанд. Бо ин изҳори орзу мекунанд, ки ҷавонон соҳиби фарзанд шаванд.

Дар деҳаи Ростровути райони Шаҳристон занҳо ҷои хобро дуруст карда, дар рӯи ҷойгаҳ каме хоб рафта, аз ҷой мехезанду зани якум хоби дидаашро чунин накл мекунад:

«Хоб дидам, ки ша[207] (номи домодро гирифта) дар рӯи аспи рост кардагӣ ба чабзуқои[208] хуб, дар кифташ камун чилвакунон, замин миннатдор бош, ки фалунчӣ мебиёд. Дар

тарафи чапаш як оҳу, дар тарафи росташ биста кабк алока[209] кардагй. Дар болои сараш қуши давлат омада, дарунн як боғистон гузашта истодааст, ки об рӯи сабза ғел мезанаду сабза рӯи об». Зани дуюм:

«Хоб дидам, ки арӯс (номашро гирифта) дар як сари сарчашма дар дасташ ойни чуюнамо[210] сар шуна карда шиштас. Дар ду тарафаш ду Ғаворн сабзу Хасан Хусен. Об рӯи сабза ғел мезанаду сабза рӯи об. Замин минатдор бош, ки фалончӣ шиштас». Дар ин хоб низ орзуи хушбахт ва соҳиби фарзанд гардидани арӯсу домод ифода шудааст. Вақте ки арӯсу домодро таиҳо гузоштанд, занон дар хонаи дигар гузашта дар ҳаққи арӯсу домод домани ҳазлу шӯхиро раҳо мекунанд. Дар ин сӯҳбатҳо ҳар гуна аския ва зарифаҳои латифу ҳазлҳои намакин мегӯянд. Чунончи, дар Ургут ҳангоми ба назди арӯс даромадани домод чунин мегуфтаанд:

Имшаб шаби саратон
Иди қурбон ёратон.
Ҳар кор кунед, майлатон.

Аз номи арӯс занон порчае аз як шеъри Ҳофиз мехонанд, ки матлааш ин аст:

Биҳамдулло накӯ кирдорам имшаб,
Закоти ҳуси, дех, эй ёрам, имшаб.

Ту соҳибдавлату ман мустаҳиқам,
Закоти ҳуси дех, эй ёрам, имшаб[211].

Мумкин аст, ки як вақтҳо дар баъзе маҳалҳо нас аз ба висол расидан байтгӯй кардани арӯсу домод расм бошад. Вале ҳоло ин байтҳоро занон мегӯянд.

Дар Кӯлоб нас аз ба хонаҳояшон парокаида шудани мардон арӯсу домодро дар болои «тахт» шинонда, занон сурудеро бо накароти зерин мехонанд:

Болои тахти заринғор,
Кайфии масти пурхумор[212].

Дар хотима бояд гуфт, ки дар маъракаҳои тӯй ғайр аз байтгӯй, бадеҳахонӣ, таронасарой, суханҳои панду насиҳатй гуфтан, изҳори орзуҳои нек кардан, инчунин дуову фотиҳа мавқеи калон дорад, ки омӯзиши ин тарафи масъала бештар характери этнографӣ мегирад ва тадқиқоти алоҳидаро талаб мекунад.

Мувофиқи анъана, ҳангоми гуселонидани меҳмонон соҳибтӯй онҳоро бо суханҳои ширин пазироӣ мекунад. Чунончи, дар Самарқанд ин тавр мегӯянд: «Хуш омадед, биқудоҳо[213], нури дида, тоҷи сар»[214].

Бо ҳамин, давран дуюми маросим хотима ёфта, даврани сеюмаш шурӯъ мешавад. Ҳаёти пасазтӯйи арӯсу домод ҳам қоидаҳои ба худ хосе дошта, мувофиқи анъана, як қатор одатҳои миллӣ ва маъракавию маросимҳои хурд ба ичро расонида мешаванд. Ичрокунандагони қоидаҳои баъдитӯй падару модар ва хешу табори домод мебошанд. Онҳо дар рӯзҳои аввал ба арӯс ӯгро мехӯронанд, сабзӣ, равғани думба реза мекунонанд, ки чаққонӣ ва ӯҳдабарони ӯро фаҳманд ва изҳори орзу мекунанд, ки эшдагонии онҳо ҳамеша фаровон ва дасти арӯс дар равған шавад. Бо ҳамин ният нек ду дасти арӯсро ба рӯи орд гузошта, дар рӯи он равған мерезанд, сари ӯро ба танӯри гарму оташдон[215] мерасонанд ва монанди нихо. Ҳаман ин расму оинҳо бо мақсади муайян намудани мавқеи арӯс дар оила ичро карда мешавад. Ғайр аз ин, дар рӯзҳои аввали ҳаёти оилавӣ дар дасти арӯс сӯзан, чорӯб намедиҳанд, гӯё, назар ба акидаи мардум, ин чизҳо нишонаи олоти меҳнати вазнин ба шумор мераванд. Инчунин барои ба чо овардани эҳтироми аҳли оилаи домод арӯс чанд муддат ҳамаро аз чой хеста пешвоз мегирад, дастрӯймол дар даст таъзим мединҳад[216] ва ғайра. Ин чунин маъно дорад, ки ба чо овардани эҳтироми аҳли оилаи нав барои арӯс вазифаи аввалинии ӯ ба шумор рафта, ҳамчун бокимондаи одатҳои даврани падаршоҳӣ ба чо оварда мешавад.

Дар деҳаи Ростровути Шаҳристон дар рӯзҳои аввали хонадории арӯсу домод (дар вақтҳои охир) чӯраҳо ва ё дугонаҳо ба тарзи шӯҳӣ дасти арӯсу домодро бо рӯймоле мебанданд. Агар дар ин давра ягон хеши наздики онҳо ҳозир бошад, ӯ арӯсу домодро «харида» гирифта, дасташонро аз банд раҳо мекунад. Фардои ҳамон рӯз арӯс оши ӯгро пухта дугонаҳояшро зиёфат мекунад. Инро, аз як тараф, барои ҳазлу шӯҳӣ ташкил кунанд, аз тарафи дигар, ҳунари ӯро дар таомпазӣ месанҷанд.

Барои ба таври пурра омӯхтани ҳаёти мадании пасазтӯй доиши ва тахлили маъракаву одатҳои маъракамонанд, аз қабили **чогундорон, торканон, чимиликканон, арӯсталабону домодталабон** хеле зарур аст, зеро қайд карда шудани ин маъракаҳо ҳам характери этнографӣ ва ҳам фольклорӣ дошта, хонандаро бо расму оинҳои қадимӣ шинос мекунад.

Тахтфароронн. Яке аз маъракаҳои аввали баъди тӯй **чогундорон** аст. **Чогундорон** пас аз се рӯзи **тӯи арӯсӣ,** одатан дар хонаи домод[217], барои фаҳмидани бакоратии духтар ташкил карда мешуд. Дар ин рӯз занон ҷамъ шуда, чойхоби арӯсу домодро меғундоранд[218], сари арӯсро мешӯянд ва барои тантанаи бакоратии духтар зиёфату хурсандӣ ташкил менамоянд.

Торканону чодарканон одатан пас аз ҳафт-ҳашт рӯзи **тӯи**

никох ё аз ин ҳам дертар гузаронида мешавад. Ин маъракаро дар Ўротеппа **тахтфароён** ва дар Қаротегин **дастбеша**[219] меноманд.

Дар Кўлоб ҳангоми **чодарканон**[220] дар нўги ресмони чодар санг мебанданд[221], ки ҷисми ҷавонон ҳамчун санг сахту пуркувват гардад; дар бағали арўс кўдакеро мемонанд ва ғайра.

Домодталабон. Барои шиносии домод бо аҳли оилаи арўс маросими **домодталабон** ташкил карда мешавад. Домод барои эҳтироми хешовандони арўс то худи тўй аз онҳо рўй нанаҳ мекард. Ин маросим ботантана мегузарад. Дар ин рўз баробари ичрои баъзе расму оинҳо дар зери пои домод **пойандоз** густурда мешавад, ки онро чўраҳо часпу талош карда, байни худ тақсим мекунанд. Пойандозро бо нияте паҳн мекунанд, ки «домод ба пои қадам шавад, рўшноиба барояд». Дар рўзи **домодталабон** ҳазлу шўхиҳои намакин авҷ мегирад. Мувофиқи одат, ҳам барои занон ва ҳам барои мардон таомҳои гуногун тайёр карда мешавад[222]. Илова бар ин барои зиёфати домод дар наздаш тухм, набот меманд, ки он рамзи орзуи фарзанддор шудан ва ҳаёти ширин аст.

Дар баъзе маҳалҳо то маросими домодталабон се пагоҳ домод барои салом ба хонаи падарарўсаш меравад. Инро **домодсалом** меноманд. Масалан, дар райони Ургут, саломи рўзи аввалро **рўйбинон,** саломи рўзи дуюмро **шармшикан** ва саломи рўзи сеюмро **пойкушод** меноманд.

Дар рўзи **домодталабон** барои домод ва хешовандони наздики ў падари духтар ҷома, токй, куртаю миёнбанд, тўҳфа медиҳад. Мардон суруди «Саломнома»[223] ва «Домодшиноий»-ро хонда, домодро табрик мекунанд.

Дар Ўротеппа пас аз як ҳафтаи **домодсалом** ду-се хешованд домодро барои салом ба хонаи падарарўс мебаранд, ки **инро сари ҳафта меноманд.** Дар ин рўз барои домод зиёфате ороста, мардони деҳаро ба наздаш хабар мекунанд.

Дар деҳаҳои Зери Ҳисору Ҳуснободи райони Панҷакент ба тариқи ҳазлу шўхй ба падару модари арўс рў оварда, «домод ош намехўранд» — гўён муроҷиат мекунанд, ки ин тарзи гуфтугўи онҳо сахначаеро мемонад:

Падари арўс:

— Ҳой, мана, як гуспанда додам, домод ош хўранд.

Чўраҳо:

— Ҳой, модарарўс, домод ош намехўранд,— мегўянд.

Модар:

— Ман як духтари тўтидак[224] додам, бо чй тиям?

— Боз ягон чй тед домодба,— мегўянд ҳама.

— Як дарахти пайвандии зардолуи заҳматободй дорам, аз тагу бехаш домодба додам, хўрдан гиред.

— Ҳой, додарарўс, домод ош намехўранд,— боз ишдо мебарораид мардон.

— Як барраи мода дорам, додам домодба.

— Як хоҳари нозанин доштам, додам, боз чй тиям?!— мегўяд хоҳараш.

Дар охир модари арўс:

— Ман як барраи гули бодом — духтарама додам.

Пас аз гуфтани чунин суханҳо домод ба таомхўрй шурўъ мекунад[225]. Чунин саҳначаҳои хушҳолкунандаро дар сар то сари тўй мушоҳида кардан мумкин аст.

Арўсталабон[226]. Баъзан ин маросим бо **домодталабон** якҷоя гузаронида мешавад. Вале дар аксар маҳалҳо бо номи **арўсталабон** маросими махсус ташкил карда шуда, дар он мардону занон даъват мешаванд. Пас аз зиёфат ба арўс ва хешовандони домод модари духтар сару по мепўшонад.

Дар Бухоро пас аз чанд рўзи тўй модари духтар ба хонаи домод меояд. Дар ин рўз занони деҳа ё маҳалла ҷамъ шуда, сари арўсро мешўёнанд ва инро **саршўён**[227] меноманд. Пас аз **саршўён** арўсро ба хонаи падараш металабанд, ки инро **хонаталбон-хонаталабон** меноманд. Чунонки Аҳмад Алии Ричой дар «Ёддоштҳо»-и худ қайд мекунад, даъвати хонаводаи домодро **«покушо»** меноманд, ки равиши он чунин аст: «Се-чор моҳе, ки аз **арўсй** гузашт, аз тарафи хонаводаи арўс авлоди зан тарафи домодро ба наҳор даъват мекунанд. Аз тарафи хонаводаи домод фақат як даст либос барои модари арўс мебаранд, бо як сини (лаълй) нуқлу кулча ва конфет, вале ҳангоми бозгашт аз тарафи хонаводаи арўс ба ҳар як аз авлоди домод як қавора (либосворй) порчаи пироҳане медиҳанд ва касоне, ки ҳамроҳи хонаводаи домод омада бошанд, вале бегона бошанд, нафаре як каллақанд бо як дастмоли бузург, ки заминааш сафед ва гулҳояш сурх ё сиёҳ аст медиҳанд, ба худи арўс ҳам чанд қавора порчаи мухталифи арзанда дода мешавад. Арўс ки ҳамроҳи модари шавҳар ва хоҳари шавҳар ба хонаи падараш омадааст, маҷбур ду, се шабе мемонанд ва расм нест, ки домод биёяд, ҳарчанд тавоққуфи арўс зиёд бошад. Ин маросимро **хонаталбон** меноманд»[228]

Дар Кўлоб пас аз ҳафт рўзи тўй падару модараш арўсро металабад ки инро **ҳафталабон**[229] меноманд. Баъд аз чанд рўзи гузаронидани ин маросим модар **духтарбинй** меравад, ки онро **духтарбинон, очабинон** ва баъзан **чоштбинон** меноманд. Барои духтарбинон тўҳфа мекунад. Дар рўзи **арўсталбон** дар Самарқанд ва атрофи он бибиҳалифа суруди «Саломнома» мехонад ва албатта зери пои арўс **пойандоз** паҳн мекунанд.

Дар Нурато арўсталабонро **келинмеҳмонкунй** ё **келинсалом** меноманд, дар деҳаи Ростровути Шаҳристон **хунатала-**

бон, дар Самарақанд **талбон** гуфта мешавад, ки моҳиятан ҳамаи инҳо як мафҳумро ифода мекунанд.

Дар рӯзи **арӯсталабон** мардум раксу хурсандӣ мекунанд ва дар ҳаққи арӯс суханҳои нек, орзуҳои ширин изҳор менамоянд ва албатта, чунон ки зикраш дар боло гузашт, тӯҳфаҳои арзанда медиҳанд. Маросими тӯй бо ҳамин хотима меёбад.

Чунон ки дидем, маросими тӯй сар то по бо лаҳзаҳои бадеӣ, асарҳои фольклорӣ ва саҳнаҳои драмавию санъати мусиқӣ зинат ёфта, омӯзиш ва тадқиқу таҳлили он барои фольклоршиносон, этнографҳо ва санъатшиносон ҳамчун материали гаронбаҳо хизмат мекунад.

ТАСНИФОТИ СУРУДҲОИ ТӮЙ

Тӯи тоҷикон аз асарҳои фольклорӣ ва лавҳаҳои махсуси драмавӣ бой аст. Дар тӯй шеъру сурудхонӣ, мусиқа, бадеҳахонӣ ва бозиҳои шавқовар мавқеи калон дорад. Мардум дар тӯй бисьёр сурудҳои панду насиҳатомез, ишқӣ ва тарбиявӣ мехонанд.

Азбаски дар маҳалҳои тоҷикиншин ташкилу гузаронидани тӯй ва маъракаҳои он якранг нест, сурудҳо низ ҳархела буда, ҳар кадоми онҳо як лавҳаи тӯйро ташассум менамоянд.

Суруд дар луғатҳо ба маънои нағма, овоз, овози тарабангез ё хаяҷономез, ки чанд нафар бо ҳам ба як овоз бихонанд, эзоҳ ёфтааст. Дар китоби «Лирикаи халқии тоҷик» истилоҳи суруд ба маънои шӯху шодиовар ба кор рафтааст[1]. Мо ибораи **сурудҳои тӯйро** ҳамчун истилоҳ қабул намудем. Сурудҳои тӯйро дар ҳар маҳал бо номҳои гуногун ба кор мебаранд. Масалан, агар дар Фориш сурудҳои тӯйро мардум **«байти арӯс»** гӯянд, дар маҳалҳои ҷанубии Тоҷикистон **«байти тӯй»** дар Самарқанд ва музофоти он **«ғазали тӯй»** ва монанди инҳоро истеъмол мекунанд.

Дар сурудҳои тӯй арӯс духтари зебо, латиф, боақлу ботамиз ва домод ҷавони солиму ҷасур ва бонрода, меҳрубон, хушқадду қомат тасвир ёфта, ҳамеша орзу карда мешавад, ки ҳаёти оилавии онҳо ба мисли ширяву шарбат лазиз гардад. Гоҳо дида мешавад, ки дар сурудҳои анъанавӣ таърифи арӯсу домод оҳанги изроқомез гирифта, чунон аз ҳадди эътидол мегузарад, ки ҳатто онҳо ба ҳуру ғилмон ташбеҳ карда мешаванд.

Мавриди иҷрои сурудҳо дар тӯй гуногунанд. Сурудхонӣ аз давраи **хезумбиёрон** шурӯъ шуда, дар айни ҷӯшу хурӯши шаби тӯй (никоҳ) шиддат мегирад. Шаби никоҳ аз ҷиҳати мавқеи сурудхонӣ лаҳзаҳои бошукӯҳтарин ва ботантана ба шумор меравад. Бисьёр касон кӯшиш мекунанд, ки дар ин шаб дар сурудхонӣ ҳамроҳ шуда, худро тезтар ба анбӯҳи кофилаи арӯсбарон дохил намоянд ва шарики шодии тӯйдорон гарданд.Оҳанги сурудҳои тӯй шӯху сабук буда, бо ягон асбоби мусиқӣ—табл, дойра, рубоб, думбура ва ғайра иҷро мешавад. Қисми дигари сурудҳо мувофиқи мазмуну рафти тӯй

оҳанги ҳазин доранд, зеро дар ин навъ сурудҳо баъзе нишонаҳои ҳаёти давраи никоҳи маҷбурӣ акс ёфтаанд.

Дар иҷрои сурудҳои тӯй дар маҳалҳои ҷанубӣ бештар аҳли оилаи духтар, дугонаҳои ӯ ва чӯраҳои домод иштирок мекунанд. Дар шаҳру қишлоқҳои маҳалҳои шимолии Тоҷикистон, инчунин дар маҳалҳои тоҷикнишини Ӯзбекистон, ҳамчун Бухорову Самарқанд сурудҳои тӯйро бибиҳалифа (бибиотун) мехонад, ки мо ин гуна сароянда гӯяндаҳои касбӣ[2] номидем. Роли ин гуна шахсон дар тӯй бағоят калон буда, онҳо бо ин касби худ симои ба назар намоёни шаби никоҳ ба шумор мераванд.

Сурудҳои тӯй дар маҳалҳои тоҷикнишин аз ҷиҳати шакл, мазмун ва мундариҷа тарзи иҷро аз ҳамдигар ба таври куллӣ фарқ мекунанд. Бинобар ин, масъалаи муайян намудани услуби сурудҳо ба миён меояд. Чунончи, дар як маҳал агар сурудҳои эҷоди фольклорӣ (даҳонакӣ) хонда шавад, дар маҳалли дигар «Саломнома» барин сурудҳои китобӣ (хаттӣ)-ро мехонанд. Аз ин рӯ, ба мо лозим меояд, ки аввал хусусияти услубии сурудҳоро муқаррар намуда, баъд онҳоро аз рӯи мундариҷа тасниф намоем.

Ба ҳамин тариқ, дар ин боб ду масъалаи асосӣ дар маркази диққат қарор гирифт:

1. **Таснифи сурудҳо аз рӯи услуб.** Сурудҳо аз ҷиҳати услуб ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: сурудҳои даҳонакӣ, сурудҳои китобӣ.

1. **Ба гурӯҳи якум** сурудҳое дохил мешаванд, ки онҳоро нақаротҳои анъанавии «Шаҳ муборак бод», «Арӯсу саломат бод», «Тӯй муборак бод» ва ғайра зинат медиҳанд. Қисме аз ин гурӯҳи сурудҳои матни устувор дошта, баъзан ноустуворӣ зоҳир намуда, **нақаротҳои** сайёрро қабул мекунанд. Ба фикри мо, сурудҳои матнашон ноустувор низ як вақтҳо дорои матну нақаротҳои устувор ва мукаммале будаанд, вале баъдтар бо таъсири ҳаёти иҷтимоӣ ва дигаргуншавии тӯю сур сурудҳа аз даҳон ба даҳон гузашта, каму беш тағьир ёфтаанд. Як қисмашон суфтаву рехта ҳам шудаанд. Ин тағьирот, албатта, на ба таври тасодуфӣ, балки мувофиқи завқу хоҳиши шахсони алоҳида ва шароити маҳал ба амал омадааст. Ҳатто аз баъзе сурудҳо танҳо нақарот боқӣ мондааст, ки дар асл матни ҳамон суруд ба шумор меравад. Чунон ки В. М. Сидельников қайд мекунад, «нақарот дар айни замон вазифаи матниро ҳам адо мекунад».[3] Ҳодисан шаклгирии нақарот ҳам вобаста ба матни он мебошад. Сурудҳои «Сартарошӣ», «Шаҳ муборак бод», «Барор-барор» аз қабили ҳамон сурудҳоеанд, ки нақаротҳо дар асл вазифаи матниро адо кардаанд. Вале баъзан ҳамон матн ба вазифаи нақарот ҳам омада, чун худро бо рубоиҳои халқӣ иваз мекунад. Чунончи:

Яккахон:

Эй духтараке, мерӣ ба даст кӯза-е,

Накарот:

Устои ланги сартарош,
Сара[4] покиза тарош.
Отаи шах, бо ту мегум,
Дар сари шах танга бичош.

Яккахон:

Оҳе, ки ту мекашӣ, дилам месуза-е,

Накарот:

Устои ланги сартарош,
Сара покиза тарош.
Аппаи шах, бо ту мегум,
Дар сари шах танга бичош.

Яккахон:

Ман оҳу кашам хонаи **сайгар**[5] суза-е,

Накарот:

Устои ланги сартарош,
Сара покиза тарош.
Хоҳари шах, бо ту мегум
Дар сари шах танга бичош,

Яккахон:

Оҳи дили ман ба ях расад, ях сӯза-е,

Накарот:

Устои ланги сартарош,
Сара покиза тарош.
Аммаи шах, бо ту мегум,
Бар сари шах танга бичош[6].

Чунон ки аз мисоли боло мебинем, накарот дар ташкили суруд хизмат карда, онро ба шакл даровардааст. Дар баъзе мавридҳо ҳамин накарот вазифаи аслии худро адо карда, ба худ накароти маъмули тӯйро қабул мекунад, ки мисоли онро дар саҳифаҳои поён меорем.

Сурудҳои даҳонакӣ самимӣ гуфта шудаанд. Дар онҳо тасвирҳо дилчасп ва табиӣ буда, сабки махсуси фольклорӣ, нозукиҳои завқи бадеии мардум ифода шудаанд. Ин хусусияти сурудхоро аз матни онҳо ҳам муқаррар кардан мумкин аст. Чунон ки этнографҳо ва фольклоршиносон қайд мекунанд, сурудҳои халқии тӯй ниҳоят қадимианд. Ин сурудҳо аз ҷиҳати сохт ва тарзи ичро низ қобили диққатанд. Аз намунаҳои дар фонди фольклори тоҷик ҷамъ шудаи сурудҳои тӯй маълум мешавад, ки дар онҳо қисман расму оини қадимии халқӣ, фикру андешаҳои пешинаи мардум нигоҳ дошта шудаанд.

Дар ин гурӯҳ сурудҳо таъсири адабиёти хаттӣ хеле кам дида мешавад. Сурудҳои халқии тӯйро маҳз худи халқ даҳонӣ эҷод кардааст. Аз ҷумла сурудҳои «Саршӯй»-и Кӯлобу Дарвоз ва «Келин мебарем имрӯз»-и Фориш аз ҳамин қаби-

ланд. Дар суруди «Ёаршӯй» ифода ёфтани асари навозиш, барои озор наёфтани сари арӯс шонаи шамшодиву тағораи шишагӣ орзу кардани модарон нишонаи ғамхорӣ ва муҳаббати онҳост. Ғайр аз ин, дар суруди тӯи **Фориш** мисраъҳое ёфт мешаванд, ки маъноп дар роҳи арӯс гулпошӣ карданро доранд. Ин гуна мисраъҳо шояд нишонаҳои одатҳои қадимии халқамон бошанд. Ин гурӯҳ сурудҳо матни ба худ хос дошта, аз порчаҳои алоҳида ва байтҳои мустақил таркиб ёфтаанд. Ба фикри мо, шакли пурра ва **мукаммали** ин қабил сурудҳо, мумкин аст, аз хотири гӯяндаҳо баромада бошад. Е ин ки ба мисли баъзе одатҳои халқӣ аз байи рафта бошад.

2. **Сурудҳои тӯиеро,** ки нишонаҳои шеъри хатгӣ дошта, бо санъати сухан ва воситаҳои тасвири бадеии назми китобӣ зинат ёфтаанд, ба гурӯҳи **сурудҳои китобӣ** дохил намудем. Ин гурӯҳ сурудҳо бо ифода ва таъбирҳои пухта, ибораҳои суфтаи образнок гуфта шуда, ба қонун ва қоидаҳои шеъри китобии тоҷикӣ, забони адабӣ ҳаматарафа чавоб медиҳанд.

Эҷодкунандагони сурудҳои китобӣ шахсони соҳибмаълумот, шеърдон буда, аз қоидаҳои шеъру шоирӣ пурра хабардоранд. «Саломнома», «Таърифи духтар» ва «Муборак бод» сурудҳое мебошанд, ки дар шакли муайяни адабӣ таълиф ёфтаанд, яъне мисраъҳояшон дароз, қофияҳои устувор ва банду басти муайяни шеърӣ доранд. Дар боби **«Сурудҳои табрикӣ»** доир ба ин қисми сурудҳо муфассал сухан ронда мешавад.

II. **Таснифоти сурудҳо аз рӯи мавзӯъ ва мундариҷа.** Чунон ки фольклоршиноси рус Н. П. Колпакова қайд мекунад, сурудҳо аз ҷиҳати мазмун ва мундариҷа гуногун буда, таснифоти пурраи онҳо ниҳоят душвор ва мехнатталаб аст[7]. Маълум аст, ки то алҳол сурудҳо аз рӯи намудҳои жанр тасниф карда мешуданд, вале дар бораи таснифи комилн дохили як жанр тадқиқоти алоҳида бурда нашудааст.

Сурудҳои тӯи тоҷикон ниҳоят гуногунанд. Ин гуногунӣ бештар ба маҳалҳо вобаста аст. Инчунин вариантнокӣ, дигаргшудани мавриди иҷрои сурудҳо, навъҳои оҳанг ва нақарот дар сурудҳои тӯй низ барои таснифи комили дохили ин гурӯҳи сурудҳо имконият намедиҳанд. Бинобар ин, барои таснифи пурраи сурудҳои тӯй ҳама ҷиҳатҳои онҳоро ба назари эътибор гирифтан лозим меояд. Ғайр аз ин, дар вақти ба гурӯҳҳо тақсим кардани сурудҳо ба хусусияти мундариҷавӣ, бадеӣ ва ғоявии онҳо низ диққати махсус додан шарт аст. Вале баъзан чунин ба назар мерасад, ки аз рӯи мундариҷа хоси ин ё он марҳилаи тӯй будани сурудро ба зудӣ муайян кардан душвор аст: як сурудро мардум дар чанд мавриди тӯй мехонанд. Агар фақат як ҷиҳати суруд, масалан, хусусияти табрикӣ доштани онро ба назар гирем, дигар хусусиятҳои он аз эътибор соқит мешавад, зеро дар дохили як

суруд ҳам тавсифи ишқ, ҳам орзуву ният ва ҳам тантанаву табрикро дучор менамоем. Дар чунин ҳолат таснифи сурудҳо боз ҳам мураккабтару душвортар мегардад. Бинобар ин, дар мавриди тасниф кардан, мо дар навбати аввал ҷиҳати асосии суруд, яъне мавзӯъро ба назар гирифтем, зеро аксари онҳо бо вуҷуди гуногунии мазмун ба як мавзӯи асосӣ тобеанд.

Азбаски нақарот дар сурудҳои тӯй дар ҳар маҳал тағьир ёфта, ҷои худро иваз карда менистад, ин ҳам таснифотро як андоза душвор мекунад. Масалан, суруди тантанавии **«Ёр-ёр»** ниҳоят сервариант буда, шакли нақарот дар ҳар маҳал тағьир ёфта меистад. Бо вуҷуди ин, аз рӯи мавзӯъ ин суруд ба гурӯҳи сурудҳои тантанавӣ дохил мешавад.

Хусусияти дигари сурудҳо аз он иборат аст, ки номҳои онҳо дигар шуда меистанд. Масалан, таҳти унвони **«Нақш»** як силсила сурудҳо иҷро мешавад, ки мафҳуми ягона надорад. Бинобар ин, ба мо лозим меояд, ки номи сурудҳоро аз эътибор соқит карда, танҳо хусусияти мундариҷавии онҳоро бо диққат омӯзем ва бештар аз рӯи мақсад ва мавриди иҷрояшон ба масъалаи таснифот наздик шавем.

Чунончи, суруди «Қелиншиноӣ» **(«Шинед келин»)** аслан ба тавсифи арӯс бахшида шуда, онро занон дар мавриди **келиншиноӣ** мехонанд, вале ин суруд дар баъзе маҳалҳо гуногунном мешавад ва онро дар чанд маврид иҷро мекунанд. Қатъи назар аз дигар шудани мавриди иҷрояш сурудро ба гурӯҳи сурудҳои тавсифӣ дохил намудан мувофиқи мақсад аст. Ин усули пешгирифтаи мо барои муайян намудани баъзе хусусиятҳои жанрӣ ва бадеии сурудҳои тӯй низ кӯмак хоҳад расонд. Мумкин аст, таснифоти мо дар назари аввал баҳсталаб намояд, вале онро ҳоли ҳозир шартан қабул кардан мумкин аст.

Баъд аз ба таври пурра ва бо диққат омӯхтани даврахои тӯй ва мавриди иҷрои сурудҳо, онҳоро ба чунин гурӯҳҳо таснифи намудем: сурудҳои **хабарӣ, тайёрӣ, чудой ва фироқ, табрикӣ, тантанавӣ, тавсифӣ, рақсӣ** ва **ҳазлу шӯхӣ.**

СУРУДҲОИ ХАБАРӢ

Дар давраи якум, яъне арафаи тӯй сурудҳое хонда мешаванд, ки дар онҳо ба мардум паёми наздик омадани рӯзи умед — рӯзи тӯйро мерасонанд. Аз ин рӯ, ин гурӯҳи сурудҳоро хабарӣ номидем. Мазмуни **сурудҳои хабарии «Тӯйбарӣ», «Чалпакбарӣ», «Ҳезумбарӣ»** аз фарорасии рӯзи тӯй то фиристода шудани масолеҳу харочоти онро дар бар мегирад.

Аз рӯи материалҳои гирдомада мушоҳида шуд, ки **сурудҳои хабарӣ** танҳо дар тӯйҳои тоҷикони райони Фориши ви-

лояти Самарқанд дучор мегарданд[8]. Хешовандон ва чӯраҳои домод ҳангоми ба хонаи арӯс кашонида бурдани ҳезум за масолеҳи тӯй сурудхонӣ мекунанд. Чунончи:

Тӯй мебарем ба поён,
Хони қудо намоён...[9].

Дар мисраъҳои зерин фаро расидани рӯзи тӯй зикр карда шуда, лаҳзаи ба хонаи арӯс бурдани ҳезум ва чалпак хотирнишон мешавад:

Имрӯз соати худо,
Ҳезум барем ба қудо.

Чалпак мебарем моён,
Тӯй мебарем ба поён[10].

Сурудҳои хабарӣ асосан се, чор лавҳаи арафаи тӯйро дар бар мегиранд:

1. Тӯйбарон. 2. Ҳезумбарон. 3. Муждаи наздик омадани рӯзи тӯй. 4. Хабари омадани арӯс ба хонаи домод.

Дар бораи сурудҳои ҳар яки ин гурӯҳҳо поёнтар суҳан меравад. Пеш аз он ки бо мундариҷаи сурудҳои хабарӣ шинос шавем, мехоҳем, дар хусуси вариантҳои ин гурӯҳ таваққуф намоем. Ин гурӯҳи сурудҳо ниҳоят камвариант мебошанд, зеро сурудҳои хабарӣ лавҳаҳои хурд-хурди тӯй, яъне лавҳаҳои ҳезумбарон, тӯйбарон ва истиқболи арӯсро дар бар гирифта, онҳоро танҳо дар тӯйҳои маҳаллӣ алоҳида — Фориш, мехонанд. Сурудҳои хабарӣ аз бандҳои чудогона таркиб меёбанд. Агар ин бандҳоро якҷоя кунем, ба як суруди калон мубаддал мегарданд. Ҳамаи бандҳои суруд мазмунан ба ҳамдигар алоқаманд буда, мардум онҳоро дар тамоми рафти тӯй мехонанд. Тарзи иҷрои суруд шавқовар ва оҳангаш шӯху форам аст. Дар суруд манзараи тӯйбарӣ, лаҳзаи тамошои рахти хонаву бисоти духтар ва муждаи ба хонаи домод омадани арӯс акс ёфтааст. Тӯйдорон аз наздик омадани рӯзи тӯй хурсанд шуда, ба ваҷд омада, изҳор мекунанд, ки навбати арӯсбарӣ расид. Дар суруди зерин баъзе чиҳатҳои ҳаёту хочагӣ ва орзую умеди соҳибони тӯй ифода ёфтааст. Дар шароити феодализм ҳар як авлод кӯшиш мекард, ки аз авлоди дигар духтар гирад ва ба ин восита нуфуси оилаю авлоди худро зиёд кунад. Ин фикр дар охири суруд ифода шудааст:

Да лаълӣ додем зара,
Мебарем гули тара.
Гула ба гул қуш кардем,
Бегонаи хеш кардем[11].

Дар давоми тўй хешовандони духтар ва **қудоён** навбат ба навбат сурудхонӣ намуда, фикри ҳамдигарро таъкид ва баъзан рад мекунанд. Дар порчаи поён ифодаи норизогии тарафи духтар хотиришон мешавад:

Келин ба дасти моён,
Ҳақ надоред, қудоён[12].

Пас аз овардани масолеҳи тўй ва маҳри духтар тамошои **чиҳоз** оғоз меёбад. Ин манзара боиси шодмонии хешовандони духтар гардидааст:

Болои рахти духтар,
Гул афтодас, ёр-ёр,
Дастори хўҷадомод,
Хоса будас, ёр-ёр.

Рахту бисот — ин фақат як воситаи дилхушӣ, ифодаи орзуи бахту иқбол аст:

Моён кардем рахташа,
Худо тияд бахташа.

Фикри боло дар мисраъҳои зерин низ таъкид шуда, дар он ақидаи неки мардум дар бораи хушбахтии фарзанд ифода ёфтааст. Ба духтар молу чиз хурсандӣ намеорад, балки ӯ рўзи неку шодмонии тўй аҳамияти дараҷаи аввал дорад:

Худо тияд бахтрезаша[13],
Дар боғ гули алма[14],
Ат теяш гардад амма
Дар вақти гули бара[15],
Ат теяш гардад хола
Рўзи муродн додарам,
Ҳам чигару бародарам[16].

Манзараи аз кўҳ бо харҳои пурбор овардани ҳезум низ дар сурудҳои тоҷикони райони Фориш акс ёфтааст. Азбаски дар шароити кўҳистон ҳезумро бо душворӣ ба даст медароварданд, ба домод лозим буд, ки барои пухту пази масолеҳи тўй як миқдор ҳезум муҳайё намояд. Бо ҳамин мақсад вай бо ҳамроҳии ҷўраҳо аз кўҳ ҳезум меовард. Дар чунин маврид онҳо суруд хонда, бо хару аспони пурбори шоху бутта ба хонаи арўс равон мешаванд. Байти аввали суруд ин аст:

Имрўз соати худто,
Ҳезум барем ба қудо...[17].

Истиқболи домод дар хонаи арўс боиси хурсандии аҳли оилаи духтар ва ҷўраҳои домод мегардад. Изҳори чунин лаҳзаи фараҳманди тўй маъмуни байти зерин қарор гириф-

тааст. Модар ва ё хоҳари домод чӯраҳои бародарашро ташвиқ мекунад, ки аз сари домод гул резанд:

Чӯраҳош аз чой хезед,
Аз сараш гулҳо резед[18].

Хабари ба хонаи домод омадани арӯс шодии зиёде меоварад. Арӯс бо пои қадами неки худ ба хонаи домод нур, сафо меорад ва дилҳоро шод гардонида, ба чон роҳат мебахшад. Бо ифодаи мардум, вай арӯси муқаррарӣ не, балки дар сараш точи тилло дорад:

Оча, хез, келин омад,
Нури хонет даромад.
Хона меҳмон омадас,
Рохати чон омадас.
Келин омад аб боло,
Ба сараш точи тилло[19].

Маънии боло дар мисраъҳои зайд низ ифодаи худро ёфтааст, вале дар ин чо таъкид карда мешавад, ки бояд кудоён ба хурмати арӯс аз чой хеста, ӯро истиқбол намоянд:

Табӯроки каркин[20] омад,
Хезед аз чой, келин омад.

Дар чавоби таклифи боло меҳмонон кудоёнро бо эҳтиром муборакбод мекунанд:

Хуш омадед, кудоён,
Иззат ёбед аз моён[21].

Чунон ки дар боби якум гуфтем, дар давраи аввали маросим кудоён байни хамдигар рафту омад ва доду гирифт мекунанд, ки ин они **лаълигардонӣ** ном дорад. Дар чунин маврид дар Фориш, мувофики одат, ба хонаи духтардор **чалпак** равон мекунанд. Сурудхои **«Чалпакбарӣ»** бо максади расонидани хабари наздик омадани рӯзи тӯй хонда мешавад.

Хамин ки кудоён ба дари хонаи арӯсшаванда наздик шуданд, суруд хонда, онхоро арӯсшавандаро аз наздик омадани **рӯзи тӯй** огоҳ менамоянд:

Чалпак мебарем моён,
Тайёр шавед, кудоён.

Сохибони духтар кудоёнро ин тавр пазирой мекунанд:

Чалпак омад да моён,
Хуш омадед, кудоён[22].

Дар **сурудхои хабарӣ** хурсандии ду оила аз ташкилшавии онхо **сеюм** бо самимият ифода ёфтааст. Аз ин сабаб хам,

ҳаман сурудхои хабарй оханги шодномез гирифтаанд. Ходисаи бо эхтироми махсус кабул кардани арўс ва ба хурмати вай ҳамаро аз ҷой хезондан муносибату эхтироми кудохоро нисбат ба **наварўс** нишон медиҳад. Ходисаи якчоя ба хонаи арўс сурудхонон бурдани хезум ва масолехи тўй бошад, нишонаи мехнати коллективонаи онхост. Факти якчоя аз кўх хезум овардан ахволи зиндагии мардуми кўхистони пешазреволюционирo акс намуда, як ҷихати таърихи пайдоиши сурудро муайян мекунад.

СУРУДҲОИ ТАЙЕРЙ

Дар арафаи тўй ҳам дар хонаи домод ва ҳам хонаи арўс-шаванда тайёрй ба тўй давом мекунад. Сурудхои «Саршўй», «Сартарошй», ки занон дар мавриди шустани сари арўс ва мардон ҳангоми гирифтани мўйҷари домод тараннум мекунанд, давраи тайёриро **акс** менамоянд. Ин сурудхо дар тўйхои Кўлоб, Ғарму Дарвоз ва кисман Хисор ичро карда мешаванд. Сурудхои **«Саршўй»** махсусан аз он ҷихат ҷолиби диққатанд, ки дар онхо шодиву ғам якчоя ифода меёбад.

Суруди «Саршўй» бо тарзи махсус ичро шуда, аз мазмуни он баъзе нишонаҳои никохи мачбурй ва эътирози арўс аз тарзи никохи давраи гузашта ба назар мерасад[23]. Ин сурудро дугонаҳои арўс ҳамроҳи заноне, ки ба саршўй вобаста шудаанд, хонда, сари арўсро мешўянд ва ба ў либоси нави арўсй мепўшонанд. Дар ин ҳангом якчанд қоидаҳоро ба анҷом мерасонанд: пеш аз шўёнидани сари арўс пиразани кордидаву зиндагишиносе ба сари ў як коса шир мерезад, баъд занхо сурудхонон арўсро ба саршўй омода месозанд:

Саршўёнем мо,
Сар мешўёнем мо.
Тагораи шишагй,
Биёр, мешўёнем мо[24].

Дар баъзе нусхаҳои ин суруд як қатор пўшоку лавозимоти зебу зинати арўс номбар мешавад, ки дар бар кардани онхо дар ин рўз барои арўс зарур доништа мешуд. Аз ин рў, суруд моро ба тарзу равиши ороиши арўс низ шиносо мекунад. Аз ин ҷихат суруд, бешубҳа, аҳамияти таърихй-этнографй дорад.

Дар суруд, аз як тараф, норозигии арўс аз тақдири худ ифода ёфта бошад, аз тарафи дигар, тарзу равиши либоспўшй ва саршўии арўс ва нозу истигнои ў зикр шудааст, ки дар рўзи тўй ичрои чунин анъана зарур шуморида мешуд. Дар натичаи гаштаю баргашта, таъкидан такрор шудани бандхои зарурй суруд ранги муҳоварарo гирифта, дар охир бо навозиш ва илтичои арўс хотима меёбад. Дар суруди

«Саршӯй» занҳо ва дугонаҳои арӯс ба дугонаи азизи худ ҳамдилӣ ва ҳамдардӣ изҳор намуда, кӯшиш мекунанд, ки ӯро ба саршӯй розӣ кунонанд. Дар охир онҳо майлу хоҳиши арӯсро ба назари эътибор мегиранд.

Ин суруд бо вуҷуди шавқовару диққатангезиаш мисли як қатор одатҳои халқӣ аз маросими тӯй хориҷ шуда, аз байн рафта истодааст. Дар баъзе маҳалҳо **саршӯён** ҳамчун одат бокӣ монда, вале сурудхонӣ тамоман мушоҳида намешавад.

Ҳисси шодӣ ва мазмуниҳои хурсандибахш дар сурудҳои давраи тайёрӣ васеъ ифода шуда, барои равшан намудани образи рамзии **арӯс-гул** хизмат мекунад. Ҳамон навъ ки дидем, ба воситаи суруди «Саршӯй» занҳо арӯсро навозиш мекунанд. Аз оҳанги гуфтори онҳо илтиҷо ба арӯс ҳис карда мешавад, зеро аз рӯи одат ва анъана арӯс дар ин маврид якравӣ карда, худро ғамгин вонамуд мекунад. Хуллас, занҳо барои розӣ кунонидани арӯс бо ташбеҳҳои рангин ҳамчун «гули гулкунаку шохи рангинак» бо як овоз (одатан бо донра) суруди зеринро хонда, арӯсро ба саршӯй даъват мекунанд:

Нақарот:

Гули гулгунакуме[25],
Шохи рангинакуме,
Шунаяк намекуна,
Дар сари бегимакуме.

Ҳама:

Дашти канора, лола надора,
Бегим ба хонаш мерава, оча надора.

Гули гулкунакуме,
Шохи рангинакуме,
Шунаяк намекуна,
Дар сари бегимакуме[26].

Суруди болоро дар тӯйҳои Кӯлоб мехонанд. Дар он арӯс ба **гулу булбул** ташбеҳ дода шуда, зимнан «бегим» хитоб мешавад. Аз ин мебарояд, ки дар маросими тӯй на фақат домод, балки арӯс ҳам бо эҳтироми умум фаро гирифта мешавад. Аксари ташбеҳоти суруд суффикси навозиши «ак»-ро ба худ гирифтааст. Ин суффикс барои боз ҳам пуртаъсир гардонидани образи арӯс хизмат кардааст[27].

Дар давоми суруд шармгинии арӯс бо киноятҳои нозук («Накана муякша, сараки бемуякша») хотиришон мешавад. Ҳамаи ин ифодаҳои образноку рангин мазмуни сурудро дилкаш ва оҳангашро нарму форам карда, боиси афзудани қимати суруд гардидаанд.

Суруди «Сартарошӣ»-ро ҳам мисли «Саршӯй» дар арафаи тӯй, ҳангоми тарошидани мӯйсари домод ва пӯшонидани сару **либоси домодӣ** мехонанд. Дар суруд ҳасби ҳол ва ҳиссиёти **ҷавонон** хеле хуб ифода ёфтааст. Вақти сурудхонӣ ҳар

лаҳза ҳаракатҳои саҳнавӣ зоҳир мешавад. Сурудро мардон дар Ҳисору Кӯлоб ва музофоти он ба таври зайл иҷро мекунанд.

Домодро дар мобайни саҳни ҳавлӣ ба рӯи курсие шинонда, дар атрофаш ҷӯраҳо бо қарсакзанӣ ва оҳанги мусиқӣ суруд мехонанд ва мерақсанд. Онҳо ҳангоми сурудхонӣ борҳо исрор менамоянд, ки сохибони тӯй бар сари домод рӯймол андозанд, ҷома пӯшонанд, танга пошанд ва ғайра. Дар ин маърака занҳо низ иштирок намуда завқ мебаранд.

Саҳнае, ки лавҳаи он аз аввала мураккабтар аст, онро устои сартарош мебозад. Вай мӯйсари домодро гирифта истода, ҳар лаҳза тамаъкорона («теғ намегузарад, очаи шаҳро хабар кунед, бинад, ки теғ намегузорад»)-гӯён аз кор даст кашида, ба соҳибони тӯй ва тамошобинон муроҷиат мекунад ва онҳоро ба пулпошӣ даъват мекунад. Ҳамин талаби ҳаққи сартарош дар сар то сари суруд такрор шудан мегирад ва дигарон барои қонеъ кунонидани ин хоҳиши сартарош ба рӯймоли пеши домод пул мепартоянд. Вақте ки сурудхонӣ ба охир расид, падари домод пулҳои ҷамъшударо ба сартарош ва **доирадастон** тақсим карда медиҳад. Дар натиҷаи чунин чорабиниҳо харҷи тӯй андак сабуктар шуда, барои домод ёрии моддӣ мешавад.

Суруди «Сартарошӣ» мисли дигар сурудҳои тӯй вариантҳои зиёде пайдо кардааст. Вариантҳои ин гурӯҳ аслан бо дигар шудани нақарот аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Масалан, агар ин суруд дар Кӯлоб бо нақароти «Сартарошонем, метарошонем» хонда шавад, дар Ҳисор нақароти «Устои ланги сартарош, сара покиза тарош», дар Хуф «Имрӯзак чӣ рӯз? — сартарошонем»-ро ба худ гирифтааст. Баъзан ин нақаротҳо бо воситаи рубоиҳои лирикӣ ба шакли суруд дароманда, матни зебои ифодакунандаи рӯҳияи тӯёнаро ба миён меоранд. Вале матни аз Хуф навишта шуда, аз матиҳои Кӯлобу Ҳисор фарқ мекунад. Дар ин суруд тамоми узвҳои бадани шаҳро тавсиф карда, ба воситаи санъати ташбеҳ сари шаҳро ба тарбуз, лабонашро ба писта, дандонашро ба дурр ва монанди инҳо нисбат додаанд. Суруди зеринро мардон дар мавриди либоспӯшонӣ хонда, дар он тамоми сару либоси домодиро як-як номбар мекунанд ва пӯшидани онҳоро зарур мешуморанд.

Ҳама:

Устои ланги сартарош,
Сара покиза тарош.

Сарбайтхон:

Хоҳари ша, ба ту мегум,
Дар сари ша румол андоз.

Ҳама:

Устои ланги сартарош,
Сара покиза тарош.

Сарбайтхон:
Додари ша, ба ту мегум,
Дар сари ша токӣ андоз.

Хама:
Устои лаиги сартарош,
Сара покиза тарош.

Сарбайтхон:
Апаи ша, ба ту мегум,
Дар сари ша салла андоз.

Хама:
Устои лаиги сартарош,
Сара покиза тарош.

Сарбайтхон:
Отаи ша, ба ту мегум,
Дар тани ша ҷома андоз.

Хама:
Устои лаиги сартарош,
Сара покиза тарош.

Сарбайтхон:
Очаи ша, ба ту мегум,
Дар тани ша курта андоз.

Хама:
Устои лаиги сартарош,
Сара покиза тароз[28].

Як-як номбар шудани либосҳои домод характери этнографӣ доштани сурудро нишон медиҳад. Дар деҳаҳои Варзоб суруди «Шаҳ омад»-ро мехонанд, ки матни устувор дорад, аз тарафи мардон ҳангоми тайёрӣ ба сафари домод хонда мешавад. Дар ин суруд манзараи либоспӯшии домод акс ёфтааст. Дар суруд аз модар, янга ва хоҳари домод хоҳиш карда мешавад, ки сару либоси ӯро биёранд. Чунончи:

Нақарот:
Шаҳум рафтай дар биёбоне,
Ҷомадастор, бахмалгиребоне[29].

Хама:
Очаи шах, ба ту мегум,
Румоли шаҳумра биёр.

Нақарот:

Хама:
Отаи шах, ба ту мегум,
Саллаи шаҳумра биёр.

Нақарот:
Апаи шах, ба ту мегум,

Хама:
Саллаи шаҳумра биёр.

Нақарот:

Хама:
Янгаи шах, ба ту мегум,
Ҷоманн шаҳумра биёр[30].

Дар таркиби сурудҳои тӯй баъзан хитобҳои муэтарибона, суолу ҷавоб муколама, ташхис низ мушоҳида мешавад[31]. Дар суруди «Сартарошӣ» суолу ҷавоб ва хитоб барои пуркув-

кардани таъсири суруд хизмат кардааст. Ин тарзи тасвир бештар дар талаби музди хизмати сартарош истеъмол мешавад. Чунончи:

Сарбайтхон:
Гулон, гулон, тез намегузарад!
Эй очан шах, тез намегузарад!
Хофизон:
Эй очан шах, тез намегузарад!
Сарбайтхон:
Хофизон:
Гулон, гулон, тез намегузарад!
Эй акан шах, тез намегузарад!
Эй акан шах, тез намегузарад![32]

СУРУДХОИ ЧУДОЙ ВА ФИРОҚ

Қисме аз сурудхои тўй хузновар буда, дар мавриди аз хонаи падар баровардани арўс ичро карда мешавад. Ин қабил сурудхоро дар давраи аввали тўй, асосан, аҳли оилаи арўсу домод, чўрахо ва дугонахо мехонанд. Мазмуни онҳо ба сурудхои давраи тайёрй алоқаманд буда, дар баъзеашон ҳам дар хусуси тайёрй ,ҳам чудой ва фироқ сухан меравад. Бинобар ин, аз рўи мазмун суруди «Саршўй» ё «Гуларўсак, сар бишўй» ба ду гурўх тааллуқ дорад. Чунончи, дар мисраъхои аввали ин суруд («Гуларўсак, сар бишўй, Пагоҳ вақти рафтан ай»), аз як тараф, оҳанги тайёрй мушоҳида шавад, аз тарафи дигар, дар мисраъхои сонй дар хусуси чудой сухан меравад ва изтироби арўс, ки аз хонаи падар ва навозишҳои модар махрум гашта истодааст, падид меояд:

Арўс мегўяд:

Очан чон, чй гўфтй?
Монанди гул шукуфтй,
Намешум ҳамй сарма,
Нестай вақти рафтанма[33].

Дар сурудхои «Барор-барор», «Гул, баро», «Гуламро бурданд», махз эътирози арўс нисбат ба одамоне, ки ўро маҷбуран аз хона мебароранд, ифода ёфтааст. Матни ин сурудҳо устувор буда, дар рафти тўй ба тағьироти чиддие дучор намегардад. Онҳо асосан ба лаҳча гуфта шудаанд. Дар ин гурўхи сурудҳо мухимтарин воқеаҳои зиндагй, ҳаёти оиладорй ва ҳамон ҳолати рўҳии тўйдорон, ки дар як марҳилаи муайяни тўй ба амал меоянд, тасвир ёфтаанд. Масалан, суруди «Барор-барор» дар мавриди арўсбарорй ба таври зайл ичро мешавад.

Пас аз хўрдани таом ва ғундоштани дастархон дар атрофи арўс дугонаҳо ва дар атрофи домод ҷўраҳо чанд муддат сурудхонӣ ва рақсу азкиягўӣ мекунанд. Баъд аз ба итмом расидани ҳаман расму қоидаҳои анъанавӣ[34] дар таги дари хонае, ки арўс нишастааст, ҷўраҳои домод рост истода, бароварданӣ арўсро бо воситаи суруд як зайл талаб мекунанд. Дар суруди «Барор-барор» ҳар лаҳза таъкид карда мешавад, ки арўс тезтар аз хона бароварда шавад. Ибораи «барор-барор» чолиби диққат буда, он дар суруд вазифаи нақаротро адо мекунад. Нақарот дар ин гурўҳи сурудҳо як ҷузъи муҳим ва фарққунандаи вариантҳо ҳисоб меёбад. Масалан, агар дар Оби Гарм «Барор, бароруш, холае, Қай мебароруш, хола», гуфта шавад, дар Кўлоб «Барор-барор хушрура, Хушруи камонабрура», гўён исрор мекунанд. Дар ҳолати муқоисаи вариантҳо чунин ба назар мерасад, ки як вариант ба варианти дигар фикри тозае ҳамроҳ мекунад. Вале мақсади асосӣ — талаби арўс ва баёни хислату кирдори гуногуни инсонӣ аст. Ғайр аз ин, вариантҳо барои равшан кардани бисьёр чиҳатҳои муносибати хешу таборӣ хизмат мекунанд. Дар даҳ варианти суруди мазкур, ки дар даст дорем, аввал ба модар, падар, баъд ба додару хоҳар ва тағою хола мурочиат карда, барои пуркувват намудани мазмуни суруд баъзе хислатҳои арўс низ зикр карда мешавад. Дар се варианте, ки ба таври мисол зикр мекунем, ҳамоно сифату хусусияти арўс ва модар баён шудааст:

Хофизон:

Барор, бароруш, холае,
Зудтар бароруш, хола.

Сарбайтхон:

Сари дегдони буланд,
Буғолавони очаш.

Шаҳмардон:

Барор, бароруш, холае,
Қай мебароруш, хола?
Афтов гашт, шимруз шудай,
Қай мебароруш, хола?

Сарбайтхон:

Эй холаи нокорие,
Нуки зулфут марворие.

Шаҳмардон:

Барор, бароруш холае
Қай мебароруш, холае?

Сарбайтхон:

Эй холаи ғамқатие,
Нуки зулфут парпатие.
Ангуру шарбат катие.

Шаҳмардон:

Барор, бароруш, хола,
Қай мебароруш, холат?[35].

Сурудро асосан мардон мехонанд. Чунон ки мебинем, матни суруд устувор аст, вале баъзе нусхаҳои аз Ҳисор на-

вишта шуда, бо рубоиҳои лирикӣ ва наҳароти «барор-барор» тартиб ёфтааст. Дар айни ҳол ин наҳарот аз он ҷиҳат ҷолиби диққат аст, ки дар он шахмардон аз хонаи падар ва модар баровардани арӯсро бенбо ва боисрор талаб мекунад[36]. Дар суруди зерин ҳусни расои духтар, рафтору муносибати вай дар оила, ҷафокашию фидокории ӯ дар кору бори зиндагӣ дар наҳарот ва дар баиҳои он аз забони модар хеле аломовар ифода ёфтааст. Модар аз як қувваи корӣ, ҷигарбандӣ худ ҷудо шуда истодааст ва ӯ бо таассуф мегӯяд:

Сарбайтхон:

Сари дегдони баланд,
Хамиршури очаше.

Шахмардон:

Барор, барор хушрура,
Хушрӯи серабрура.

Сарбайтхон:

Ту кучоҳак меравӣ,
Духтаркалони очаше.

Шахмардон:

Барор, барор ҳушрура,
Хушрӯи серабрура.[37]

Чунон ки А. Н. Болдырев дар мақолаи худ «Намунаҳои лирикаи тореволюционӣ» қайд мекунад, мавзӯи «Никоҳи маҷбурӣ» дар рубоиҳои халкии пеш аз революционӣ мавқеи намоёнро ишғол мекард.[38]

Чунин фикр дар «Оила ва никоҳ» ном асари пуркимати таърихӣ ва этнографии Н. А. Қисляков боз ҳам янкишоф ёфтааст. Муаллиф менависад: «Хусусияти хоси оилаи тоҷикон дар гузашта иборат буд аз бехуқуқӣ, мазлумӣ, хорию зории занон ва дар муносибатҳои оилавӣ ҳукмрон будани мард, ки нисбат ба зан ихтиёри бехудуде дошт... Ба замми ин навъ бехуқуқӣ, гӯшанишинӣ, хурдсолонро зӯран ба шавҳар додан, қалиндиҳӣ, серзанӣ... ҷорӣ буд».[39]

«Ин ҳодиса,— қайд мекунад Р. Амонов,— дар фольклоршиносии тоҷик никоҳи маҷбурӣ номида мешавад, ки дар рубоиҳои мардумони Кӯлоб, Ғарм, Дарвоз, Бадахшон, Ҳисор ва ҷойҳои дигар васеъ акс ёфтааст. Мазмуни ин қисм рубоиҳо бештар аз шикояту эътироз иборат аст»...[40]

Мулоҳизаҳои болоро ба сурудҳои тӯй ҳам нисбат додан мумкин аст. Фикр ва эътирози мардум дар сурудҳои тӯй бештар дар шакли бадеҳа сурат гирифта, дар иҷрои онҳо қариб ҳаман аҳли оилаи арӯсу домод, дугонаҳои арӯс ва ҷӯраҳои домод фаъолият нишон медиҳанд. Дар рафти арӯсба-

рорӣ сарояндагон бадеҳатан ба суруд мисраъҳои нав ба нав илова намуда, мазмуни матниро пурратар мегардонанд:

Модар:

Сари дегдони баланд,
Кулчашури модарӣ.
Ту кучоҳак меравӣ?
Чони ширини модарӣ.

Арӯс:

Эй оча, намеруме,
Чои они, намеруме.
Моли мардум хурдай,
Ночор мондам, меруме.

Падар:

Сари дегдони баланд,
Кулчашури модарӣ,
Ту кучоҳак меравӣ?
Чони ширини падарӣ.

Арӯс:

Эй ота, намерум,
Чои ота, намерум,
Аспи сиёҳ савор шуда,
Ночор мондам, меруме.

Ака:

Сари дегдони баланд,
Кулчашури модарӣ.
Ту кучоҳак меравӣ?
Чони ширини акай.

Арӯс:

Эй ака, намерум,
Чои ака, намерум,
Кушан гов овардай,
Ночор мондум, меруме.

Амма:

Сари дегдони баланд,
Кулчашури модарӣ.
Ту кучоҳак меравӣ?
Чони ширини аммай.

Арӯс:

Эй амма, намерум,
Чои аммачон, намерум,
Кафши булғор пушидай,
Ночор мондум, меруме...[41]

Иштироки аҳли хонаводаи арӯс ба сурудхонӣ ҷолиби диққат аст, вале ачибаш дар он, ки дар Фориш ҳамин тарзи хониш коллективона, тараф ба тараф ичро карда мешавад. Сурудхонии онҳо ба таври муколама мегузарад. Аввал қудоҳои тарафи домод ба талаби арӯс чунин изҳор мекунанд:

Келин мебарем моён,
Гиён монтон шумоён.

Аз тарафи арӯс:

Келин ба дасти моён,
Ҳақ доретон шумоён.[42]

Аз тарафи модар:

Анори дона, дона,
Яига мебарем хона.[43]

Ба ин тариқ, то аз хонаи падар баровардану ба асп савор кардани арўс тарафайн суруд мехонанд. Дар ин сурудхо ҳам маҳзуни («Келин мебарем моён, Гирьён монтон шумоён), ҳам орзую умеди тўйдорон («Вафо кунад ёраш катй, Бо ҷамъи ашқолаш катй») ва ҳам изҳори шодиву сурур якчоя ифода ёфтааст.

Дар сурудхои тўи мардуми рус хислатхои эохирй, характер ва чихатхои асосии тарбияи духтар — арўс дар онла хотиришон мешавад ва чунин духтари ҳунарманду боодоб боиси ифтихор ва шодии аҳли онлаи ў ба шумор меравад.[44] Вале дар сурудхои тўи точикон ба замми зикри сифатхои боло масъалаи аз қувваи корй махрум шудани онлаи духтар таъкид ёфтааст. Дар ду варианте, ки аз даҳ нусха интихоб шудааст, аз як тараф, арўс ҳамчун духтари ҳунарманд, дастьёр, хонарўбу оббиёр, нонпаз, говчўшу ширпаз тасвир ёфта бошад, аз тарафи дигар, тасвири ҳолати руҳияи модар ба назар мерасад, ки вай аз азизу наздиктарини худ — духтари коргару ғамхору меҳрубон чудо шуда истодааст. Баъзан ҳамин норозигй ва ғаму андўхи модар аз номи **шахмардон** ба тариқи тамасхуру истехзо ифода меёбад:

Хама:
Барор, бароруш, мегум,
Хола, бароруш, мегум.

Як кас:
Дегшуякта бурдуме,

Хама:
Барор, бароруш, мегум,
Хола, бароруш, мегум.

Як кас:
Табақшуякта бурдуме,

Хама:
Барор, бароруш, мегум,
Хола, бароруш, мегум,

Як кас:
Хунаруякта бурдуме.

Хама:
Барор, бароруш, мегум,
Хола, бароруш, мегум.

Як кас:
Чогаҳандозта бурдуме.

Хама:
Барор, бароруш, мегум,
Хола, бароруш, мегум.

Як кас:
Оббиёракта бурдуме,

Хама:
Барор, бароруш, мегум,
Хола, бароруш, мегум.

Як кас: Ошпазакта бурдуме.
Хама: Хола, бароруш, мегум.
Барор, бароруш, мегум.
Як кас: Дастшуякта бурдуме,
Хама: Барор, **баро**руш, мегум.
Хола, **баро**руш, мегум.
Як кас: Бумрубакта бурдуме,
Хама: Барор, бароруш, мегум,
Хола, бароруш, мегум.

Як кас: Говчушакта бурдуме,
Хама: Барор, бароруш, мегум.[45]

Дар матни суруди зерин ҳамон тарзи тасвир дида шавад ҳам, ин ҷо акнун **шаҳмардон**, («Гулта бурдум, хола»), гӯён ба модар истеҳзо намезананд, балки худи модар шикоят мекунад, ки духтари дастьёри ӯро мебаранд. Танҳо роли иҷрокунандагон иваз шуда, мазмун ҳамоно аз ҷудой ва фироқи модару духтар иборат аст:

Гулма бурдане,
Барги гулма бурдане,
Сари дегдони калон,
Кайбонума бурдане.
Ту меравӣ, аз хона хамирма кӣ рост мекуна?
Гулма бурдане,
Барги гулма бурдане,
Духтараки калони
Ҳонарувма[46] бурдане.
Ҳар лаҳза пеши оча, кӣ шишта ноз мекуна?
Гулма бурдане,
Барги гулма бурдане,
И ҷони азиза
Меҳрубонма бурдане.[47]

Сурудҳои ҷудой ва фироқ аз ҷиҳати сохт ва мундариҷа аз дигар намуди сурудҳои тӯй фарқ мекунанд. Ин фарқият асосан дар банду баст, услуб ва мундариҷаи онҳо, ки моҳиятан ғамангезанд, зоҳир мегардад ва тарзи иҷрояшон ҳам ба куллӣ фарқ мекунанд. Дар баъзе вариантҳо воқеа аз забони як шахс ё як гурӯҳ ҳофизон ифода меёбад. Масалан, суруди «Гӯларӯсак, сар бишӯй», ки аслан дар асоси гуфтугӯи дусе шахс таркиб ёфтааст, ҳоло аз тарафи гурӯҳи ҳофизон ё як нафар суруда мешавад. Дар суруд манзараи диққатангези сӯҳбати аҳли оила, дугонаҳо ва арӯс ҳангоми гусел дар шакли муколама ифода ёфтааст. **Шаҳмардон** ба арӯсшаванда мурочиат намуда, таъкид мекунанд, ки ӯ мӯи сарашро шӯяд,

бофад ва ба рафтан тайёр шавад. Духтар аввал ин таклифро қабул намекунад ва хонаи падарро бехтар мешуморад. Дугонаҳо низ майлу хоҳиши ӯро ба назар гирифта, ба фикри ӯ ҳамовоз мешаванд:

Шахмардон:

Гуларусак, сарта боф,
Ҳозир вақти рафтан ай.

Арӯс:

Сарма намебофаме,
Хонаи бовом бехтар ай.

Дугонаҳо:

Сарша намебофаде,
Хонаи боваш бехтар ай.[48]

Дар як қатор сурудҳо марому мақсади тӯйдорон ифода ёфтааст. Ҳамин мақсад ба тариқи мурочиат ба аҳли хонаводаи арӯс бо як навъ майлу хоҳиш ва орзую умед инъикос меёбад. Чунон ки болотар ишора рафт, дар суруди «Барор-барор» **шахмардон** (чӯраҳои домод) ҳангоми талаби арӯс пайваста, аввал ба модар («Дили очаш намешава, Оташ, бароруш, мегум»), баъд ба падар, хоҳару додар ва дигар хешу таборони арӯс бо илтичо мурочиат мекунанд, ки арӯс тезтар бароварда шавад. Модар намехоҳад аз ҷигарбанди наздиктарини худ ҷудо шавад. Инро дониста **шахрмардон** аввал ба додар, баъд ба апаю амма ва таго мурочиат мекунанд:

Барор,бароруш,мегум,
Очаш, бароруш, мегум.
Дили очаш намешава,
Акаш, бароруш, мегум.
Дили акаш намешава,
Апаш, бароруш, мегум.
Дили апаш намешава.
Аммаш, бароруш, мегум.
Дили аммаш намешава,
Тагош, бароруш, мегум.[49]

Баъд барои гирифтани ризомандии модар таъкидан:

Очаш, ба ту мегум, аруста бурор,
Дилут, ки намешава, думодта бёр,

гӯён домодро таги дар меоранд. Ҳаман ин кашмакашу талош барои розӣ кардани арӯс ба кор бурда мешуд, зеро духтараки бечораро аксар ба ягон шахси нодид бо зӯрӣ ба занӣ медоданд, ки вай аз ночорӣ ба тақдири худ тан дода, ошкоро изҳор мекард, ки пеш-пеши марди ношинос на бо амри дили худ, балки бо зарби калтак ба роҳ медарояд:

Пеш-пёши мардак мераме,
Бо зарбӣ калтак мераме.

Ин гуна сурудҳо, дар баробари акс кардани баъзе нишонаҳои тарзи зиндагӣ, фикру андеша, ақлу заковат, ҳасби ҳол ва дарду алами занони ҷамъияти феодалӣ, зимнан муносибати онҳоро ба ин нобаробарию беҳуқуқии давраи гузашта айнан нишон медиҳанд. Онҳо як навъи муброиза бар ои беҳуқуқӣ ва аслиҳаи буррои танқиди замон буданд. Дар чунин ҳолатҳо модар ба тасаллодиҳӣ медаромад ва таклиф мекард, ки духтар дар рӯзи тӯяш хурсанду шод бошад, зеро ба ақидаи модарон ягона таскиндиҳандаи дили духтарони аз тақдири худ норизо қалин ва махри онҳо буд. Бинобар ин, модар бо мисраъҳои:

Эй духтар, ҷонум, духтар,
Нури чашмонум, духтар.
Пагоҳ туйта меоранд,
Ба вақти хуш мерай, духтар[50],

ўро тасалло медод.

Дар баъзе вариантҳо барои осуда кардани дили арўс ҳофизон ба таърифи домод шурўъ мекунанд. Масалан, дар Дарвоз дар ин маврид домодро таъриф карда, мисраъҳои «Гул, бибаро ай хона, чашмони шаҳ мастона»-ро ба забон меоранд. Мазмуни боло дар байти зерин, ки аз Кўргонтеппа навишта шудааст, боз ҳам пуркувват шудааст:

Шаҳи мо нағзак ай,
Гули чормағзак ай.

Чунон ки аз мисолҳои боло мебинем, дар сурудҳои ҷудой ва фироқ модар ягона шахси ғамхор тасвир ёфтааст, зеро ў барои фарзанд шахси наздиктарин ва меҳрубон мебошад. Вазифаи ў аз розӣ кардан ва моил намудани дили духтар иборат аст. Вай бо як ҳисси махсуси модарона ва навозишкорона, вале боифтихор изҳор мекунад, ки духтари аз барги гул нозукашро ба нархи арзон ва ё ба марди номуносиб намедиҳад. Ин ҳолат дар сурудҳои аз Ҳисор навишта шуда ин тавр инъикос ёфтааст:

Духтарум хуб духтар ай,
Ай барги гул нозуктар ай.
Ба як ҳазор наметум,
Ба ду ҳазор наметум,
Ба рахи дур наметум,
Ба марди пир наметум.[51]

Давоми суруд ба шарҳи ҳол ва орзую ниятҳои арўс бахшида шудааст, зеро шаби тўй ҳар як фармони арўсу домод ҳамчун шаҳсони ҳукмрон бечуну чаро иҷро мешуд. Ба ҳамин асос худи онҳо кўшиш мекарданд, ки арзи дили худро ошкоро баён намоянд. Дар чунин мавриди

Аспи алора ман кунед,
Додарма сарчилав кунед.[52]

— мегўяд арўс.

Аз хонаи падару модар рафтани духтар бонси ғамгинии аҳли оилаи ў ва гирьяи модар мегардад. Дар ин гуна мавридхо: «Арўсам бин равон шуд. Оҳаи арўс гирьён шуд»,— гуфтани хофизон хам бесабаб нест. Мазмуни боло дар сурудн тўи мардуми Форшн инкишоф ёфта, дар он хам таҳтона ва хам зўрию тавдн мушоҳида мешавад:

Имрўз соати хуҳто,
Келина тез, э худо,
Келин азони моён,
Хай надоред, худоён,
Келин мебарем моён,
Гирьён монтон шумоён.[53]

Хатто дар баъзе сурудхо тақлиди овози гирьяи арўс дохил шуда, суруд намуди ҳазлу шўҳй ва ранги мазоҳро ба худ гирифтааст:

Бардоранда:

Хой арўс, хой арўс,
Келин мебарем имрўз
Ху-ху...[54]

Якхахон:

Келина гетта барем,
Кляшоша монда барем.
Ху-ху...

Бардоранда:

Хой арўс, хой арўс,
Келин мебарем имрўз
Ху-ху...

Якхахон:

Келин, келина моён,
Нигарон монтен шумоён.
Ху-ху...[55]

Хамон назъе ки аз бисьёр сурудхо маълум мегардад, иборахон мачбуркунандан «зудтар бароруш» таъкидан такрор шудан мегирад. Аз ин рў, мазмуни бисьёр сурудхои **чудой ва фирокро** хамон нидои ҳасратомези дили арўсон ташкил кардааст. Чунин нидохо боз дар натичаи ба эътибор нагирифтани майлу хоҳиши онхо сар задаанст. Хофизон аз забони арўс бо таънаву таъкид: «Кўшан гов овардй, Ночор мондум, мерам», изҳори норозигй мекунанд. Хатто баъзан чунин воқеъ мегардид, ки аз ҳисоби ба шавҳар додани духтар та-

моми аҳли хонавода ва хешовандон—хоҳар, модар, аммаю холаи арӯсшаванда бахраманд мешуданд. Дар чунин мавридҳо арӯс бо мисраъҳои: «Қавши булғорӣ пӯшидӣ», онҳоро таъна мезад:

Арӯс:

Эй амма, намерум,
Чон амма, намерум,
Қавши булғорӣ пушидай,
Ночор мондум, мераме.

Хола:

Тори дегдони баланд,
Кулчашури модарӣ,
Ту кучоҳаҳ меравӣ?
Чони ширини холаӣ.

Арӯс:

Эй хола, намерум,
Чон хола, намерум,
Руймоли заргарони печидай,
Ночор мондум, мерум.[56]

Ба ҳамин тариқ, мавриди **либоспӯшонӣ** ба итмом мерасаду арӯс ночор ба тақдир тан дода: «Аспи қизила зин кунен, Сувор мешам, мерам», гӯён изҳори розигӣ медиҳад.

Дар деҳаи Оқсои музофоти Самарқанд ҳангоми ба асп **савор кардани** арӯс ҳофизон сурудеро мехонанд, ки дар он **боз ҳамон** норозигии духтаракони замони гузашта тасвир ёфтааст. Занон аз номи арӯс арзи дил мекунанд, ки агар гову гӯсола диҳанд, баъд розигӣ хоҳад дод:

Келина бурдан якбора,
Нумоли саруш дубара.
Тағоша сарчилав куне,
Чомаша барги най куне.
Келин мега: намерам,
Гова ба гусолаш дихе,
Ночор монда мерам.[57]

Дар **варианти ин** суруд, ки аз деҳаи Зиддии Варзоб навишта шудааст, манзараи табиат тасвир ёфтааст. Дар айни шукуфтани гулҳои пудина арӯсро мебаранд, вале вай модар надорад, ки аз тантанаи манзараи **арӯсбарон** шоду мамнун гардад:

Арӯса бурдан дина,
Айни гули пудина,
Дар қоши зин мерава,
Очаш боша, бубина.

Як хусусияти ачиби ин гурўҳи сурудҳо аз он иборат аст, ки дар онҳо рўҳияи арўс ба хубй тасвир шудааст. Ин сурудҳо хусусияти романтикй ба худ гирифта, ба воситаи тасвири бадеи зебоии ғайри оддй ва ҳашамати махсуси арўсро таҷассум мекунанд. Ин навъи тасвир, махсусан, дар сурудҳои «Гул арўсак, сар бишўй», «Гул, баро» ва «Келиншиноӣ» аз ҳадди эътидол берун меравад.

Барои тасвири образи арўс бештар ҳусну зебой роли калон мебозад. Кариб дар ҳамаи сурудҳо, катъи назар аз чигунагии вақоҳати зоҳирй, арўс чун гул зебову латиф, қадду коматаш мавзуну базеб, дандонҳояш садаф барин тасвир меёбад. Таърифҳои куҷошинам ва тасвироти рангине, ки дар сурудҳо ба кор бурда шудааст, барои муайян намудани мазмуни ин образ хизмат мекунад. Аз рўи тасвирҳое, ки ба арўс дода шудааст, кас худи ўро дидан мехоҳад. Аз ҷумла, арўс бо лақабҳои эҳтиромй ва истиорагии **«бегим», «оним», «гул»**, «туларўсак» хитоб карда мешавад. Хусусан, дар сурудҳои чудой ва фироқ ба чои арўс ба **гул** мурочиат кардан ходисаи муҳим ба шумор меравад. Дар суруди зерни **гул** рамзи истиоравии арўс аст. Ошиқ ба дидани дидори маъшуқаи худ мушарраф шуданист. Барои ин вай кўшиш мекунад, ки маъшуқа — **гули** худро ба дом афтонад. Дар тасаввури ошиқ қадди мавзун, куртаҳои дарози нигори нозанин, ҳолҳои базеби бари рухсори ў чунон дилрабост, ки бо ҳаман он зару зевар ва пероян ороишдиҳандааш ба назараш ниҳоят дилкаш ва зебо менамояд. Ҳаман ин нигоришхо ба арўс доир буда, дар назар сурати зебои ўро дар либоси арўсиаш чилвагар месозад. Ин сурудро ҳангоми арўсбарон мардон мехонанд:

Як кас:

Гул, баро ай хуна,
Дар дасти гул дасмона,
Дар шохи гул дармона,
Шохи гул печон ай.

Хама:

Куртаҳои дарозуш,
Маро куштай да нозуш,
Холои бари рухсоруш,
Кавшои пупакдоруш.

Як кас:

Гул, баро ай хуна,
Дар дасти гул дасмона,
Дар шохи гул дармона,
Шохи гул печон ай.[58]

Агар дар рубоиҳои лирикии халқӣ **гул** рамзи иститораши маҳбуба қарор гирифта бошад,[59] дар сурудҳои тӯй **гул** — арӯс асоси зуҳуроти шодиву сурур, пояи ҳамаи хурсандии тӯю сур қарор гирифтааст. Мардум ба гул мурочиат карда таъкидан ҳамаи меҳру муҳаббат ва ҳиссиёти худро ба тарзи навозишкорона ифода менамоянд. Барои боз ҳам равшантар тасвир намудани образи рамзии арӯс ва барои нишон додани фарқи куллии вай аз дигар рамзҳо (ҳамчун, ифодаҳои гул, сунбул, булбул, барги гул) — **гуларӯсак** гуфта мешавад. Қариб ҳамаи сурудҳои чудой ва фироқ аз мурочиат ба **гул-гуларӯсак** шурӯъ мешавад, зеро **гул-гуларӯсак** дар навбати аввал шахсест, ки матлабу орзуи тӯйдорон ба ӯ нигаронида шудааст ва рамзи хеле устувор ва мӯътабар ба шумор меравад. Ҳаманд диққату мақсади асосӣ дар атрофи ҳамин образи рамзӣ ҷамъбаст шуда, ҳиссу садоқати умумро муҷассам мегардонад:

Гула мо бурдӣм, гулғунча шумо,
Аруса мо бурдем, ҳайроне шумо[60],

— гуфта мешавад дар як суруд.

Гуларӯсак рамзи конкрет аст, вай барои ифодаи эҳсоси ботинӣ ва меҳру шафқати тӯйдорон хизмат намудааст. Дар атрофи ин образ бо навозиши нозук дигар хусусиятҳои арӯс ва мақсаду маромаи хешовандон гирд оварда шуда, оҳанги суруд дилчаспу форам ва нозук гардидааст:

Гуларусак, сарта бишӯй,
Пага ваъдан рафтан ай.

Дар давоми суруд барои боз ҳам равшантар шудани мавқеи ин образи худи арӯс аз навозишҳои занон илҳом гирифта, бо як навъ нозу истиғнои духтарона аз саршӯяндагон хоҳиш менамояд, ки мӯи ӯро оҳиста шона кунанд, ки то ягон мӯе ҳам аз сараш кам нашавад. Ба монанди:

Шуяк, шуякунуме, саршуякунуме,
Оҳиста шона кун, нареза муякуме.[61]

Ин гуна тасвирҳо одатан дар сурудҳое, ки даҳанакӣ эҷод шудаанд, бештар зуҳур кардаанд. Арӯс бо калимаҳои **«гул» «сунбул», «моҳ»** дар зери пардаи рамз бо як завқи бадеӣ тасвир шудааст. Ба иборати дигар, **гулу сунбул** истиора шуда омадааст:

Эй гула бурдан, гула
Сунбула бурдан, гула.
Дарунӣ хона, гула,
Моҳи ягона, гула.
Эй гула бурдан, гула,
Сунбула бурдан, гула.
Рӯяш надидам, гула,

Бо сад баҳона, гула.
Эй **гула** бурдан, гула,
Сунбула бурдан, гула.[62]

Бо вуҷуди чунин васф шуданҳои арӯс мазмуни умумии ин гурӯҳи сурудҳо ба мавриди хайрухуш алоқаманд аст, зеро мурод аз ин гуна таърифу ситоишҳо, аз як тараф, ифодаи изҳори шодӣ ва тантана бошад, аз тарафи дигар, барои осуда кардани духтаракон буду бас.

Ҳамин гуна оҳангҳои зӯрӣ ва ситам дар сурудҳои тӯй албатта, дар мавриди аз оилаи падар рафтани арӯс, бештар зуҳур кардааст, ки он нишонаи боз ҳамон никоҳи маҷбурӣ мебошад.

СУРУДҲОИ ТАНТАНАВӢ

Дар айни ҷӯшу хурӯши хурсандии шаби тӯй ва ҳангоми гуселонидану пешвозгирии арӯсу домод хондани як қатор сурудҳои тантанавӣ одат аст. Аз рӯи вазифа ва тарзи иҷро сурудҳои тантанавӣ ба гурӯҳи сурудҳои табрикӣ монандӣ доранд. Баъзан дар як суруд ҳам муборакбодӣ ва ҳам тантанаву шодӣ якҷоя ифода меёбанд. Вале азбаски оҳангу мазмуни онҳо бештар ба тантана монанд, ин гурӯҳро **сурудҳои** тантанавӣ номидем.

Сурудҳои «Келин мебарем имрӯз»,—«Ёр-ёр, «Нақш» чӣ аз тарафи мардон ва чӣ аз тарафи занон маҳз дар шаби никоҳ — ҷашни шодӣ ва бошукӯҳӣ арӯсӣ хонда мешаванд. Дар аксари маҳалҳои тоҷикнишин (дар деҳот) ба хонаи домод арӯсро ба асп савор карда мебаранд. **Арӯсбарҳо** то ба манзили домод рафта расидан сурудхонон, бо шодиву сурур ва рақсу чапакзанӣ мераванд. Дар ин маврид, албатта, ягон асбоби мусиқӣ (ҳамчун таблу доира) истифода мебаранд. Вақте ки ягон асбоби мусиқӣ ба суруд ҷӯр шуд, оҳангаш боз ҳам шӯху дилработар мегардад. Оҳанги суруд чандин бор дигар мешавад ва дар натиҷа матнҳо ҳам гуногун шуда рафтан мегиранд. Ин ҳодиса боиси афзудани миқдори вариантҳои сурудҳои тӯй гардидааст.

Оҳанги суруди «Келин мебарем имрӯз» тантанавӣ аст ва матнаш дар рафти тӯй тағьир ёфта, дар натиҷаи пай дар пай гуфтани байтҳои арӯсона шакл мегирад ва мукаммал мешавад. Аз ин рӯ, суруд дорои сохту услуби махсус гаштаааст. Бесабаб нест, ки мардуми Фориш онро **«байти арӯс»** номидаанд. Мо дар поён мехоҳем доир ба мавкеъ, мундариҷа, сохт[63] ва тарзи иҷрои суруд ба таври муфассал таваққуф кунем.

Сохти суруд аз он ҷиҳат ҷолиби диққат аст, ки мисраъҳояш кӯтоҳ-кӯтоҳ (6—7 ҳиҷо) буда, оҳанги сабук дорад ва

дар асоси муколама таркиб ёфтааст. Мундариҷаи суруд батамом шодиовар буда, он дар тамоми маъракаҳои даврахои **тӯй-чалпакбарон, тӯйбарон, хезумбарон, домодбарону арӯсбарон** мунтазам хонда шуда, ҷиҳатҳои бадеии он маъракахоро пурра акс менамояд[64]. Дар Фориш сурудро бо доира (табӯрок) мехонанд. Суруд ба шакли бадеҳаҳои халқӣ, ба таври фаврӣ ба анҷом мерасад. Дар рафти хониш ба матни суруд байтхои нав хамроҳ мешаванд, ки ҳамаи онхо маънодор ва ба сохту мундариҷаи суруд алоқамандаанд.

Нақарот дар суруд устувор нест ва гоҳо бенақарот ҳам хонда мешавад. Чунон ки ишора шуд, таъсири оҳанг дар суруд хеле калон аст ва як сабаби пуртантана шудани суруд ҳам ба оҳангаш вобаста буда, онро шӯҳу форам кардааст. Вақте ки суруд бо савти мусиқӣ—оҳанги доира ҷӯр мегардад, ҳаловатбахш мешавад. Дар ин порча тасвири манзара дар пуштаву кӯтал чодир задаву манзил гирифта, мол кушта равон шудани қофилаи **арӯсбархо** инъикос ёфтааст:

Ҳой арӯс, ҳой арӯс,
Келин мебарем имрӯз.
Мебарем пушта-пушта,
Чодир задаву шишта,
Дар сари роҳ мол кушта.[65]

Қудоҳо ҳангоми қабул шодикунон модаршӯй (хушдоман)-ро ташвиқ мекунанд, ки ба истиқболи арӯс аз ҷой хезад:

Хез, оча, келин омад,
Нури хонет даромад.

Чунон ки зикраш дар фасли аввал гузашт, дар аксар сурудҳои тӯй арӯс ҳангоми аз хонаи падар рафтан норизо аст ва гирьякунон: («оча, намерам», «ота, намерам»), гӯён ба зорӣ медарояд. Ин гирьяҳои ӯ аз як ҷиҳат аломати шармгинии духтар аст ва мувофиқи одат баъзан занон ӯро ба гирья кардан маҷбур ҳам мекунанд. Бо вуҷуди он дар чунин мавридҳо дар Фориш аз номи арӯс бо як ифтихору шодӣ ҳофизон изҳор мекунанд, ки хонаи домод барои ӯ гулзор аст:

Бардорандаҳо: Ҳой арӯс, ҳой арӯс,
Келин мебарем имрӯз.

Ҳофизон: Имрӯз ба хонаи дилдор рафтаям,
Аз хору хас гузашта ба гулзор рафтаям.

Бардорандаҳо: Ҳой арӯс, ҳой арӯс,

Келин мебарем имрӯз.

Хофизон: Духтар меруд мардона,
Очаш монад дар хона.

Бардорандаҳо: Ҳой арӯс, ҳой арӯс,
Келин мебарем имрӯз.[66]

Ба ақидаи мардум, арӯс ба хонаи домод нуру сафо меорад. Вай рамзи хушбахтӣ аст. Аз фаро расидани рӯзи тӯйи мардум шодикунон: «Офтоби сарам соя имрӯз, Тӯи ҳамсоя имрӯз», мегуфтаанд. Хешовандони домод дар ин маврид чунин мегӯянд:

Аюри дона-дона,
Янга мебарем хона.
Хона меҳмон омадас,
Шарбати чои омадас.[67]

Аз хурсандӣ кудоён домодро ташвиқ мекунанд, ки ба рохи арӯс гулпошӣ намояд:

Дастагули камоён,
Келин мебарем моён.
Мо шиштем раҳпоён,
Домод ояд гулпошон.[68]

Ҳар як байт ё порчаи шеърии боло маъноии мустақил дошта дар онҳо шодии ҳам хешовандон ва ҳам домод, ки аз хурсандиаш дар роҳи арӯс гулпошӣ кардааст, тасвир ёфтаааст. Мазмуни тантанавӣ асосан дар композицияи суруд ва воситаҳои тасвирот ифода ёфтааст.

Суруди дигаре, ки онро дар Кӯлоб, Ҳисору Варзоб ҳангоми қабули домод мехонанд, «Шаҳи ман омад» ном дорад. Дар ин суруд шодиву тантанаи мардум ба домод вобаста аст. Домод савори тахти равон ва аспи кабуд барои овардани арӯс меравад. Лолаҳои навшукуфтаи сари роҳ ва дарахтони ар-аре, ки қофилаи **арӯсбарон** аз зери он равонанд, мазмуни сурудро бой гардонидааст. Ин суруд матни нисбатан устувор дошта, дар он нақарот ҳамчун хулосаи матн хизмат мекунад. Мисраи дуюм мазмуни мисраи якуми нақаротро пурра мекунад. Дар ин мисраъ калимаи **«мирзо»** образи рамзии **шох**-домод аст ва ба ҳуқуқи пурраи номи шоҳинавдомодӣ сазовор гаштани ӯро бори дигар тасдиқ мекунад. Сурудро чӯраҳо—**шаҳмардон** бо як оҳанги шӯхи тантанадор мехонанд. Дар суруд ду тасвир, ду ҳолат, ду манзара дар маркази диққат меистад:

Ҳама:

Шаҳа Бар-бар мебаран,

Бо тағл ар-ар мебаран.

Нақарот: Шаҳи ман омадае,
Мирзои ман омадае.

Ҳама: **Шаҳа** дилдорӣ кунен,
Пешаки духтар мебаран.

Нақарот: Шаҳи ман омадае,
Мирзои ман омадае.

Ҳама: Тахти равони арӯс,
Лола шукуфтай имрӯз.

Нақарот: Шаҳи ман омадае,
Мирзои ман омадае.

Ҳама: Оча гирьён ай имрӯз,
Арӯс равон ай имрӯз,

Нақарот: Шаҳи ман омадае,
Мирзои ман омадае[69].

Дар водии Хуф пеш аз ичрои суруд суханҳои зерин: «тахту бахти барқарор, нафасаш гиро, теғаш бурро, дӯстон тоҷи сар, душманон зери по»-ро мегӯянд, ки бо мазмуни суруд алоқаи зич дорад:

Шоҳ мо дар минбар,
Болои тахти зар.
Равон шудам, бастам камар,
Шоҳ мо дар минбар,

Болои тахти зар.
Монанди зоғои сар ба сар,
Чашмони ҳуд боло нигар,
Шоҳ мо дар минбар,
Болои тахти зар[70].

Ин ҷо мақсад аз **шоҳ** нфодаи орзуҳои мардум вобаста ба домод аст.

Масъалаи гуногун шудани шаклу мазмуни сурудҳои тантанавӣ ба маҳалҳо вобаста аст. Масалан, агар дар ҷануби Тоҷикистон дар мавриди домодбарӣ ва қабули ӯ дар хонаи арӯс суруди «Шаҳи ман омад» хонда шавад, дар шимоли Тоҷикистон «Ёр-ёр» ва «Нақш» мавқеъ пайдо кардааст. Ин сурудҳо низ мазмунан тантанавианд. Бинобар ин, аз рӯи мазмун, нақарот ва тарзи ичро ҳар кадоми онҳо матни мустақил дошта, гурӯҳи муайянеро ташкил мекунанд. Чунончи:

I. **«Нақш»**—дар Исфараву Қонибодом, Шаҳристону Ӯротеппа, Қолхозчиёну Ленинобод бештар бо нақароти «ҳай-ёр-ёр» **машҳур аст.**

II. **«Ёр-ёр»** дар водии Зарафшон—Панҷакент, **Айнӣ**, Самарқанд ва Бухоро бо ҳамин нақарот хонда мешавад.

I. **«Нақш»**[71] дар бисьёр маҳалҳо паҳн шудааст. Масалан, дар баъзе гузарҳои шаҳри Самарқанд ҳам нақшхонӣ мекунанд. «Нақш» ҳамчун суруди тантанавии тӯй дар Уротеппа чор намуд дорад: **«Нақши мулло»**, **«Нақши мирзо»**, **«Нақши Хуҷанд»** ва **«Нақши яло-ялӯ»**, ки инро **«Нақши хурд»** ҳам меноманд. Ин суруд дар гузашта яке аз сурудҳои машҳури тӯй ба шумор рафта бошад ҳам, вақтҳои охир хеле кам иҷро мешавад, зеро матни кӯҳнаи баъзе вариантҳои он ҳамчун «Нақши мулло» руҳи динӣ дошта, ба талаби тӯйҳои замони мо ҷавоб дода наметавонад. Мувофиқи нақли сокинони Уротеппа донандагони суруди «Нақш» ва нақшхонҳои касбӣ кам мондаанд, ҳатто онҳоро аз деҳаҳои ҳамсоя ба тӯй даъват карда меовардаанд. Дар гузашта барои ботаъсиру тантананок гузаштани сурудхонӣ дар меҳмонхонаҳо ҷамъ шуда нақшхонӣ мекарданд. Ҳатто чанд нафар нақшдонҳои машҳур буданд, ки онҳо барои хушу хуррам гузаштани тантанаи шаби тӯй мусобиқакунон суруд мехонданд ва, албатта, дар чунин мавриди ҷавонмардони тарафи домод ғолиб омада, барои гирифта бурдани арӯс муваффақ мешуданд. Баъзан барои хубтару пуршукӯҳтар гузаронидани тӯй муддатҳои зиёд ба нақшхонӣ тайёрӣ медиданд. Матни суруд асосан тоҷикист ва дар баъзе вариантҳои он мисраъҳои ҷудогонаи ӯзбекӣ дохил шудаанд. Ғайр аз «Нақши мулло», ки оҳангаш андак вазнин буда, онро мӯйсафедон мехонанд, дигар вариантҳо мисраъҳои кӯтоҳ-кӯтоҳ дошта, оҳангашон шӯху рақсианд. Бинобар ин, дар оҳанги ин сурудҳо тантана зоҳир мешавад. **Нақшхонӣ** ин тавр мегузарад: **сарнақшгӯй ва ҷӯраҳои домод аз паси қофилаи арӯсбарон ба гоҳо дар рӯи ҳавлӣ соатҳо сурудхонӣ мекунанд. Вақти сурудхонӣ ҳофизон ба шавқ омада, дар авҷи хониш нидохои шодӣ ва садоҳои урраю қий-чув мебароранд. Чунончи, «Нақши мирзо» ин тавр иҷро мешавад:**

Сарнақшгӯй:
Рафтем роҳи дуродур-е,
Ҳама:
Ҳай, ёр-ёр, ёра.
Сарнақшгӯй:
Овардем шиҳоли гуле,
Ҳама:
Ҳай, ёр-ёр, ёра.
Сарнақшгӯй:
Ин гула кучо монем-е,
Ҳама:
Ҳай, ёр-ёр, ёра.
Сарнақшгӯй:
Дар ҳавлеки Мирзогуле,
Ҳама:
Ҳай, ёр-ёр, ёра.

Сарнақшгўй:
Мирзогули бебокам-е,
Хама:
Хай, ёр-ёр, ёра.
Сарнақшгўй:
Ту ангуру ман токам-е,
Хама:
Хай, ёр-ёр, ёра.
Сарнақшгўй:
Аз барои як ангур-е,
Хама:
Хай, ёр-ёр, ёра.
Сарнақшгўй:
Печида ба хар шоха-е,
Хама:
Хай, ёр-ёр, ёра[72].

Хамин мати гоҳо бенақарот ҳам хонда шуда, шавку шодии тўйдоронро ифода мекунад, ки дар ин хусус баъдтар тавақкуф мекунем. Дар вақти сурудхонӣ вобаста ба завку истеъдоди ҳофизон оҳанги суруд тез-тез дигар шуда меистад. Вақте ки оҳанг дигар шуд, дар мати ҳам тағьирот ба амал меояд. Мисраъҳо тақсим шуда (шикаста), сохти суруд дигар мешавад. Дар натиҷа суруд сохту тобиши махсусро ба худ мегирад:

Хофизон:
Оби раҳмату наврўзӣ, ёре, (2 бор)
Фасли навбуҳор.
Сарнақшгўй:
Фасли нав, ой,
нодоним, ҳай дилам.
Нозук сангдиламе, ҳай
дўст дилам.
Нақарот:
Хай, ёре-ёре.
Сарнақшгўй:
Омад, омадат гардам, ёре,
Қалди қоматат гардам, ёре...
Авчи нақарот:
Хай, ёре-ёре.
Мурғи сангдилам,
Мурғи ҳаво...[73]

Дар «Нақши яло-ялў» нақарот роли муайян мебозад ва оҳанги суруд ҳам каме тағьир меёбад. Вале мати ҳамон «Нақши мирзо» аст, ки намунаи он дар боло оварда шуд ва фақат ин ҷо нақарот дигар мешавад:

Хама:
Чон таралай, яло-ялў,
Якхахон:
Чон таралай, яло-ялў...
Хама:
Яло-ялў... ёри мана.
Яло-ялў, яло-ялў, ёри мана[74].

Дар вариантҳои дигари ҳамин суруд нақаротро ба ҳар як мисраъ ҳамроҳ карда мехонанд. Дар ин маврид ҳам мисраъҳо ду ва ё баъзан се тақсим (шикаста) мешаванд:

Хама:

...Ай дилам, мурғи дилам, сандили ман,
Дӯст, дилам, мурғи биёбон.
Ин гула гуҷо барем, ёра,
Ин гула гуҷо барем, ёра.

Яккахон:

Дар хавлии Мирзогула, нодоне.

Ҳама:

Ай дилам, мурғи сандили ман,
Дӯст, дилам, мурғи биёбон,
Мирзогули бебокаш, ёра,
Мирзогули бебокаш, ёра.

Яккахон:

Ту ангуру ман
токаше, ее,
нодонее[75].

Ҳамон навъе ки аз мисолҳои боло маълум мегардад, мундариҷаи ин гурӯҳи сурудҳо ба як мақсад, яъне ба таҳинятӣ тантанаи ҷашни арӯсӣ нигаронида шудааст.

2. Сурудҳое, ки нақароти «Ёр-ёр, ёроне», доранд, матнашон устувору мустақиланд[76]. Ин нақарот пас аз ҳар як мисраъ ё ду мисраъ такрор ёфта, тарзи иҷрои сурудро сабук ва оҳангашро ғулғуладор мекунад. Ин гурӯҳи сурудро ҷавонмардони ҳангоми **арӯсбарон** мехонанд. Суруд ин тавр иҷро мешавад: як кас **сарбайтро,** дигарон баробар нақароти «Ёр-ёр, ёроне»-ро сурудан мегиранд. Раққосон пеш-пеши қофилаи арӯсбарон дар тахти қарсаку созу мусиқӣ ва савти суруд ба шавқу тараб омада манзараи бошукӯҳи шаби тӯйро гарму ҷӯшон мегардонанд. Дар деҳаи Шинги райони Панҷакент ҳангоми келинбарон суруди зеринро мехонанд, ки дар он аввал тасвири манзараи табиат, баъд дар бораи ЗАГС, сухан меравад:

Як кас:

Таги сада самовор,
Чойник, пиёла қатор.

Хама:

Ер-ёр, ёроне.

Як кас:

Пиёлая чояш не,
Ин бачая хобаш не.

Хама:

Ер-ёр, ёроне.

Як кас:

Ин бача чои дам карл,
Намака мисоли қанд карл.

Хама:

Ер-ёр, ёроне.

Як кас:
Духтари сари бора,
Дар кокулаш ситора.
Хама:
Ер-ёр, ёроне.
Як кас:
Биё, равем идора,
ЗАГС мекунем якбора.
Хама:
Ер-ёр, ёроне[77].

Дар варианти суруд фикри боло боз равшантар ифода гардида, орзуи ба висол расидани ёр таъкид ёфтааст. Чавоне бо баҳонаи обхўрй худро ба духтараке наздик карда, арзи дил мекунад:

Як кас:
Духтари майсара,
Дар куза ов мебара.
Хама:
Ер-ёр, ёроне.
Як кас:
Гуфтум овакша бихрум,
Худакша пуса кунум.
Хама:
Ер-ёр, ёроне.
Як кас:
Дорат бар дилам, чоне,
Биё бирем идора.
Хама:
Ер-ёр, ёроне.
Як кас:
Хата гирем якбора,
Дар дил ормуи намуна.
Хама:
Ер-ёр, ёроне...[78]

Суруд вариантхои зиёде дошта, онхо бо илова шудани мисраъхои нав ба нав аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Дар суруди зер шодй воситаи асосии ба вучуд омадани образи рамзй гардидааст. Ошиқ бо каноатмандии бузург изҳор намудааст, ки агар маҳбубааш ҳар бор қомат рост кунад, аз қадду қоматаш гул мерезад. Гул рехтан ифодаи шодмонй буда, ба даст даровардани дили ёр кори ошики ба камол расида аст:

Як кас:
Ҳар боре ки барҳезад
Хама:
Ер-ёр, ёроне.
Як кас:
Гул аз қоматаш резад,
Хама:
Ер-ёр, ёроне.
Як кас:
Гулаш рехту хораш монд,
Хама:
Ер-ёр, ёроне.

Як кас:
Дар сина губораш монд,
Хама:
Ер-ёр, ёроне.
Як кас:
Имшаб равам ба касдаш,
Хама:
Ер-ёр, ёроне.
Як кас:
Гирам зи банди дасташ[79].

Дар бораи баденят ва хушоҳангии **сурудхои тантанавй хаминро** бояд гуфт, ки онҳо баробари бо оҳангу сози мусикй **хонда** шуданашон, ба воситахои санъати бадей шакл гирифтаанд, аниктараш аксарияти фикрҳо бо ташбех ва истиора, таносуби калимаҳо, кофияҳои устувор равшан гардидаанд. Дар суруди зерин лаҳзаи хандида аз дар баромадани духтараке мавриди тасвир карор гирифтааст. Абрӯи вай мисли думи **мор** борику базеб аст, зулфакони печутобдораш, чашмони пурхумори ӯ дили касро мафтун мекунад.

Дар ин чо санъати ташбех зуҳур кардааст:

Як кас:
Дар лаби бом омаду дил,
Хама:
Ер-ёр—ёроне.
Як кас:
Хандида баромад ёри мо,
Хама:
Ер-ёр—ёроне.
Як кас:
Абрекн думи мор дорй,
Хама:
Ер-ёр—ёроне.
Як кас:
Зулфаки чилу чор дорй,
Хама:
Ер-ёр—ёроне.
Як кас:
Чашмони пурхумор дорй,
Хама:
Ер-ёр—ёроне.
Як кас:
Хой, дар ман чй кордорй?
Хама:
Ер-ёр—ёроне[80].

Дар аксар сурудхои тантанавй образи арус ва домод ба воситаи ташбеху истиора шакл мегирад. Аз чумла, кудохо аз камоли шодй домодро **ба мох** ташбех додаанд:

Шох омаде, мох омад,
Шохи рафта боз омад[81].

Ибораи **шоху мох** дар луғатхо ба арӯсу домод нисбат дода мешавад. Чунончи, дар «Фарҳанги забони точикй», шох

навдомод; шоҳу моҳ—домод ва арӯс эзоҳ ёфтааст ва аз Унсурӣ як байт оварда мешавад:

Нишастанд бар гоҳ-бар моҳу шоҳ,
Чӣ некӯ бувад гоҳро шоҳу моҳ[82].

Дар натиҷаи аз ҳад зиёд баланд бардоштани шукӯҳи домод образи рамзии ӯ ба миён омада дар сурудҳо муболиға ба вуқӯъ пайвастааст. Шоҳ-домод чунин тасвир ёфтааст, ки нури рухи ӯ хонаи торикро аз шамсу қамар ҳам дида фурӯзонтару равшантар кардааст:

Шаҳи ман имрӯз сафар мекунад,
Манзила бо ҷои дигар мекунад.
Аз рухи худ хонаи торикро
Равшантар аз шамсу қамар мекунад.
Канда зи сар пардаи завлонаро,
Маҳкама дар куху камар мекунад[83].

Бо вучуди ин, муболиға ва иғроқ дар сурудҳои тӯй на ҳама вақт устуворанд, зеро дар бештари сурудҳо одату зиндагии халқ ба таври конкрет ва реалистона тасвир ёфтаанд. Чунин намудҳои санъат танҳо дар сурудҳое, ки бо таъсири адабиёти хаттӣ эҷод шудаанд, зуҳур кардаанд.

Дар офариниши образи рамзии арӯс дар сурудҳои тӯй тасвири романтикӣ ба кор бурда шудааст. Бо ҳусну рафтор, сару либоси ғайриоддӣ арӯс чунон зебо ва бошукӯҳ тасвир ёфтааст, ки кас ба ҷамолаш мафтун мешавад, аз ҳуснаш лаззат мебарад:

Келин омад дутор катӣ,
Куртеки пӯсти мор катӣ.
Изори тангу тор катӣ,
Фаранги бархи бой катӣ,
Маси амирқон[84] катӣ,
Кавши пӯпакдор катӣ[85].

Дар ин гурӯҳ сурудҳо тасвирҳо бо воситаи радифи «катӣ» шакл гирифта, ба матн ҳусни тоза бахшидааст. Ин сурудҳо дар мавриди арӯсбарӣ иҷро карда мешаванд. Аз даҳ варианте, ки дар даст дорем, маълум гардид, ки суруди мазкур дар тамоми маҳалҳои тоҷикишин—аз Варзоб то Панҷакенту Бухорову Самарқанд паҳн шудааст. Дар вариантҳо мазмуни аслӣ, ҳамчун тасвири сару либос, манзараи роҳ, ҷою макони воқеа тақрибан боқӣ монда, танҳо баъзе калима, мисраъҳо ҷои худро иваз карда, барои боз ҳам равшантар таъкид намудан, пурқувват гардонидани мақсади асосӣ хизмат мекунанд. Масалан, дар нусхаи Бухоро тарзи тасвир чун аввала аз сару либос иборат шуда мондааст:

Келин омад дутор катӣ,
Аспи саманди бой катӣ.
Куртеки тангу тор катӣ,
Румоли пӯсти мор катӣ[86].

Дар нусхаи дигар, ки аз деҳаи Камонгарони районн Ургут навишта шудааст, мазмуни матни боло пурра мегардад. Танҳо тасвири манзараи роҳ каме тағйир меёбад:

Келина бурдем сой катй,
Пушти хони Нурбой катй,
Кавшои пўпакдор катй,
Аспи чиранги бой катй.[87]

Аз баъзе вариантҳои ин суруд танҳо чор мисраъ боқй мондааст ва агар ин порчаҳо бо вариантҳои дигар пурра карда шаванд, он гоҳ мазмуни суруд мукаммал мегардад. Дар ин гурўҳи сурудҳо ду тарзи тасвир ба назар мерасад.

1. Дар вариантҳое, ки аз шаҳрҳо навишта гирифта шудаанд, диққати асосй бештар ба тасвири сару либос дода шуда, манзараи роҳ тағйир меёбад. Дар онҳо бо табъи дили тўйдорон тантанаи шаби тўй ва садои мусиқй бо оҳанги ракс ҳамоҳанг шуда, мазмуни сурудро басо дилкаш гардонидааст. Чунончи:

Келин омад дутор катй,
Куртеки тангу тор катй.

2. Дар сурудҳое, ки аз деҳот навишта шудаанд, асосан тасвири манзараи кўҳу кўтал, сой (дара) ва аспсавор рафтани арўс ифода ёфтааст:

Арўса бурдан сой катй,
Аспи сиёҳи бой катй.

Мазмуни баъзе сурудҳо шаҳодат медиҳад, ки зебой ва сербизоатй барои арўс шарти асосй аст. Бинобар ин, то мумкин аст, модарон барои наварўсон як миқдор сару либос ва зару зевари ороишу лавозимоти рўзгорро муҳайё мекарданд. Дар рўзи тўй либосҳои нав дар бар кардани арўс, аз як тараф, ҳамчун нишонаи хушбахтй бошад, аз тарафи дигар, бо он пероя ва асбобҳои ороишй зебоии ҳусни ў меафзуд[88]. Бо вуҷуди ин, сару либос на ҳамеша азони худи арўс буд. Гоҳо арўсон сару либоси худй надоштанд, зеро камбағал буданд, аз боёни маҳалла ба орият (ирратй) мегирифтанд. Азбаски дар сурудҳо зебоии либос ифода ёфтааст, кас ба чунин хулоса меояд, ки эҷодкунандагони онҳо дар ҳаман мавридҳо ба арўси зебо муносиб будани либоси базебу шинамро орзу мекардаанд. Бо вуҷуди ин, ҳақиқати зиндагй пўшида намондааст. Зеро аз худи сурудҳо маълум мешавад, ки баъзан ин либосҳо тангу кўтаҳ ҳам буданд. Ҳатто бо «Куртеки тангу тор катй» рафтани арўс, ба назари мо, ишора ба ҳамон либоси ориятист.

Ғайр аз ин ифода ёфтани тарзи либоспўшии арўсони замони гузашта, ҳамчун «Куртеки тугмадор катй», барои муайян намудани як чиҳати таърихи сурудҳо ёрй мерасонад:

Келина овардем сой катй,
Аспи алон бой катй.

Пушти хони Нурбой катй,
Сандуқчакон чой катй.
Нумоли бархи бой катй,
Қуттеки тутмадор катй,
Қамзули буғмадор катй[89].

Ба ин маънй дар як суруди Варзоб мисраъҳое ёфт мешаванд, ки дар хусуси бо либосҳои обшуставу талбидаги хонадор шудани чавонон сухан меравад:

Аруса бурдан бо румолон овишиштагй,
Шаҳа овардан бо чумаҳои талвидагй.

Ба ҳар ҳол арӯсон, қатъи назар аз баромади иҷтимоии худ, ба хонаи домод бо дасти холй намерафтанд. Онҳо як миқдор бисот ва асбобу анҷоми рӯзгор муҳайё мекардаанд, ки ин ҳодиса дар мисраъҳои зерин таъкид ёфтааст:

Духтар мерӯд молаш катй,
Ашқоли[90] рӯзгораш катй,
Вафо кунад ёраш катй,
Бо ҷамъи ашқолаш катй[91].

Хулоса, барои пуртантана гардонидани суруд:

1. Мазмун ва оҳанг роли асосй мебозад.

2. Тӯй ҳамчун ҳодисаи хурсандибахш, рӯзи нек, рӯзи мурод, макони шодиву сурур таъкид ёфтааст:

Рӯзи муроди додарам,
Ҳам ҷигару бародарам.

3. Арӯс чунон зебо тасвир ёфтааст, ки хусну ҷамоли ӯ касро мафтун мекунад. Мардум ин лаҳзаро орзукунон ин тавр гуфтаанд:

Хамеша дар арӯсетон нишинам,
Либосҳои мурод дар бар бинам.

Аз чунин рӯзи ба муродрасй[92] тамоми аҳли оилаи арӯсу домод ва хешовандон шодй мекарданд. Ҳамин шодии тӯйдорон дар як суруд чунин ифода ёфтааст, ки онҳо аз хурсандй арӯсеро чун парранда ба қанотакзанй таклиф мекунанд:

Як кас:
Қанотак занед, қанотак,
Ҷони ширин, арӯсак.

Ҳама:
Ҷони ширин, ту гап зан,
Булбули хушхон, ту гап зан.

Як кас:
Қанотак занед, қанотак,
Ҷони ширин, арӯсак.

Ҳама:
Куртаи шоҳй мепӯшй,
Чои кабуд менӯшй.

Як кас:
Қанотак занед, қанотак,
Ҷони ширин, арӯсак[93].

Қанотак задани арӯс рамзи чусту чолок ба ҳаракат дарома-дан, рақсидан ва хиромидан аст, ки он вазифаи истиорaро адо мекунад. Ин сурудро дар деҳаҳои Порвини райони Панчакент ҳангоми рақсу хурсандӣ ва тантанаи тӯй дугонаҳои арӯс мехонанд.

4. Манзараи арӯсбарӣ, ба асп саворкуниҳо ҳашамате дорад. Тасвири чунин ҳашамат дар мисраъҳои «Шоҳи озодақабое, Аспаки давандапое» ифода ёфтааст.

5. Аз ҷиҳати эҷоди образ ҳам сурудҳо ба ифодаи тантана соҳиб шудаанд. Дар суруди боло арӯсро ба булбули хушхон ташбеҳ кардаанд.

6. Тасвирҳои ботантанаи ғайриреалӣ дар сурудҳо роли муайяне бозидаанд. Суруде, ки дар Бухоро ҳангоми қабули арӯс мехонанд, зебоии арӯсро хеле тантанадор ифода кардааст:

Эй ганҷмасти хурраму хандон, хуш омадӣ,
Бо ҳар саре тарона, газалхон, хуш омадӣ.
Ту андалеби гулшану ҳусну латофатӣ,
Қоқул ба дӯш карда парешон, хуш омадӣ.
Эй гулбуни тамоми назокат дар баҳор,
Дар остони боғи гулистон, хуш омадӣ![34]

Дар мисоли боло калимаҳои «ганҷмаст», «гулбун», ибораҳои «хурраму хандон» як навъ тавсиф, «андалебу гулшану ҳусну латофат» ва «остони боғи гулистон» истиораи пӯшида мебошанд. Мақсад аз **остони боғи гулистон** хонаи домод аст, ки он ҳамчун хонаи бахту умед тасвир ёфтааст.

Дар ин сурудҳо образи рамзии арӯс дар заминаи ташбеҳ, истиора, муболиға офарида шудааст. Дар тасаввури эҷодкунандаи суруд арӯс аз ҳаёти реалӣ хеле дур меравад. Бо вуҷуди ин, чунин сурудҳо ба идеалҳои халқ наздик шуда, барои ифода кардани марому мақсади онҳо хизмат кардаанд.

СУРУДҲОИ ТАБРИКӢ

Дар тамоми маҳалҳои тоҷикнишин мардум дар истиқболи арӯсу домод сурудҳои табрикӣ мехонанд ва бо суханҳои ширину ибораҳои рангин онҳоро муборакбод мекунанд. Аввалин сухане, ки аз даҳони соҳибони тӯй ва хешовандон бармеояд «тӯй муборак шавад» аст. Дар айни замон, худи ҳамин ҷумла дар аксар сурудҳо вазифаи нақаротро адо кардааст. Дар ду мисраи ифодакунандаи табрик:

Шаҳ муборак бод,
Арӯс саломат бод!

ё ки:

Тӯй муборак шавад,
Боз муборак шавад!

— ҳаман шодию ният, фикру зикр ва орзую мақсади мардум ҷамъбаст гардидааст. Сурудҳои «Шаҳ муборак бод», «Саломнома», «Шаҳ омад» ва дигарҳо кайфияти туёнан мардумро ифода мекунанд. Онҳо бо мақсади табрику тахнияти арӯсу домод ва соҳибтӯй хонда мешаванд.

Чунон ки зикр ёфт, аз рӯзҳои аввали нозодкунӣ муқаррабон ҳамдигарро аз оғози ташкилшавии онлан нав пайваста табрик гуфта, барои ин ду ҷавон ҳамеша зиндагии хубу фаровон, осоиштаву бардавом орзу мекунанд. Дар бисёр сурудҳо мазмунҳо омехта шуда, табрику тантана якҷоя ифода мешаванд. Вале қисме аз онҳо сар то сар табрикиянд. Бинобар ин, аз рӯи хусусияти фарқкунандаашон мундариҷаи ҳар як сурудро ба таври алоҳида дида мебароем.

«Саломнома» яке аз сурудҳои анъанавии тӯй ба шумор рафта, ҳаҷмаш хеле калон аст. Суруди мазкур аз ҷиҳати мукаммалӣ, пухтаю рехтагии мазмун ва бадеият дар байни дигар сурудҳои маросими тӯй мавқеи боғоят калонро ишғол мекунад.

Аз рӯи материалҳои гирд омада маълум мегардад, ки суруд дар аксар маҳалҳои шимолии республика ва берун аз он пахш шудааст. Нусхаҳои зиёде, ки аз Бухоро, Самарқанд, Қашқадарьё, Сурхондарьё, аз Ҳисору Душанбе, Ӯротеппаю Ленинобод навишта шудаанд, шаҳодат медиҳад, ки суруди мазкур дар тӯйҳои маҳалҳои нобурда аҳамият пайдо кардаанд.

Вобаста ба пайдоиш ва таърихи такомулоти «Саломнома» ҳаминро бояд гуфт, ки суруд бевосита дар шароити ҳукмронии дини ислом дар Осиёи Миёна ба майдон омадааст. Бо вуҷуди он ки доир ба пайдоиши нусхаҳои аввалини суруд ягон маълумоти пурраи хатти дастрас нашудааст, аз рӯи маълумоти даҳонаки метавон гуфт, ки баъзе нусхаҳои «Саломнома», мувофиқи супориши шахсони алоҳида, дар аввалҳои ҳокимияти советӣ низ ниишо шудааст. Масалан, баъзе кӯҳансолони вилояти Самарқанд нақл мекунанд, ки Саид Аҳмади Васлӣ[55] «Саломнома»-е тартиб дода будааст. Ба ҳар ҳол тадқиқи пурраву ҳартарафаи таърихи пайдоиши суруд кори минбаъда аст.

Аз рӯи материалҳои мавҷуда ва маъхазҳои чопшуда[56] оид ба мундариҷаи ин суруд баъзе фикру мулоҳизаҳои худро баён мекунем.

Қисми аввали суруд ҳамчун муқаддима мазмуни динӣ гирифта, оғози он аз таърифи худо ва «ҳикматҳои» ӯ шурӯъ мешавад. Қисми дуввумаш батамом аз таърифу тавсифи келину домод ва аз ифодаи шавқу шодии тӯйдорон, орзую нияти хешовандон иборат гаштааст. Ба ин хусусият соҳиб шудани сурудро Н. А. Маъсумӣ ба ақидаю ҷаҳонбинии гӯяндагон вобаста мешуморад:

«Азбаски гўяндаҳои суруди «Саломнома» ба дин бовари қатъй доштанд, дар маъракаи тўй аз нуқтаи назари «тўй—хазинаи худо» назар карда, тақдири ҷавононро бевосита ба дин вобаста медонистанд, зеро тақдири ҷавононро ба худо ҳавола кардан (дар ҷамъияти феодали.—*З. Ф.*) ҳодисаи ҷамъиятй-таърихй шуда монда буд»[97].

Гўяндагони суруд асосан занҳо буда, репертуари онҳоро хеле бой кардааст. Ба дигар сурудҳое, ки дар ин маврид хонда мешаванд, гўяндаҳо ҳамчун сурудҳои дараҷаи дуюм назар мекунанд. «Саломнома» аз занҳои синну солашон гуногун навишта шудааст. Қисми зиёди гўяндаҳо аз 50 боло ва босавод буда, гўяндагй касби асосии онҳост[98]. Онҳо матни «Саломнома»-ро асосан ба дафтарчаҳои худ бо ҳуруфи арабй навишта гирифтаанд. Сурудро қисман мардон ҳам гуфтаанд, ки онҳо дар рўзи **домодталабон** «Саломнома» мехондаанд. Нагуфта намонад, ки як нусхаи «Саломнома» маҳз ба домод бахшида шуда, матнаш аз 35 мисраъ иборат аст. Ин суруд аз деҳаи Ноҷин Ҳисор навишта шуда, гўянда-аш мард аст. Суруд дар равияи «Саломнома»-и анъанавй эҷод шуда, ғояи руҳониёнро тарғиб мекунад. Вале дар байти охирине ,ки ҳамчун хулосаи суруд омадааст, мазмуни умумй ҷамъбаст мешавад. Чунончи:

Зиндагй бе зан нашояд, ҳамчунон гар як дам аст,
Бар тааллум бар дари он олими имкон салом.[99]

Мундариҷаи вариантҳо аслан қариб як хел буда, фарқият танҳо дар ҳаҷм ва зиёд шудани миқдори бандҳо ва мисраъҳои ҷудогонаи суруд ба назар мерасад.

Р. Қодиров аз рўи се варианти ин суруд мулоҳиза ронда, фарқияти варианти онҳоро танҳо дар каму зиёд шудани миқдори мисраъҳо мебинад[100]. Дар ҳақиқат, ҳангоми муқоисаи бисёр вариантҳои суруд маълум гардид, ки ба истисноии баъзе мисраъҳо, мазмуни умумй бетағйир мемонад.

Дар асоси «Саломнома»-и анъанавй дар баъзе маҳалҳо варианти ноқиси онро сохтаанд.

Чунончи:

Келин салом мега ба ҳазрати Довуд,
Келин салом мега ба ҳазрати Фотимаю Заҳро,
Келин салом мега ба апаю хоҳари домод,
Келин салом мега ба падару модари домод,
Келин салом мега ба маҳалу маъво[101].

Ин нусхаи суруд ҳам ба мисли «Саломнома»-и анъанавй ичро мешавад. Пас аз хондани ҳар як мисраъ арўс сари худро каме ба пеш ҳам карда, таъзим медиҳад ва ишораи салом мекунад. Занҳои атрофи ў ҳама баробар «ҳазор алек», гўён чавоби саломро медиҳанд. Азбаски нусхаҳои суруди боло

дар фонди фольклор кам гирд омадааст, танҳо «Саломнома»-и анъанавиро аз назари тадқиқ мегузаронем. Ҳоло дар заҳираи дастнависҳои фольклори тоҷик 40 варианти суруди мазкур гирд омадааст, ки калонтаринаш аз 150 мисраъ иборат аст[102]. Муқоисаи варианҳо ҳаминро нишон дод, ки суруд аслан ба калами кадом як шахси босавод тааллуқ дорад, вале дар ягон нусха ном ва ё тахаллуси гўянда ё сароянда суруд дучор намешавад. Танҳо дар як-ду нусха номи гўянда Тоҷиниссо ва Маҳчурӣ зикр меёбад, ки ин номҳо ҳам ҳақиқати ҳолро муайян карда наметавонанд, зеро маъхази аслии суруд муайян нест.

Пеш аз ҳама фарқияти муҳиммии варианҳоро муайян кардан лозим аст. Ҳар як гўянда ба суруд аз нуқтаи назари ҷаҳонбинӣ ва кайфияти рухии худ муносибат мекунад. Аз ин нуқтаи назар баъзе нусхаҳои суруд тағйироти чиддиро аз сар гузаронидааст, ки дар ин хусус баъдтар таваққуф мекунем.

Мавзўъ ва мундариҷаи асосӣ кариб дар ҳаман варианҳои «Саломнома» ҳамон табрику ситоиши аҳли тўй, ифодаи шодмонӣ ва ғанимат донистани хурсандии шаби тўй қарор гирифтааст. Мардум тамоми ниятў максади худро, ки ҷавонон хушбахту хушдил ва соҳиби фарзанду давлат гарданд, чунин ифода кардаанд:

Гўянда:
Илоҳӣ, наҳли арўсон пурсамар созӣ,
Ба меҳр ҳар ду ҳамоғўши ҳамдигар созӣ,
Шавандхушдилу бо ҳам куванд дамсозӣ,
Илоҳӣ, дар дами пирӣ шаванд ҳамрозе,
Ба ошиқони илоҳӣ салом мегўем.

Ҳама:
Ҳазор алек.

Гўянда:
Ки амри ҳақ шуду ақди никоҳ ҳосил шуд,
Муроди келину домод ҷумла ҳосил шуд,
Ҷамоли дўст ба ҳар ду чӣ гуна восил шуд,
Ки душманон ҳама ғамгину дўст хушдил шуд,
Ба он ду ғавҳари якто салом мегўем.

Ҳама:
Ҳазор алек.

Гўянда:
Илоҳӣ, келину домодро саломат кун,
Сахар ба тоату рўзона бароҳат кун.
Бидеҳ ту давлати бисёр, ҳам баказзат кун,
Ҳамеша ҳар душмонро ту бофароғат кун,
Ба ҳазрати Бибизаҳро салом мегўем[103].

Ҳама:
Ҳазор алек.

Бандҳои суруд байни худ робитае пайдо карда, яке мазмуни дигареро пурра мекунанд, инкишоф медиҳанд ва вобастагии байни онҳоро ташкил медиҳанд. Ин вобастагӣ,

махсусан, дар мисраи чамъбасткунандаи хар банди суруд, ки бо ибораи «салом мегўем» ба охир мерасад, хулоса карда мешавад. Вале ин мисраи хулосакунанда баъзан мазмуни диний гирифтааст, ки ин тарзи ифодаи фикр ба акидаву чахонбинии ва шароити давру замони эчодкунандагони суруд вобаста аст. Баъзе бандхо бо мисраъхои мазмунан лирикии «Ба он ду навгули хандон салом мегўем», «Ба он ду гавхари якто салом мегўем» хулоса карда мешавад. Ин мисраъхо образи рамзии арўсро пурра мекунанд.

«Саломнома» аз чихати услубу шеърият чихатхои махсус дошта, ба шакли адабии мухаммас таълиф ёфтааст. Аз ин чихат вай аз дигар сурудхо фарк мекунад. Шакли суруд барои оханг бастан, сароидан хам мувофик омадааст. Бинобар ин «Саломнома» бо як оханги махсуси форам, ботамкин ва хеле бошукўх хонда мешавад, ки шунидани он ба кас халоват мебахшад. «Саломнома»-ро дар шахрхо аз рўи анъана асосан дар ду мавриди тўй—дар вакти ба хонаи домод кабул кардани арўс ва дар рўзи **рўйбинон (рўйкушой)** ба тарики муборакбодй мехонанд. Вале дар натичаи мушохида маълум гардид, ки дар баъзе махалхо[104] суруди мазкур на танхо дар ду, балки дар се-чор мархилаи тўй хонда мешудааст. Мавриди аввали **саломномахонй** баъди аз аспи фуровардани арўс шурўъ мешавад. Арўсро аз гирди гулхани рўи хавлй се маротиба давр мезанонанд. Дар ин хангом ду янга (зани додар) арўсро дар мобайни гирифта, аз ду пахлўяш рост менстанд. **Саломномахон** дар пеш, аз ду тарафаш ду зани шамъдор савлат карда кадам мезананд. Занхои дигар бошанд, аз кафо бо як ғулғулаи махсус равон мешаванд. Хамин ки **гўянда** як банди сурудро ба ифодаи «салом мегўем» ба охир расонид, хама баробар дар чавоби салом «хазор алек», мегўянд. Харчанд ин ибора он кадар шакл нагирифтааст, вале дар матн вазифаи накаротро адо мекунад. Занон сурудхонон арўсро то зери чодари арўс **(чимилик)** мебаранд. Ин манзара пуртантана ва бо шодиву сурур мегузарад. Чунон ки зикраш гузашт, **саломномахонхо** дар байни халк хамчун гўяндаи касбй ном бароварда, онхо дар тўй факат вазифаи хонандагиро адо мекунанд. Тўеро, ки бе саломномахонй мегузарад, мардуми шахрхо тўи дуруст хисоб намекунанд. Инчунин занони мехмон ба махорату овози хушн хонандахои суруд дикката махсус медиханд. Хатто сароядахои хушовозро аз дехахои дурдаст ва гохо аз шахрхои дигар ба тўй даъват менамоянд.

Ичрокунандагони суруди «Саломнома»-ро дар Ленинобод биотун **(бибиотун)**, дар Самарканд **бехалфа** (бибихалифа) ва дар Бухоро **оймулло** (оямулло) меноманд. Бояд гуфт,

ки баъзе сарояндаҳо аксар қисми динии сурудро, ки хеле дароз ва дилгиркунанда аст, партофта, аз он чое, ки сухан дар бораи васфи арӯсу домод ва баёни шодмонӣ меравад, интихоб намуда мехонанд. Ин интихобкунӣ як андоза матни аслиро ноқис ва мазмуни сурудро халалдор ҳам мекунад. Баъзан гӯяндаҳо дар натичаи камсаводӣ матни аслиро хато ҳам кӯчонда мегиранд. Масалан, ба ҷои калимаи «машом», «башом», ба ҷои «лиқо» «ниқо» во мехӯранд. Гоҳо дар суруд навоварихои сарояндахоро дидан мумкин аст. Чунончӣ, Сафарова Робия дар матни «Саломнома» ба ҷои калимаи «подшоҳ»—«ҳукумати советӣ» ба ҷои «устоз» «муаллим» ба кор бурдааст. Ин эҷодкории ӯ дар суруд мазмуни нав дохил намуда, ҳаёти нав, зиндагонии осоиштаи замони советӣ ва адолати мамлакати моро таронаҳум сохтааст:

Илоҳӣ, ҳазрати султони[105] мо саломат кун,
Ки эй совет, ба халқи мо адолат кун,
Тамоми бевазо бечораро ту бофарогат кун,
Ки ба фазилату тавфиқи ӯ каромат кун,
Ба ин совети бақиммат салом мегӯем[106].

Дар ҳар банди суруд сифатҳои неки арӯсу домод таъкид ёфта, диққати асосӣ ба амалӣ гаштани орзую ҳавас ва меҳру муҳаббати мардум нигаронида шудааст. Орзуи ишқи поки мисли Вомиқу Узрои афсонавӣ ширин, ки онҳо танҳо ба хотири ишқ зиста буданд, ба мисраъҳои зерин ин тавр аксандоз гардидааст:

Саломномахон:
Илоҳӣ, сабзу мунаввар шаванд ин ҳар ду,
Мисоли Вомиқу Узро шаванд ин ҳар ду,
Ситорахои мувофиқ шаванд ки ҳар ду,
Давом башираю шарбат шаванд ин ҳар ду,
Ба хаққи меҳри покашон салом мегӯем.

Ҳама:
Ҳазор алек[107].

Азбаски сабабгори асосии ин ҳама тӯю сур арӯсу домоданд, ба хотири онҳо мардум ҳар чӣ, ки аз дасташон ояд, ичро мекунанд, ва агар имконпазир бошад, бо накли орзую ҳаваси дил қаноат накарда, ба ояндаи неки онҳо умед мебанданд. Ҳамон орзуҳо дар бандҳои зерин акс ёфтаанд:

Оямулло:
Илоҳӣ, чумла муроди ҳама муяссар кун,
Ба лутфу марҳаматат чумларо баробар кун,
Насиби келину домод ширу шаккар кун,
Машоми ҳардуяшон доимо муаттар кун,
Ки субҳу шом давомат салом мегӯем.

Ҳама: Ҳазор алек.

Оямулло:
Ки ҳозиранд ба ин тӯй чумла пиру ҷавон,
Дуои хайр кунандаш ба хаққи ин даврон,
Шудаст аз сабаби ин ду хона маҳтобон,
Кунанд шодии бисьёр ин ду гулрӯён,
Ба ҳизмати муаллимон салом мегӯем.

Ҳама: Ҳазор алек[108].

Аз рӯи анъанаи халқи тоҷик, дар рӯзҳои аввали тӯй арӯс ба ҷои салом ду даст пеши бар гирифта, бо адаб таъзим медиҳад. Чунин марҳилаи хурсандибахш мазмуни як банди сурудро ташкил кардааст:

Оямулло:
Падарарӯс, чу модарарӯсро таъзим,
Амакарӯс, чу додарарӯсро таъзим,
Тағошшу ҳама хоҳаронро таъзим,
Ки аммаю холаи арӯсро таъзим,
Ба хизмати ҳама хешон салом мегӯем.
Ҳама: Ҳазор алек[109].

Чунон ки дида мешавад, «Саломнома» дар баробари офаридани образи рамзии арӯсу домод барои эҷоди образҳои дигар низ материали зиёде медиҳад. Дар ин суруд аз рӯи анъана ба ҳаман аҳли онлан ҷавонон, хешу табор салом гуфта, махсусан идеали падарарӯсу модарарӯс, ки дар онла шахсони мӯътабаранд, баланд бардошта мешавад.

Дар суруд тасвири сурати ҳакикии модарарӯс чун шахси мехрубону тарбиятгар дар маркази диққат қарор гирифтааст. Вале ин сурати мукаррарӣ набуда, балки бисёр нишонаҳои неки инсонӣ дар замири ӯ ҷамъбаст шудааст:

Саломномахон: Волидаҳо, ки духтарро ба оғӯш парваранд,
Шоҳем, мукаррар ба домод парваранд,
Дар меҳрубонӣ чу гулу булбул баробаранд,
Ба молу ҷон нисор намудан мукаррарянд,
Ба офатпаноҳи ҳазрати Тоҷинисо салом мегӯем.
Ҳама: Ҳазор алек[110].

Чунон ки гуфтем, дар тартиб ва ташкилу ғизаронидани маъракаи тӯй роли хешовандон, **кайвониён** хурд нест. Аз ин рӯ дар «Саломнома» номи онҳо ҳамчун «чаманзори аҳли тӯй» бо эҳтиром зикр ёфтааст:

Бошад, ки ҳак диҳад ҳама халқро мурод,
Гардад ба ин бахона дили дӯстон шод,
Ҳар рӯз завқу шавқи чаҳон бод барзиёд,
Ба дӯстони шонри Маҳчурӣ ёд бод,
Ба чамни пиру ҷавонон салом мегӯем.
Ҳама: Ҳазор алек[111].

Тасвири шарофату шукӯҳи шаби тӯй дар суруд бо мисран «Аз шарофати тӯй имшаб чаҳон пурнур аст» хулоса карда мешавад.

Дар бандҳои хотимавии суруд бо рухсати соҳибтӯй **кудоён** арзи дил гуфта, ба чо овардани иззату эҳтироми ҳамдигарро таъкидан хотирнишон кардаанд:

Кунанд рухсату мо ҳам кунем мухтасар салом,
Ки арзи мо шунавед, эй худои ҳушиятъом,
Кунед келину домодро иззату икром,
Баобрӯй шаванд, доимо, ҳамеша, мудом,
Ба он худои баҳиммат салом мегӯем[112].

Суруди дигаре, ки онро низ табрики гуфтан мумкин аст, «Улан» («Ёр-ёр») ном дошта, матнаш ӯзбекист[113],

Чунон ки дар аввали ин боб хотиришон кардем, ҳангоми **домодбарӣ**, қабули арӯс дар хонаи домод дар Тоҷикистони ҷанубӣ сурудҳои табрикии «Шоҳ муборак бод» хонда мешавад. Ин суруд дар асоси нақароти «Тӯй муборак бод» ва рубоиҳои халқӣ шакл мегирад. Р. Амонов ҳаман нақаротҳоро ба ду навъ ҷудо карда, навъи якумашро нақаротҳои сайёр меномад ва ин тавр шарҳ медиҳад: «Онҳо (нақаротҳо.— *З. Ф.*) **бо вуҷуди ба матн бевосита алоқа надоштани** худ асоси суруданд ва аксаран ба миён омадани суруд, ташкил шудани он ва ҳатто номи он ба ин хел нақаротҳо вобаста мешавад...»[114]. Сурудҳои тӯй як ҷузъи ин навъ сурудҳо хисоб ёфта, рубоиҳо вобаста ба завқи ҳофизон интихоб мешаванд. Онҳо рубоиҳоро мувофиқи мазмуни нақарот истифода мебаранд. Нақароти ин гурӯҳи сурудҳоро асоси матн шуморидан мумкин аст, зеро чунонки В. М. Сидельников қайд мекунад, «дар замонҳои қадим, вақте ки бисьёр сурудҳо аз нидою хитоби такрорьёбанда иборат буданд, нақарот дар айни замон вазифаи матнро ҳам адо менамуд. Минбаъд, бо мурури инкишофи матни суруд нақарот шакли махсусро соҳиб шуда, дар матн чӣ аз ҷиҳати маъно ва чӣ аз ҷиҳати вазн хизмати муҳимеро ба зимман худ мегирад»[115]. Хизмати нақарот дар ин гурӯҳи сурудҳо хеле калон аст. Ҳатто мазмуни баъзе нақаротҳо батамом аз табрику изҳори шодмонӣ иборат шудаанд. Ҳамчун:

Мо ба ин хона ба шод омадаем,
Шод бошед, ки ба салом омадаем.

Нақароти ин гурӯҳи сурудҳо миқдоран зиёд, вале мазмунан ба ҳам наздик буда, танҳо шаклашон аз ҳамдигар фарқ мекунад.

Аз ин рӯ, нақаротҳо ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд:

I. Нақаротҳое, ки бо номи **шоҳ** ва **тӯй** алоқаманд гаштаанд, ҳар кадоми онҳо чор, панҷ варнант доранд. Чунончӣ:

Шаҳ муборак бод,
Худо муродша дод.

Подшо саломат бод,
Подшо муборак бод.

Шаҳ муборак бод,
Ал муборак бод.

Ал муборак бод,
Тӯй муборак бод.
Шаҳ муборак бод,
Тӯй муборак бод,
Тӯй муборак бод,
Тӯй саломат бод.
Шаҳа овардем,
Долара овардем.

II. Нақаротҳое, ки ҳиссиёти шодии тӯйдоронро ифода кардаанд:

Шаҳи шабҳоз, чӯраме,
Ҳокими Дарвоз, чӯраме.
Шаҳи мано, мири ман,
Ман бо ту чавлон кунам.
Шаҳи мо дар сафар аст,
Болои тахти зар аст.
Шаҳи зарнумол, чашмонат хумор,
Мо орзу дорем, шаҳ биёяд савор.
Мо ба ин хона ба шод омадаем,
Шод бошед, ки ба салом омадаем.
Хуш омадӣ ёре, меҳмони мо,
Бар дидаву чоне, меҳмони мо.

Аз ин нақаротҳо баъзеашон дар асари М. С. Андреев «Тоҷикони водии Хуф»[116], «Лирика»-и Р. Амонов[117] ва «Рубоиёт ва сурудхои Бадахшон»[118] зикр ёфтаанд. Аз нақаротҳо чунин чиз ба назар мерасад, ки онхо дар баробари шодиовар будан, дар масъалаи инъикоси баъзе анъанахои халқӣ (ҳамчун, савори тахти зар рафтани домод) хизмат кардаанд. Аз ин рӯ, сурудхо хусусияти таърихӣ-этнографӣ пайдо мекунанд. Ин хусусият ба муҳити зиндагӣ ва мундаричаи тӯй алоқаманд будани сурудхоро боз як бори дигар нишон медиҳад. Суруди табрикии «Шаҳ муборак бод» ба таври зерин ичро карда мешавад.

Вақте ки домодро ба аспи зинатдода савор карданд, аз ду паҳлӯи домоди асписавор, гоҳо пиёда ҳам мераванд (чӯрахо) **шаҳмардон,** пеш-пеш **хофизон,** аз қафои онҳо гурӯҳи бачагон сурудхонон ба сӯи хонаи арӯс равон мешаванд. Мувофики анъана, сурудро дар ҳар маҳал, албатта, бо ягон асбоби мусиқӣ, ҳамчун табл, донра, сурнаю карнай, нағора ичро мекунанд. Хусусан, донра (даф) асбобест, ки бештар ба суруд ҳамоҳанг шуда, дили раққосонро ба вачд меорад. Манзараи **шаҳбарӣ** тамошобинони зиёде дорад. Агар рохи хонаи арӯс дуртар воқеъ гашта бошад, то он ҷо савора рафта, дар назди дари ҳавлии арӯс соатхои дароз суруд мехонанд, мераксанд ва **шахро** муборакбод мекунанд.

Чӯраҳои домод баъзан суръати сурудхоиро андаке сусттар ва оҳанги хоништро дигар мекунанд. Дар ин маврид садои донра баланд шуда, ракс авҷ мегирад. Дар Ҳисор дар ин маврид сурудро бештар бо нақароти зерин ичро мекунанд:

Акаи тӯйдор, давлат ба сарат.
Садубистсола шавад гулисарат.

Аз рӯи гуфти Н. А. Маъсумӣ, ин суруд дар хатнасур хонда мешавад[119]. Дар Ҳисору Варзоб суруди «Шоҳ омад»-ро низ ҳангоми табрику пешвозгирии **шоҳ**—домод мехонанд:

Сарбайтхон: Шоҳ омаде, моҳ омад,
Эй моҳи рафта боз омад.
Ал муборак боде,
Хама: Тӯй муборак бод.
Сарбайтхон: Ой, ман омадаям ба дидани чонона,

Ал муборак боде.

Ҳама: Тӯй муборак бод.
Сарбайтхон: Ой, садбарги сафеди ман, буро ай хона.
Ал муборак боде,

Ҳама: Тӯй муборак бод.
Сарбайтхон: Ой, садбарги сафеди ман, буро, рухсат гир.
Ҳама: Ал муборак боде,
Тӯй муборак бод.
Сарбайтхон: Ой, боз омадани маро худо медона.
Ал муборак боде,
Ҳама: Тӯй муборак бод...[120]

Дар Помир ва деҳаҳои атрофи он ҳангоми сафари домод суруди «Шоҳи мо меравад, подшоҳи мо меравад»-ро меҳонанд[121]. Дар Кӯлоб, ҳамин ки домодро ба аспи ородода савор карданд, шаҳмардон суруди «Шаҳи мано, мири ман»-ро хонда, ӯро бо ин ҳашамати шоҳӣ муборакбод менамоянд. Суруд бо рубоиҳои халкӣ ва нақароти зерин шакл мегирад:

Шаҳи мано, мири ман,
Ман ба ту чавлон кунам.

Ҳангоми хондани сурудҳои муборакбодӣ дар баъзе маҳалҳо шаҳмардон ҳар гуна навоварӣ мекунанд. Масалан, суруди «Шаҳ муборак бод»-ро дар Ҳисор бо оҳанги махсус хонда, мисраъҳоро дароз талаффуз мекунанд. Ҳофизон дар охири мисраъҳо ниҳоя овозҳои зиёдатӣ илова намуда, вазну оҳанги сурудро дигаргун мегардонанд: Чунончи:

Сарбайтхон: Чашмам снёҳӣ мекунад, эй вой,
Ҳама: Шаҳ моборак бод-е-е.
Сарбайтхон: Бар ман нигоҳе мекунад, эй вой,
Ҳама: Шаҳ моборак бод-е-е.
Сарбайтхон: Сандо, саодои мо шавад, эй вой,
Ҳама: Шаҳ моборак бод-е-е.
Сарбайтхон: Рӯи раҳиб снёҳ шавад, эй вой,
Ҳама: Шаҳ моборак бод-е-е[122].

Чунин тарзи хониш дар Дарвоз ҳам вомехӯрад. Дар Дарвоз ҳангоми домодбарӣ бо нақароти мазкур суруди дигаре хеле дилчасп ва оҳангдор хонда мешавад. Дар ичрои суруд ду шахс иштирок доранд, ки онҳоро **хофизон (қӯшиқгир)** ва **саргӯянда (саровоз)** меноманд. Нақароти сурудро **кушуқгир** ва сарбайтро саровоз мехонад. Дар мисраъҳои суруд лавҳаи бо либосҳои наву зебо аспсавор рафтани домод тасвир ёфтааст:

Шоҳи озодакабоё,
Аспаки давандпоё[123].

Унсурҳои чудогонаи пейзаж барои ифодаи зебоӣ ва раъноии арӯс истифода бурда мешавад. Манзараи дар айёми баҳорон сабзу хуррам нашъунамо кардани пудинаи лаби

чўй барои ба вучуд омадани образи рамзии арўс—нигори нозанини хизмат кардааст. Ин чо хулбў рамзи арўс аст, вакшу нигори хона рамзи зебоии ў карор гирифтааст. Ин дубайтиро хоҳари арўс ҳангоми бо хонаи домод табрику пазирой кардан хонда, хулбуи худ—хоҳари наварўсашро ба иктиёри онхо месупорад:

Эй бибизанон, мо нигор овардем,
Хулбўи лаби чўй баҳор овардем.
Накқош будем, хона пури накш бастем,
Дар хонаи пурнакш нигор овардем[124]

Дар мисоли боло унсурхои портрет ва манзара байни худ алоқаманд шуда, яке дигареро такмил ва пурра кардаанд. Ба ҳамин тариқ тасвири манзараи рох, кўху кўтал ва дигар унсурхои мухити зиндагии хар як маҳал дар бисьёр сурудхо мавқеъ пайдо кардааст, ки мисоли онхо дар сахнахои боло зикр ёфтаанд.

Баъзан дар тўйхои Дарвоз порчахои шеърии шоирони классикиро ҳам мехонанд. Масалан, шеъри Ахмади Ҷомиро, ки матлааш чунин аст, ҳангоми **шаҳбарй** мехонанд:

Шоҳи ман мастии хумор аст, муборак бошад,
Мавсими бўсу канор аст, муборак бошад[125].

Ин байт аз киссаи «Сабзпарй ва Зардпарй» буда, ба муносибати соҳиби фарзанд гардидани шоҳ ба тариқи муборакбодй гуфта шудааст. Вале мардум онро ҳамчун накароти суруди тўй ичро мекунанд. Ғайр аз ин, чанд ғазал ва дубайтихои шоирони классикиро низ дар тўй мехонанд, ки омўзиши ҳартарафан ин масъала тадқиқоти алохидаро талаб мекунад.

Ҳамдигарро муборакбодй кардани тўйдорон дар Фориш бо байти зерин оғоз меёбад, ки дар он муносибати одамон ба ҳамдигар ҳамчун нишонаи ахлоки хуби инсонй ифода ёфтааст:

Хуш омадед, кудоён,
Иззат ёбед аз моён.

Орзуи фарзанддор шуданро барои арўсу домод модарон аз рўзхои аввали тўй хотиррасон карда меистанд. Ба ин маънй тўйдорон аввал бо хонаву чой, онгоҳ нав такрор ба такрор табрик гуфта, шодии дили худро дар сурудхо ин тавр ифода кардаанд:

Муборак шавад хонет,
Пур шавад тухми донет.
Ту будй додарчонаме,
Хар суханат бар чонам[126].

Чунон ки Н. П. Колпакова қайд мекунад, дар сурудхои тўи халки рус ҳам фарзанди бисьёр орзу кардан яке аз мавзўъхои муҳим ба шумор меравад ва он дар сурудхо муттасил хотиришон карда мешавад[127]. Мисолхои боло шаходат

медиҳанд, ки орзуи соҳиби фарзанд шудан яке аз мавзўъҳои марказй ва мустақили сурудҳои тўи тоҷикон ба шумор рафта, дар ҳар як суруд, хоҳ вай ҳачмаи калон бошад, хоҳ хурд, дар хусуси фарзанди бисёр доштани ҷавонон ишорае карда мешавад. Ҳатто мардум барои пуркувват намудани чунин орзу ҳангоми ичрои баъзе одатҳои анъанавй рамзҳои гуногунро ба кор мебаранд. Масалан, ба бағали наварўс кўдаки хурдсолро медиҳанд, ба доманаш дах дона тухм мерезанд, донаи гандум мепошанд, барои кушодани рўи ў навдаи дарахти мевадорро истифода мебаранд ва ғайра. Ҳаман ин чизҳо ҳамчун нишонаи пурсамар гардидани ниҳоли умри ҷавонии арўсу домод ба ичро мерасанд.

Чунонки зикраш гузашт, аз чиҳати пуробуранги ва услуби бадеи сурудҳои тўй ҷолиби диққатанд, зеро бадеияти баланд яке аз хусусиятҳои муҳими онҳост[128]. Бо тантана ва ба таври романтикй тасвиру тавсиф карда шудани ҳусну латофат ва хулқу одоби арўсу домод махсусан дар «Саломнома» такрор ба такрор таъкид меёбад. Дар натиҷаи аз ҳад зиёд идеализация шудани образҳои мазкур дар суруд аз воситаҳои тасвир муболиға зиёдтар зухур кардааст. «Ба ҳукми қабзаи ў кун тамоми рўи ҷаҳон»,—гуфта мешавад дар як банди суруд. Чунин хитобҳо дар сурудн мазкур ҳодисаи ғайри табий аст. Гоҳо ба домод номи султон дода мешавад. Ў метавонад, тамоми рўи ҷаҳонро дар қабзаи худ нигоҳ дорад.

Ибораҳои «гули бехор», «навгули хандон», «гавҳари якто», ки дар ҳар як банди суруд ҳамчун ифодаи хулосакунанда такрор меёбанд, ишора ба образи рамзии арўсу домод буда, истиораи таркибй шуда омадаанд. Дар мисоли зерин домоду арўс ба ширу шакар, ситораҳои муҳаббат ташбеҳ дода шудаанд:

Мисоли шаккару ширин шаванд келину домод,
Ситораҳои муҳаббат шаванд келину домод.
Мисоли Вомику Узро шаванд келину домод,
Ҳамеша бандзату ҳурмат шаванд келину домод.
Ба ин ду гавҳари якто салом мегўем[129].

Чунон ки гуфтем, дар «Саломнома» мавқеи ташбеҳ ва истиора калон аст, зеро барои тасвири зебоии арўсу домод зарурати онҳоро ба чизҳои хубу сара монанд кардан ба миён омадааст. Санъатҳои бадеие, ки дар суруд ҷой доранд, барои таъсирнок ва пурҳаячон шудани тасвир хизмат кардаанд.

Як силсила сурудҳоеро, ки бо радифи «хуш омадед» сурат гирифтаанд, аз рўи шакл ва мазмун табрикй ва ҳам тавсифй номидан мумкин аст. Суруде, ки онро дар Ҳисор ҳангоми **муборакбодй ва келиншиноӣ** модарон мехонанд, маҳз ҳамин хусусиятро дорост. Дар суруд на фақат тавсифи сурати зоҳирии арўс роли асосй бозидааст, балки дар он

хушдоман хусусиятҳои хубу сараи наварӯси худро баён карда истода, чизу чораи дар бисоташ бударо ба ӯ мебахшад ва ӯро бо хонаву манзили нав табрик мекунад:

Хуш омадӣ, келинбиби,
Мурғи ба чӯча метиям,
Хуш омадӣ, келинбиби,
Аспи ба курра метиям,
Хуш омадӣ, келинбиби,
Модгови ба гӯсола метиям.
Хуш омадӣ, келинбиби,
Осиёи боло метиям,
Хуш омадӣ, келинбиби,
Чуволи арзан метиям.
Хуш омадӣ, келинбиби,
Хонаи пурам келин,
Қувати дилам келин[130].

Дар охир модаршӯй арӯсашро ба қанду шакар монанд карда, бо эҳтиром чунин мисраъҳоро ба забон мебарад:

Таксимиба қанду шакар,
Келинонм тӯчаки сар.

Дар як варианти суруди «Хуш омадед» арӯс рамзан ба кабки хиромон ташбеҳ карда мешавад. Вай бо кокулони парешон рух намоён мекунад. Ин ҷо нишонаҳои портрет бо ёрии истнора шакл гирифтааст. Сурудро занон ҳамчун фуроварди «Саломнома» ҳангоми табрики арӯс мехонанд:

Эй кабки хиромон, чу ҷонон хуш омадед.
Кокул ба дӯш карда парешон, хуш омадед,
Бо ёрии худ рафиқ кунад туро мудом,
Умре ба айшу иззату даврон, хуш омадед.
Эй гулбадан, тамоми назокат дар ин баҳор,
Дар бӯстони айш ҳазорон хуш омадед.
Тартиби хона мекунам аз баҳри мақдамат,
Ташриф кун ба ноз меҳмон, хуш омадед[131].

Яке аз хусусиятҳои ачиби сурудҳои табрикӣ аз он иборат аст, ки дар онҳо ҳам мазмуни муборакбодӣ, ҳам тавсифӣ, ҳам ҳисси шодӣ ба ҳам омехта акс ёфтаанд. Махсусан дар «Саломнома» мазмунҳо омехта шудаанд. Аз ин рӯ ин сурудро табрикӣ-тавсифӣ метавон номид.

Лаҳзаи **мухаммасхонии** занон низ аз изҳори шодӣ ва табрику муборакбодӣ сар мешавад. Эҳсосоти шодӣ бо суханҳои пуробуранги **«лолаузор», «ахтари шаби тор»** пурра карда мешавад:

Ахтарони шаби тор аст, муборак бошад,
Даст бар гардани ёр аст, муборак бошад,
Нисбатат[132] лолаузор аст, муборак бошад,
Маҳали бӯсу канор аст, муборак бошад![133]

Дар порчаи зерин арӯсро рамзан ба «химчаи ларзон», «офтобталъати хубон», «марғулазулфу каҷкулоҳ» ва мижгони ӯро ба ханҷар ташбеҳ додаанд. Чунин тарзи тасвир, чун гурӯҳи сурудҳои чудой ва фироқ, тантанавӣ, ба ин гурӯҳи сурудҳо низ хос аст:

Эй навниҳоли хиромон лаҳзаи, хуш омадӣ.
Эй офтобталъати хубон, хуш омадед.
Марғулазулфу қачкулаҳу пурғазаб нигоҳ,
Яъне калида ҳавҷари миҳгони, хуш омадед[134].

Чунон ки зикр ёфт, дар **сурудҳои табрикӣ** низ домод ба ифодаи эҳтиромӣ **«шоҳ», «султон», «мир»** ва арӯс **«бегим», «моҳ», «нигор»** номида мешаванд. Ин гуна тавсифҳои романтикӣ мисраъҳои сурудхоро тантанаомез мекунанд, ки аз ин ҷиҳат баъзе аз сурудҳои ин гурӯҳро табрикӣ-тантанавӣ ҳам номидан мумкин аст. Чунин тарзи тасвир ба услуби шеъри китобӣ хос аст. Ҳаман он нозукбаёнӣ ва суханпардозиҳое, ки махсуси ин гурӯҳи сурудҳост, нишонаҳои услуби шеъри хатгӣ буда, қисман ба сурудҳои халқӣ дохил шудаанд. Ин тарзи тасвир дар сурудҳои халқӣ шакли боз ҳам заботару дилкаштареро ба худ гирифта, тасвирҳо ҳаётӣ шудаанд.

Дар қатори табрику таҳният дар бисьёр сурудҳо мардум аз шавқу шодӣ ба ваҷд омада, ба таърифу тавсифи сабабгорони тӯй мегузаранд. Чунин мазмунро дар нақаротҳои «Шоҳи мо омад, Подшоҳи мо омад», «Хуш омадед ёре, меҳмони мо» дидан мумкин аст. Вале аз рӯи вазифа ин мавзӯъ ба сурудҳои тавсифӣ хос аст.

СУРУДҲОИ ТАВСИФӢ

Дар баробари хурсандибахш будани мазмун, дар бисьёр сурудҳо хислат, кирдор ва характеру рафтори арӯсу домод тасвир ёфтаанд. Дар натиҷаи гаштаю баргашта таъриф кардани арӯсу домод мазмуни як гурӯҳ сурудхо аз се ҷиҳат тавсифӣ шудаанд:

1. Чунон ки маълум аст, дар васфу тараннуми ҳусну зебой, хулку атвор ва сирату тинати духтарон чӣ дар адабиёти китоби ва чӣ эҷодиёти бадеии халқ асарҳои зиёде иншо шуда, писанди хотири халқ гаштаанд. Суруди «Таърифи духтар»[135], ки мундариҷа ва тарзи тасвир дар он бо равияю услуби адабиёти хаттӣ шакл гирифтааст, маҳз дар тавсифи духтарон—арӯсон гуфта шуда, онро занон дар тӯйҳои Бухорову Самарқанд ҳангоми табрику пазироии арӯс мехонанд[136]. Тарзи ичрои суруд ба тариқи зайл мегузарад. Гӯяндазан пас аз ба охир расидани матни «Саломнома» ба таърифи арӯс шурӯъ мекунад. Вай матни сурудро азьёд ва гоҳо аз рӯи дафтарчааш мехонад. Дар вақти ичрои суруд ҳеҷ гуна асбоби мусиқӣ ба кор бурда намешавад, вале ҳамин ки гӯянда онро бо як оҳанги ҷарангосии форами халқӣ хонд, шунавандагон аз ҳар сӯ бо нидо ва овозҳои шодиомез ба сарояндаи суруд офаринҳо мегӯянд. Дар суруд латофату зебой, ақлу заковати расо, қаду қомати мавзуни арӯс-дух-

тар чунон ситоиш меёбад, ки ҳатто банди дуюми он бо мисраи «Ки знёдаст зи сад лаъли Бадахшон духтар» ҳулоса карда мешавад. Чунончӣ:

Ҳаст дар боғи латофат **гули ҳандон** духтар,
Ҳаст дар авҷи фалак чун **маҳи тобон** духтар,
Роҳати ҷону дилу **қувати имон** духтар,
Дар **садопардаи исмат** шуда пинҳон духтар,
Беҳтар аз **мамлакати мулки Сулаймон** духтар,
Бувад аз **сарву санавбар** кадаш **мавзунаш** беҳ,
Бошад аз **чашмаи Кавсар** лабаш **майгунаш** беҳ,
Дар гиёлои ниҳоли **наргиси мастонаш** беҳ,
Аз гули сурх ба дидан **рухи гулгунаш** беҳ,
Ки знёдаст зи сад **лаъли Бадахшон** духтар[137].

Дар давоми суруд духтар боз ҳам знёдтар васф мешавад ва мазмуни ранги ичтимоӣ мегирад. «Духтари хуб ба ҳар банда муяссар нашавад», — таъкид карда мешавад ва гирифтани духтари **нағз** мисли аз қаъри дарьё берун овардани донаи гавҳар душвор ва меҳнатталаб аст, зеро аз рӯи ақидаи шоир:

Духтари хуб ба ҳар банда муяссар нашавад,
То ки берун зи садаф донаи гавҳар нашавад,
Дидани рӯи хубаш безору зевар нашавад,
Мохрӯе набувад, хона мунаввар нашавад,
Дар шаби тор бувад шамъи **шабистон духтар**[138].

Ҳарчанд мазмуни суруд тавсифист, вале дар бобати тасвири ишқу муҳаббат дорои мундариҷаи баланд аст. Дар суруд фикрҳои пуркимати ахлоқӣ, тарбиявӣ дар зери пардаи ишқ дода шудааст. Аз ин ҷиҳат мундариҷаи он аз дигар сурудҳои халқӣ фарқ мекунад.

Натиҷаи идеализация шудани образи духтар ва мавзӯи ситоиш қарор гирифтани он бештар ба услуби суруд вобаста аст, зеро ин тарзи тасвир хоси сабки адабиёти классикӣ буда, ин услубро дар сурудҳои халқӣ ниҳоят кам дучор мешавем. Дар сурудҳои халқӣ ба ҷои тасвирҳои пурдабдаба, ҳодисаҳои ҳаётӣ ифода меёбанд, ки мисоли онро дар поёнтар хоҳем дид.

Вариантҳои нисбатан мукаммали суруди «Таърифи духтар» аз Бухорову Самарқанд навишта шудаанд. Дар як нусхаи Бухоро ном ё тахаллуси шоир Нусрат[139] зикр ёфтааст. Аз эҳтимол дур нест, ки эҷодкунандаи суруд Нусрат ном шоир бошад, вале ҳоли ҳозир он моли халқ, яъне суруди тӯй гаштааст. Аз баъзе вариантҳои суруд чунин ҳолат ба назар мерасад, ки исми Нусрат, мумкин аст, тасодуфӣ бошад, зеро дар баъзе нусхаҳо гӯяндаҳо дар охири суруд номи худро зикр намуда асли масъаларо мураккаб намудаанд. Дар натиҷа масъалаи муаллифдор будани суруд шубҳанок шуда мемонад. Чунончӣ, дар як вариант исми «Мулло» зикр ёфтааст, ки ин тахаллуси гӯяндазан Икромова мебошад. Чунин

ҳодисаро дар бисьёр асарҳои китобие, ки ҳукуки халқи пайдо кардаанд, дидан мумкин аст. Ба ҳар ҳол суруди «Таърифи духтар»-ро шахси босавод дар қолаби муайяни шеъри иншо кардааст. Варианти калонтарини суруд бист банд—сад мисраъ аст. Бандҳо аз чор мисраи қофиядор ва як мисраи озод иборат буда, дар шакли мухаммас гуфта шудаанд. Сурудро танҳо танҳо мехонанд ва як қисми репертуари онҳоро пас аз «Саломнома» ҳамин суруд ташкил мекунад.

Дар суруди «Таърифи духтар» мавқеи санъати ташбеҳ ва тавсиф калон аст. Барои пурқувват шудани образи рамзии духтар ҳуснаш ба **гулу мох,** қадаш ба **сарву санавбар** монанд карда шудааст. Дар таркиби иборахои «гули хандон», «моҳи тобон» ҳам тавсиф ва ҳам ташбеҳ ҳаст, ки дар натичаи зикр кардани нишонаҳои ҳуси ва қад фикр равшан гардида, портрети духтари зебои хушқадду қомате ба назар мерасад. Қадди ӯ «мавзун», лабаш «майгун», рухаш «гулгун» аст, ки кас дидани чунин духтарро ҳавас мекунад. Дар ин суруд низ тасвири романтикӣ ба кор рафтааст.

2. Дар як қисми сурудҳо хислату сифати духтар на ҳамчун образи бадеӣ, балки чиҳатҳои муқаррарии шармгинии, мехрубонии ӯ зикр ёфта, он бо ифода ва таъбирҳои халқ аз забони модарон шакл гирифтааст. Модарон ҳатто аз хурдсолӣ ҳангоми навозиши кӯдаҳ ҳамаи орзую нияти ояндаи худро ба воситаи мисраъҳои тасаллобахш чунин изҳор мекунанд:

Духтарум хуб духтар ай,
Ай барги гул нозуктар ай.

Ба воситаи ин гуна суханҳои навозишӣ сифатҳои фарзандои нарму ширин баён мешавад. Аз ин рӯ, як гурӯҳ сурудҳо ба мавзӯи сурудҳои бачагона монандие пайдо карда зимнан эҳсоси дили модаронро акс кунонидаанд. Дар суруди зерин орзую омоли халқ дар бораи тақдири духтарон ифода ёфтааст:

Духтар дорам чӣ реза,
Қасро бинад гуреза.
Ба раи дураш натед,
Ба марди пираш натед.
Раяки[140] дур печон аст,
Мардаки пир гиччон аст.
Дар бакқолбача тед, ки
Қанду қурс арзон аст[141].

Дар панҷ варианти суруди мазкур мавзӯи тавсифи духтарон ва хоҳишу кӯшиши модарон дар маркази диққат қарор гирифтааст.

Дар суруди зерин максад аз таърифи духтар нияту орзуи модар ифода ёфта, сифати зоҳирӣ ва ботинии ӯ хотиринишон карда мешавад:

Духтар дорум ҳукутӣ,
Лави чува кукутӣ[142].
Духтар дорум ҳудина,
Лави чува пудина.
Ба як ҳазор наметум,
Ба ду ҳазор наметум,
Ба раҳи дур наметум,
Ба марди пир наметум[143].

Дар ин суруд калимаҳои «ҳукутӣ», «кукутӣ», «ҳудина», «пудина» қофия шуда омада, барои равшан кардани образи рамзии тавсифии духтар ба кор рафтаанд. Дар вариантҳои он дар баробари тавсифу таъкиди арзиши духтар, чеҳраю андоми ӯ мавриди тасвир қарор гирифтааст. Кас дар суруд сурати муайяни духтари зебоеро, ки дар рӯи хона рост истода мӯй шона мекунад, пеши назар меорад. Дар суруд нишонаҳои портрет ба назар мерасад. Инчунин модар барои баланд бардоштани қадру эътибори духтар ӯро чунон васф кардааст, ки як худи лабу даҳонаш ба баҳои сад духтар меарзад:

Духтар ба рӯи хона,
Зулфоя задай шона.
Духтар ҳудуш як духтар,
Чашму қошуш сад духтар,
Духтар ҳудуш нигор ай,
Сохиби ҳаждаҳ ҳазор ай.
Духтар ҳудаш як духтар,
Лабаки даханаш сад духтар[144].

Суруди «Келиншиноӣ» ба хусусияти дигаре сохиб шудааст. Мазмун ва тарзи ичрои он ҷолиби диққат аст. Ҳамин ки арӯсро ба хонаи домод оварданд, вай, чунон ки қайд шуд, барои ба ҷо овардани эҳтиромии наздикони домод ва меҳмонон муддате рост менистад. Барои ба нишастан таклиф намудани ӯ модар ё хоҳари домод, албатта бо суханҳои образнок, бештар бо суруд муроҷиат менамояд. Суруди «Келиншиноӣ» маҳз ба табрику таҳнияти арӯс бахшида шуда, тасвири сурати зоҳирии ӯ дар маркази диққат менистад. Сурудҳое, ки фақат ба лавҳаи **келиншиноӣ** бахшида шудаанд, тахти унвони «Хуш омадӣ, келинбиви», «Шинед, келин» гирд омадаанд ва ҳар кадоми онҳо матни муайян дошта, арӯсу домод нарму форам ситоиш карда мешаванд. Варианти асосӣ ва аслии сурудҳои «Келиншиноӣ»-ро муқаррар кардан хеле душвор аст. Аз ҷумлаи дах варианте, ки дар даст дорем, вариантҳо танҳо бо зиёд шудани миқдори мисраъҳо ва баъзан бо дигар шудани иқарот аз ҳамдигар тафовут пайдо кардаанд. Дар асл мазмуни матн ба келиншиноӣ нигаронида шуда, ба ифодаҳои якранг асос ёфтааст. Ин сурудро дар Ленинободу Ӯротеппа занон ҳангоми қабулу пазирониарӯсу домод низ мехонанд. Мавриди ичрои он дигар шавад

ҳам, мазмунаш ҳамоно тавсифист ва тарзи тасвир дар ҳамаи нусхаҳо айнан такрор ёфтан мегирад. Ибораҳои «як банд беда», «нури дида» ҳам дар нусхаи Ҳисору Деҳнав ва ҳам Уротеппаю Самарқанд кариб як хел аст. Ба истисноъ баъзе калимаҳои лаҳчавӣ, ифодаи фикр, яъне мазмуни умумӣ бетағьир мемонад. Барои асосноқ кардани мулоҳизаи худ ду вариантии онро аз назар мегузаронем. Масалан:

Хуш омадеи, шинаи келин
Келинонм нури дида,
Хуш омадеи, шинаи келин.
Таги чимилик нону майиз,
Келинонм ярка-ёзиз,
Хуш омадеи, шинаи келин.
Болои бом як банд пахол,
Келинонм навданиҳол,
Хуш омадеи, шинаи келин.
Миёни ҳавлӣ як бех себ,
Келинонм ҳалимсеб,
Хуш омадеи, шинаи келин.
Таги сават ширу каймок,
Келинонм бодомқавок,
Хуш омадеи, шинаи келин[146].

Баъзан суруд бадеҳатан эҷод шуда, дар рафти ичрои он мисраъҳои нав ба нав илова шудани мегиранд. Ҳамчун:

Рӯи ҳавлӣ як бех бихд,
Келинонм чоши бихӣ[146].

Ҳаман ин суханҳои ситоиширо мардум на танҳо дар хаққи арӯс мегуфтанд. Баъзан бахшида ба домод сурудхо хонда, сифати хуби домодро низ ифода мекардаанд. Баксьёр тавсифхои хоси арӯс дар навбати худ ба **домодтӯра, домодпочо** мансуб гардидаанд Масалан:

Болои бом як банд ниҳол,
Домодпочом **навданиҳол,**
Ёр-ёре, ёр-ёре...

Таги чимилик нону шинӣ,
Домодпочом **коси чинӣ,**
Ёр-ёре, ёр-ёре...
Осмонида болбарако,
Чониби кудо гунгалако,
Ёр-ёре, ёр-ёре[147].

Дар нативчаи ба «навданиҳол», «косаи чинӣ» монанд карда, таъриф намудани домод навъеи ин образ мустаҳкам шудааст. Фарқи ин ду манзара, яъне тавсифи арӯсу домод танҳо дар он аст, ки ҳангоми **домодшиноӣ** навозишу эҳтиром ба унвони домод гуфта мешавад. Дар ин маврид модари арӯс аввал духтари зебою боақли худ, сонӣ ҳалқаву бог, анҷоми рӯзгор ва ғайраҳоро ҳадя мекунад.

Дар суруди зерин объекти васф ба таври конкрет додардомод қарор гирифтааст. Хоҳар дар рӯзи тӯи додар хурсанд шуда, шодикунон ин тавр мегӯяд:

Себои сурха бӯяш,
Додарчонама тӯяш.
Хо гул боро, хо гул бор,
Чаккасига кокул бор[148].
Ту будй, додарчонаме,
Хар суханат бар чонаме[149].

Сурудхое, ки бо образи додар алоқаманд аст, дар тӯй мавқеи муайян дошта, лаҳзаҳои шодиовварро ифода мекунанд[150].

Сурудҳои лавҳаи либоспӯшонии арӯсу домод мазмунан масарратбахш буда, дорои оҳанги шӯҳу шӯрангезанд. Ин гуна сурудҳоро мардон хонда, ракс мекунанд. Дар мавриди сурудхонй онхо табл, доира ва дуторро истифода мебаранд. Ин сурудхо дар Ғарму Кӯлоб, Бадахшони Кӯҳй як манзараи муайяни тӯй-**либоспӯшониро** инъикос менамоянд. Дар суруди зерин, ки онро дар Кӯлоб **шахмардон** мехонанд, ҳаман лавозимоти рӯзи тӯй барои домоду арӯс муҳайё шударо якяк номбар карда, пӯшидани онро аз сохибонаш бо исрор талаб мекунанд. Аз рӯи мазмуни суруд либосхои домод бояд шинам, зебо ва ихчам бошанд, то ки баъди онхоро пӯшидан дигарон зебишашро ба завқи тамошо кунанд. Номбар шудани чизҳои ороишй дар суруд қимати таърихй ва этнографии онро зиёд мекунад. Масалан:

Чон бача бозй мекина,
Салаш калонй мекина,
Салаша хуртарак кине,
Ба рӯяш бозй мекина.

Ино кинен, ино кинен,
Сали нав бино кинен,
Бар сари шах ошно кинен,
Аз дур бестен, нигох кинен.

Чон бача бозй мекина,
Тупиш кушодй мекина,
Тупиша хуртарак кине,
Ба руяш бозй мекина.

Ино кинен, ино кинен,
Тупин нав бино кинен,
Дар сари шах ошно кинен,
Аз дур бестен, нигох кунен.

Чон бача бозй мекина,
Чомаш дарозй мекина,
Чомаша қалтатар кина,
Бо қадаш бозй мекина.

Ино кинен, ино кинен,
Чомаи хуб бино кинен,
Дар тани шах ошно кинен,
Аз дур бестен, нигох кинен[151].

Дар Помир ҳангоми пӯшонидани либоси нави «шоҳона» хофизон ба васфи домод ин сурудро мехонанд, ки ба мазмуни суруди боло қаробат дорад. Дар ин суруд ҳам соҳибони тӯй хушрӯй, нағзу зебо пӯшонидани курта, ҷома ва токии домодро хоҳиш намуда, ҳаман сару либоси домодро номбар кардаанд:

Дасти ману доманат, эй қуртапӯш,
Куртаи шаҳмарди маро хуб бипӯш!
Дасти ману доманат, эй ҷомапӯш,
Ҷомаи шаҳмарди маро хуб бипӯш!
Дасти ману доманат, эй токипӯш,
Токии шаҳмарди маро хуб бипӯш![152]

Дар суруде, ки аз Данғара навишта шудааст, домод ҳамчун шахси сазовори иззату эҳтиром номи **«мир»**, **«шоҳ»**-ро гирифтааст:

Ҳазрати шоҳ, чӣ гуфтӣ?
Монандя гул шукуфтӣ.
Шаи мане, мири ман,
Ман бо ту ҷавлон кунам[153].

Ё ин ки:

Шаи ман омад, мирзои ман омад,
Шаҳам бодо, бод, болои Файзобод.
Шаҳам гул, гул мекуна,
Буи қаламфур мекуна.
Шаи ман омад мирзои ман омад,
Шаҳам бодо, бод болои Файзобод[154].

Ба чунин иззату икром ва баҳои баланд сазовор шудани домодро аз дигар сурудҳои тӯй низ пай бурдан мумкин аст. Дар суруде, ки аз Точикобод навишта шудааст, ҷои нишасти **шоҳ**-домод минбару **тахти зар** қарор гирифтааст ва ӯ аз он ҷо истода чун шоҳ фармонфармой мекунад. Либосҳои, нави домод бояд ба қадаш шинам ва зебо бошад:

Шаҳ дар минбаре,
Болои тахти заре.
Ҷома ба домод биёр,
Ҷома ба домод мезебае.
Шаҳ дар минбаре,
Болои тахти заре.
Мӯза ба домод биёр,
Мӯза ба домод мезебае.
Домод дар минбаре,
Болои тахти заре[155].

Барои тавсифи шудани ин сурудҳо қофия шуда омадани калимаҳои «минбар», «зар» низ роли муайяне бозидааст. Ин порчаи шеъриро дар Бухоро ҳангоми қабули домод мехонанд. Дар он образи домод идеализация шудааст, ки шукӯҳи ӯро ба пояҳои баланд бардошта, мардум орзу мекунанд, аз нури пою қадамаш роҳҳо равшану хонаҳо гулшан шаванд. Дар суруди зер тавсифҳои муболиғаомези аз ҳақиқати реалӣ дур ва бесабаб санъати игрокро ба миён овардааст:

Марҳабо, домоди иззатманди мо,
Бовафо меҳманди як фарзанди мо
Аз **кудум** ин хонахо **гулшан** намо,
Ҳар тарафро бо **рахат равшан** намо[156].

Дар тўйҳои Бухоро ҳангоми ба арўсу домод нўшонидани шарбат занон сурудеро бо унвони «Шарбат ба лаби келин» хонда, дар он хешовандони домодро ташвиқ мекунанд, ки ба арўсе, ки воситаи шаҳди зиндагӣ аст, домод шарбат нўшонад, писта ву бодом хўронад ва эҳтироми ўро ба ҷо оварда, меҳру муҳаббат зоҳир намояд. Ҳаман ин корҳо маҳз барои пайдо намудани ҳиссу муҳаббати онладорӣ ба домод тарғиб карда мешуданд, зеро дар рўзҳои аввали ҳаёти навхонадорӣ барои ба онлаи нав—онлаи домод одат кунонидани арўс чунин сурудҳои тарғибкунандаро хондан лозим шуморида мешуд.

Хой, хой да лаби домод,
Шарбат да лаби келин.
Писта шиканад домод.
Мағзаша хўрад келин.
Имшаб шаби борон аст.
Домод да хиёбон аст.
Нумоли дасти домод
Ҳамеш пури бодом аст.

Имшаб шаби яхбанд аст,
Домод да Самарқанд аст.
Нумоли дасти домод
Ҳамеш шакару қанд аст[157].

Дар варианти дигари суруд, ки онро занон дар мавриди вориди хонаи арўс шудани домод месароянд, тасвир каме тағьир ёфтааст: Шаби борон аст, домод дар сар саллаи марворидкорӣ дорад ва аз хиёбон бо викор қадам мезанад:

Имшаб шаби борон аст,
Домод да хиёбон аст.
Дастори сари домод,
Марвориди ғелон аст[158].

Сурудхон боло баробари таҷассум гардонидани образи домод бо тавсифҳои ширину рангини зинат ёфтаанд. Ин тавсифҳо, аз як тараф, ҳиссу маромн тўйдоронро ифода намоянд, аз тарафи дигар, чиҳати ҳаётӣ будани сурудро пуркувват мекунанд. Дар таърифи арўсу домод хондани чунин сурудҳои тавсифӣ нишон медиҳад, ки мардум ҳамеша лаҳзаҳои хушн зиндагиро меҷустаанд. Ҳатто дар рўзҳои шодиву суруд, тўю хурсандӣ баъзан сурудхон маъмули халқи яъне ғайри маросимиро низ барои пуркувват кардани шодии худ истифода мебурдаанд. Масалан, суруде, ки дар байни халқ бо номи «Хуш он замон» машхур гаштааст, дар тўй дохил шудааст, яъне як банди он ба суруди тўй васл (контеминация) шуда, вазифаи нақаротро адо кардааст. Фақат

ин чо объекти тасвир каме тағьир ёфта, ба чои махбубан васфшаванда номи арўс зикр меёбад. Дар чунин холат мазмуни суруд боз дилкаштар шудааст. Сурудро баробари дохили хавлй шудани арўс модар ё хоҳари домод мехонад:

Омад, омади келин,
Сарви қомати келин.
Раҳ рафтори хуш дорад,
Аз омадани келин[159].

Дар варианти дигар тавсифи домод дар маркази диққат қарор гирифтааст. Он хама ҳисси шодмонии соҳибтўй ба воситаи ташбеху тавсиф образи домодро ба шакл даровардааст. Сурудро дар Кўлоб шахмардон ҳангоми арўсбарй мехонанд:

Сарбайтхон:
Омад, омадат гардам,
Қаду қоматат гардам.
Нақарот:
Акаи шах, чй гуфтй?
Монанди гул шукуфтй.
Сарбайтхон:
Ту мирзои ман бошй,
Аз назокатат гардам.
Нақарот:
Акаи шах, чй гуфтй?
Монанди гул шукуфтй.
Сарбайтхон:
Чонона ба ман чон ай,
Боғам ҳама бустон ай.
Нақарот:
Акаи шах, чй гуфтй?
Монанди гул шукуфтй.
Сарбайтхон:
Даст бар бағалуш кардам,
Гуфто, ки эминстон ай.
Нақарот:
Акаи шах, чй гуфтй?
Монанди гул шукуфтй[160].

Дар суруди боло роли асосиро нақарот бозида, боиси тавсифй шудани мазмуни он гардидааст. Аз ҷихати сохту услуб хамаи сурудхои боло халқй мебошанд. Дар баъзе нусхахо калимахои тасодуфй ба назар расанд ҳам, онхо барои устувор гардонидани қофия ба кор бурда шудаанд.

3. Як қисми сурудхо бо ҳиссиёти ишқу муҳаббат саршор буда, мазмуни шодиовар доранд. Дар айни шиддат гирифтани тўю сур махсусан чавонон як силсила сурудхои ишқй мехонанд. Дар назари аввал суруди тўй будани қисми онхо шубҳанок аст, зеро аксари сурудхо ба таври умумй ичро шуда, репертуари бисьёр хофизон, хаваскорони санъатро, ки дар базму зиёфатхо ва гаштакхо (гапхўрихо) иштирок мекунанд, ташкил медиҳанд. Чунин сурудхо дар тўй мавқеъ пайдо карда, лаҳзахои хурсандиовари тўйдоронро равнақ дода,

хусни тозае мебахшанд. Баъзеи онхо ба рафту мазмуни тўй муносибате пайдо кардаанд. Ин сурудхо гохо бо накарот ва гохо бенакарот ичро мешаванд, агар бо накарот оянд, ба кадом гурўх мансуб будани онхоро бо тезй таъин кардан мумкин аст, зеро барои тахлили сурудхо накарот мавкеи муҳим дорад. Масалан, сурудхои машхури тўй «Нақш» ва «Ёр-ёр»-ро гирем. Ин сурудхо накаротхои сайёрро ба худ кабул кардаанд. Агар матни онхо бо накароти анъанавй суруда шавад, аз рўи мақсади ичрояшон ба гурўҳи сурудхои тантанавй шомил мегарданд ва дар ҳолати қабул кардани накаротҳои мазмунан ишқй хусусияти тантанавии онхо гум шуда, ба суруди оддии тўй табдил меёбанд. Дар сурудхои зерин бештар мазмуни ишқу ҳавас зоҳир шудааст. Бинобар ин, мундаричаи онхоро аз нуқтаи назари тавсифи ишқ тахлил кардан лозим мешаванд.

Дар бобати вариантхои зиёде пайдо кардани ин гурўҳи сурудхо дар мавриди тахлили сурудхои тантанавй баъзе ношараҳо рафта буд. Дар ин ҷо танҳо се варианти як матнро аз назар мегузаронем. Дар ин се вариант як мақсад ва як орзу, яъне ба висол расидану ҳамдаму ҳамрози якдигар шудани ду ошики дилдода ифода ёфтааст. Ҳамин мақсад мувофики завки гўяндаҳо ҳар хел баён ёфта, ҳар як нусха накароти дигарро ба худ гирифтааст. Дар варианти якум мақсади асосй ба даст даровардани арўс-гул мебошад. Барои пурқувват гардидани мазмун дар накарот ходисае накл карда мешавад, ки дар он ду ошики дилдода даст ба даст дода, аз ҳамдигар дил намекананд. Маҳбуба нигарони он лаҳзаест, ки кай ҳабибаш дида ба дидори ў мекунад:

Накарот:
Дастам болои дастат,
Қурбони чашми мастат.

Сарбайт:
Рафтам ран дуродур,
Овардам ниҳоли гул.

Накарот:
Дастам болои дастат,
Қурбони чашми мастат.

Сарбайт:
Ту ангуру ман токам.
Печида ба ҳар шохам.

Накарот:
Дастам болои дастат,
Қурбони чашми мастат.

Сарбайт:
Чашми сиёҳ во кун,
Гашта да ман нигоҳ кун.

Накарот:
Дастам болои дастат.
Қурбони чашми мастат.

Сарбайт:

Чашми сиёи зоғат,
Ҳиш кас[161] набинад доғат.

Нақарот:

Дастам болои дастат,
Қурбони чашми мастат[162].

Варианти дигарро дар райони Рометани вилояти Бухоро ҳангоми ба хонаи арӯс равон шудани домод мехонанд:

Шерозй:[163]

Мо мастему девона,
Мастро мебарем хона.

Ҳама:

Ҳой-ҳой, лабаконашро,
Мо хӯрем зувонашро.

Шерозй:

Рафтам рои раҳо дур,
Овардам ниҳоли гул.

Ҳама:

Ҳой-ҳой, лабаконашро,
Мо хӯрем зувонашро.

Шерозй:

Ин гула гуҷо шинонем?
— Дар чорбоғи Мирзогул.

Ҳама:

Ҳой-ҳой, лабаконашро,
Мо хӯрем зувонашро[164].

Чунон ки мебинем, ин гурӯҳи сурудҳо ҳам бо каму зиёд шудани шумораи мисраъҳо, ҳам бо нақароти худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд ва мазмуни ишқӣ дар ҳар се суруд шаклу тобиши дигаре ба худ гирифтааст. Чунончӣ, дар варианти дигари суруд дар хусуси вохӯрии ду дилдода сухан меравад. Ошиқ маҳбубаашро ёфтааст, вале нозу ғамзаҳои аз ҳад фузуни ӯ боиси малоли хотири ошиқ гардида, ӯро дудила мекунад:

Рафтам рои идора,
Ёфтам қоши сиёра.
Вай қоша чико кунам
Бо ғаму ғамзаҳояш?[165]

Суруди зерин ҳам, ки онро дар Кӯлоб шахмардон ҳангоми ба хонаи арӯс равон шудани қофилаи домодбарон мехонанд, мазмуни болоро қувват додааст. Дар суруд лавҳан бо баҳонаи шикори боша ба дидани дидори маҳбуба мушараф гардидани ошиқ тасвир ёфтааст:

Ҳама:

Шаҳи ман омад,
Мирзои ман омад.

Сарбайтҳои:

Ҳой, гулаю ҳой, гула,
Ин ҷала барги гул ай.

Хама:

Шаҳи ман омад,
Мирзои ман омад.

Сарбайтхон:

Тозагиёш дар гул ай

Хама:

Шаҳи ман омад
Мурзои ман омад.

Сарбайтхон:

Байтгувак булбул ай,

Хама:

Шаҳи ман омад,
Мирзои ман омад.

Сарбайтхон:

Шаҳам сувор мерава,

Хама:

Шаҳи ман омад,
Мирзои ман омад.

Сарбайтхон:

Бошa шикор мерава,

Хама:

Шаҳи ман омад,
Мирзои ман омад.

Сарбайтхон:

Бошара баҳона карда,

Хама:

Шаҳи ман омад,
Мирзои ман омад.

Сарбайтхон:

Дидани ёр мерава,

Хама:

Шаҳи ман омад,
Мирзои ман омад[100].

Дар версияи дигар тасвири ҷозибадори арӯс-маҳбуба, ситоиши ҳусни ӯ ва тасвири лаҳзае, ки домод барои овардани арӯс меравад, мавқеъ пайдо кардааст:

Хама:

Ялалӣ, ялалӣ, бедоде,
Ба арус мерава домоде.

Як кас:

Дилбарам ҳовай имшаб,

Хама:

Ялалӣ, ялалӣ, бедоде,
Ба арус мерава домоде.

Як кас

Масти шаробай имшаб,

Хама:

Ялалӣ, ялалӣ, бедоде,
Ба арус мерава домоде.

Як кас.

Аз чихати и иозанин,

Хама:

Ялалӣ, ялалӣ, бедоде,
Ба арус мерава домоде.

Як кас

Ҷигаркабобам имшаб,

Ҳама:

Ялалй, ялалй, бедоде,
Ба арус мерава домоде[167].

Чунон ки Н. П. Колпакова қайд мекунад, дар сурудҳои лирикии русӣ тасвири манзара чун дар дигар асарҳои фольклорӣ он қадар устувор нест ва барои инкишофи сюжети суруд хизмат намекунад[168]. Дуруст аст, ки қолаби сурудҳои лирикӣ тасвири пурраи манзараҳои табиатро намеғунҷонад. Дар сурудҳои тоҷикӣ низ ҳамин хусусият ҳукмрон аст. Вале худи Н. П. Колпакова ба ин мазмун мегӯяд: манзара дар сурудҳои маншии лирикаи халқӣ дар байни мисраъҳо сарсарӣ ва бо штрихҳои хурд во мехӯрад, ки дар натиҷаи якҷоя кардани ҳамаи ин тасвирҳо маҷмӯи пурраи як картина ба миён меояд[169]. Дар суруди боло унсурҳои ҷудогонаи манзара чун гуфтаи Н. П. Колпакова бо штриххои хурд тасвир ёфтааст, ки дар сурати якҷо кардани ҳамаи тасвирҳо як лавҳаи хурд, яъне ҳусну зебоии маҳбуба, ҷои нишасту машғулияти ӯ ба назар мерасад.

Дар суруди зерин ошиқ-домод ёрашро ба моҳу худашро ба ситора ташбеҳ дода, орзу мекунад, ки онҳо ҳамеша мисли моҳу ситора якҷоя бошанд. Дар ин суруд дар натиҷаи параллель гузоштани хусусияти **моҳу ситора ва холу рухсора** муносибати мантиқии калимаҳо ба миён омада, ҳам қофия устувор гаштааст ва ҳам санъати ташбеҳ зуҳур кардааст:

Ҳама:

Ту моҳу ман ситора, (2 бор)
Ту холу ман рухсора.

Ҳофиз:

Ҷононаи инмрӯзй.

Ҳама:

Ту моҳу ман ситора, (2 бор)
Ту холу ман рухсора.

Ҳофиз:

Ту шишта чӣ медӯзӣ?

Ҳама:

Ту моҳу ман ситора, (2 бор)
Ту холу ман рухсора.

Ҳофиз:

Ту шишта рӯмол дӯзӣ.

Ҳама:

Ту моҳу ман ситора, (2 бор)
Ту холу ман рухсора.

Ҳофиз:

Дар ҳақаки ёр сӯзӣ.

Ҳама:

Ту моҳу ман ситора, (2 бор)
Ту холу ман рухсора[170].

Ҳамон тавре ки дар боби «Сурудҳои ҷудой ва фироқ» қайд кардем, дар бисьёр сурудҳои тавсифӣ низ арӯс ба

«гул», «сунбул», «булбул» ташбеҳ шуда, ба ӯ хитобан мурочиат карда мешавад, зеро гул, ки дорои хусусияти зебой, хушранги, хушбӯй ва назокат аст, рамзи маҳбуба қарор гирифтааст[171].

Дар суруди «Гула бурданд», ки ба лавҳаи арӯсбарӣ бахшида шудааст, гул рамзи арӯс аст. Дар нақароти суруд барои кувватнок кардани рамзи гул калимаи сунбул оварда мешавад:

Гула бурдан, гула,
Сумбула бурдан, гула.

Дар як суруде, ки аз Помир навишта шудааст ва оиро чӯраҳон домод ҳангоми либоспӯшонӣ мехонанд, аз забони ошиқ узвҳои бадан сар, чашм, гӯш, лаб, гардан, даст, кад, пои маҳбубаро таъриф карда, аз тарафи ошиқ ваъда дода мешавад, ки агар лозим ояд, ӯ розӣ аст, барои узвҳои бадани ёр пеши ё лавозимоти ороиши шавад. Масалан, ба сар рӯймол, дар чашм сурма ва ба гӯш гӯшвора гардад. Дар охир ҳабиб қадди маҳбубаро ба ҳимчаи ларзон ташбеҳ карда, тамоми вуҷуди худро ба ёраш нисор намудааст. Дар ин суруд муносибати мантиқии калимаҳо дар як қолаби муайяни шеърӣ шакл гирифтааст:

Дилбари меҳрубон, ошуқат шудаям,
Боз дар гумон, ошуқат шудаям.
Дилбари меҳрубон, сарак ту дорӣ,
Дар сарат рӯмол, ошуқат шудаям.
Дилбари меҳрубон, мӯяк ту дорӣ,
Дар мӯякат мӯйбоф, ошуқат шудаям.
Дилбари меҳрубон, гӯшак ту дорӣ.
Ба чашмо сурмат, ошуқат шудаям.
Дилбари меҳрубон, лабак ту дорӣ,
Аз лабат бӯса, ошуқат шудаям.
Дилбари меҳрубон, гушак ту дорӣ,
Дар гӯшат гӯшвор, ошуқат шудаям.
Дилбари меҳрубон, гардан ту дорӣ,
Ба гардан мӯҳра, ошуқат шудаям.
Дилбари меҳрубон, дастак ту дорӣ,
Ба дастат пардаст[172], ошуқат шудаям.
Дилбари меҳрубон, ангушт ту дорӣ,
Ба ангушт чала, ошуқат шудаям.
Дилбари меҳрубон, кадак ту дорӣ,
Ҳимчаи ларзон, ошуқат шудаям.
Дилбари меҳрубон, пояк ту дорӣ,
Дар поҳот кавшое, ошуқат шудаям[173].

Баденят ва шаклу услуби ин гурӯҳи сурудҳо ба дигар навъи сурудҳои тӯй монанди дорад. Доир ба баденяти онҳо, ба воситаи параллелизм шакл гирифтани нақарот ва қофиябандӣ пеш аз ин мухтасар таваққуф карда будем.

Чунон ки дидем, бисёр сурудҳо мазмуни лирикӣ доранд. Ба акидаи халқ, агар тӯй ва буиёди онҳо бо ишқ пайваст

гардад, пояҳои он мустаҳкам ва пойдор хоҳад шуд. Ҳамин ҳодиса дар сурудҳои тӯй таъкид ёфта, идеали эстетикии бисьёрии онҳоро ташкил додааст.

СУРУДҲОИ РАҚСӢ

Мардум ҳанӯз дар давраҳои гузашта ҳар як ҷузъиёти ҳаёту зиндагии худро бо ҳаракати ягона узви бадан, яъне ба забони унсури рақс ифода мекарданд. Ҳангоми ифодаи ҳиссиёти шоди, ғаму андӯҳ ва умуман дар мавриди инъикоси эҳсоси рӯҳӣ ҳаракатҳои махсус изҳор менамуданд. Ин ҳаракатҳои аъзои бадан рафта-рафта бо оҳанги мусиқӣ ҷӯр шуда, ба шакл медароянд. Дар мавриди набудани сози мусиқӣ ҳам мардум бо як ритми муайян садо бароварда, ҳаракатҳои бомаъно ва шавқоварро ҷилвагар кардаанд. Дар натиҷа, ин ҳаракатҳо тадриҷан ба рақс мубаддал гаштаанд.

Барои сабук, нозук ва дилкашу форам иҷро кардани рақс суруд роли калон мебозад. Вобаста ба рақс сурудҳо низ оҳанги хоси худро соҳиб гаштаанд. Вале на ҳамаи сурудҳои тӯй бо рақс иҷро мешаванд. Бештар ҳамон сурудҳо рақсианд, ки матну оҳанги шӯх дошта, бевосита шунавандаро ба рақс моил мекунанд. Иҷрокунандаи ин гуна сурудҳо аксар занҳо буда, онҳо сурудҳоро якҷоя мехонанд.

«Рақс ,—менависад Р. Амонов,—ва ҳар гуна ҳаракатҳои шавқовару суррангез, ишораҳои маънодор ба воситаи чашму абрӯ ва дасту ҳаракатҳои пайкар ва мусиқии шӯх дар иҷрои бадеҳаҳо ҷиҳатҳои ҳатмӣ ба шумор мераванд. Иҷрои ҳар як бадеҳа як саҳнаи дилчаспу шӯрангез аст»[174].

Ин суханонро ба сурудҳои тӯй низ нисбат додан мумкин аст. Саҳнаи тӯй ҳангоми иҷрои сурудҳои шӯхи рақсӣ боз ҳам шӯхтару ҷозибаноктар мешавад. Аз ин рӯ, сурудҳоеро, ки маҳз бо рақсу тараб иҷро мешаванду оҳангнокӣ хусусияти хоси онҳост, шартан сурудҳои рақсӣ номиданро мувофиқи мақсад донистем, зеро ин сурудҳо ба таври алоҳида иҷро карда намешаванд.

Дар хусуси истилоҳи ин гурӯҳи сурудҳо Р. Амонов фикри муҳим баён кардааст. Чунон ки дар китоби «Лирикаи халқии тоҷик» гуфта мешавад: «Оҳанги шӯху шӯрангези қисми сурудҳо шунавандаро ба рақс моил менамояд, бинобар ин бисьёр сурудҳоро рақсӣ ҳам гуфтан мумкин аст»...[175]

Барои сароидан хусусияти оҳангнокии сурудҳо роли муайян мебозанд. Аксаран овозҳои алоҳида ба ҳиҷоҳои муайяни матн мувофиқ омада, ритми сурудро ташкил мекунанд,—менависад Н. П. Колпакова[176].

Дуруст аст, ки дар ташкили оҳанги суруд нақарот мавқеи муҳимро ишғол мекунад, зеро нақарот аз рӯи сохт ба ритми матн мувофиқ омада, онро ба оҳанг медарорад, яъне

оҳанги суруд аз худи нақарот сар мезанад. Бисьёр нақаротҳо дар шакли ду мисраи қофиядор омада бошанд ҳам, баъзеи онҳо мисли «Ҷаҳлу ҷаҳолем, ҷаҳолакамо» аз калимабозй ва ритмҳои алоҳида иборат шудаанд. Ин нақарот ба мазмуни суруд ҳеч гуна алоқамандие надорад, вале барои шуху раксй гардидани оҳанги он ёрй мерасонад. Ин хусусияти нақаротро фольклоршиноси рус М. В. Сидельников ба чунин мазмун маънидод карда аст: дар сурудҳои раксй мусиқй, оҳанг ва нақарот роли асосй мебозанд, зеро ташкилкунандаи раксу тараб худи суруд ва оҳанги он ба шумор меравад[177].

Чунон ки зикр ёфт, дар сурудҳои точикй баъзе нақаротҳо маҳз мазмуни даъват ба ракс доранд. Онҳо дар ҳар махал шаклу услуби дигареро ба худ гирифта, дар суруд чои худро тез-тез иваз карда меистанд. Махсусан дар сурудҳое, ки ба чои матн рубоиҳои халкй истифода шудаанд, нақарот гоҳо пас аз як мисраъ ва гоҳо баъди ҳар як байт овардa мешавад. Ин усули сароиш бештар ба завки ҳофизон вобаста аст. Қисме аз сурудҳои раксй сохиби матни устувор ҳам мебошанд.

Баъзе сурудҳо ҳам дар тўю сур ва ҳам дар базму гаштаку зиёфатҳо муштарак хонда мешаванд. Вале аксар вакт ин сурудҳо мавкеи худро маҳз дар тўй мустаҳкам карда, ҳамеша дар мавриди раксу хурсандии тўй репертуари ҳофизон ва сарояндагонро бой гардонидаанд. Дар назари аввал, аз рўи мундарича раксй будани онҳоро муайян кардан душвор аст, вале ҳамин ки ба мазмуни шодиовари сурудҳо чиддан назар андозем, дар ҳол пай мебарем, ки мавриди иҷрои онҳо тўю сур аст. Инак, барои мисол якчанд нақароти сурудҳои раксиро аз назар мегузаронем. Ин нақаротҳо бештар дар шакли ду мисраи ҳамвазну қофиядор омадаанд:

Бача, шомро қурбон, намози шомро қурбон,
Бача, зону задай чашми сиёҳро қурбон.

Лолазор, эй лолазор, қалъаи амир зеҳроразор,
Зад тандур, рехт жола, осмон ситораэор.

Гули санҷит ай, шохо сариншеб,
Гули шафтолу, саломи гули себ.

Себа ларзонед, баргаш нарезад,
Пухтагеш резад, хомаш нарезад.

Тамоми нақаротҳои боло мазмунан шодиовару лирикй буда, дар онҳо идеяи бо окибатҳои нек анҷом ёфтани оила навбуньёд мачозан ифода ёфтааст. Дар нақаротҳои боло калимаҳои **бача, гул, лола, себ, шох, барг, осмон** рамзи муҳаббату оила қарор гирифтааст. Асоси матни ин нақаротҳоро рубоиҳои халкй ташкил кардаанд ва қариб дар ҳамаи он нақаротҳо айнан як рубой истифода мешавад. Худи ҳамин нақаротҳо мазмуни сурудро пурра акс кунонда, ба таври мукам-

мал аз нияту мақсади тўйдорон хабар медиҳанд. Назар ба гуфти Н. П. Колпакова, дар фольклоршиносии рус сурудҳои раксӣ чун навъи махсус вуҷуд надоранд. Онҳо дар оҳангиокӣ баъзе нишонаҳои раксро доштa бошанд ҳам, дар ифодан сухан устувор нестанд. Агар як суруд дар як маҳал ҳангоми ракс иҷро шавад, дар маҳалли дигар бо ракс ягон муносибате надорад[178]. Мумкин аст, дар асл сурудҳои тоҷикӣ ҳам ҳамин тавр бошанд. Вале азбаски сурудҳои раксӣ як қисми хурди жанри сурудҳои лирикианд, алоқаманди ва муносибати он дар ҳаёти мадании тамоми маҳалҳои тоҷикишин чӣ гуна аст, муайян кардан хеле душвор аст ва мо имконият надорем, ки сайри таърихии ин сурудҳоро муқаррар кунем. Мақсади дар пеш гузоштан мо аз муайян намудани хусусияти раксии сурудҳое, ки маҳз дар тӯй мавқеъ пайдо кардаанд, иборат аст. Ба ин гурӯҳи сурудҳо накаротҳои боло мисол шуда метавонанд.

Баъзе нақароти сурудҳои раксӣ аз такрори калимаҳо иборатанд. Азбаски дар вақти иҷрои ин гурӯҳи сурудҳо асбобҳои мусиқӣ, ҳамчун **доира, табл, рубоб** ва **нақора** чӯр мешаванд, шунаванда табъан ба ракс моил мешавад, зеро оҳанги баъзе сурудҳо чунон шӯху шавқангезаст, ки ҳатто дар вақти мутолиаи матни онҳо манзараи рақсу бозӣ намоён шуда меистад. Чунончи, дар деҳаи Каттаҳечи райони Фориш духтаракон сурудеро хонда мераксанд. Иҷрои суруд ба тариқи зайл ба амал оварда мешавад: ҳамин ки ҳофизон ва ё гурӯҳи занон сурудро бо савти доира чӯр карда хонданд, як даста духтаракони шӯх давра гирифта, бо нозу адо, ғамзаву карашма дасту пайкари худро ба ҳаракат медароранд. Инак, чанд байти ин суруд:

Бардорандаҳо:

Чахлу чаҳолем, чаҳолакамо[179].

Ҳофизон бо доира:

Давдавоно, давдавон,
Расидем деҳи Давон.

Бардорандаҳо:

Чаҳлу чаҳолем, чаҳолакамо

Ҳофизон:

Давон духтараш надод,
Баҳонш тиру камон.

Бардорандаҳо:

Чаҳлу чаҳолем, чаҳолакамо.

Ҳофизон:

Оед чию оед-чӣ?!
Дар бозӣ дароед-чӣ?!

Бардорандаҳо:

Чаҳлу чаҳолем, чаҳолакамо.

Як шахс:

Ман бозӣ намедонам,
Шогирдак дароед-чӣ?![180]

Дар вақти интихоби материал доир ба ин қисми асар бештар мазмун ва шакли сурудро ба эътибор гирифтем. Чунончӣ, «Рақ меравӣ, чилва кун», «Лолазор, эй лолазор», «Боракалло, духтар», «Тӯи додарам бозӣ» аз чумлаи сурудхои рақснанд, ки агар бо ифодаи худи гӯяндахо гӯем, онхоро танхо ҳангоми базму хурсандӣ ва рақсу бозӣ мехонанд. Бинобар ин, аз рӯи характери ичро, мазмун ва сохту оҳанг сурудхои раксиро ба чунин гурӯҳҳо гасниф кардан мумкин аст: 1. Сурудҳое, ки мазмуни хурсандибахш дошта, фақат дар мавриди раксу бозӣ ичро мешаванд ва аз ягон чиҳат ба рафти тӯй алоқамандие пайдо кардаанд. 2. Худи сурудхо оҳанги рақсӣ доранд ва ин оҳанг дар натичаи алоқамандии калимаҳо дар матн ва мазмуни нақарот сар задааст.

Дар гурухи якуми сурудхо мазмуни шодиовар бо шавқу шодӣ ва меҳру муҳаббати хоҳарон сурат гирифтааст. Дар суруде, ки онро дар деҳаи Сиртиконии райони Фориш ҳангоми раксу хурсандӣ мехонанд, дили хоҳар дар рӯзи тӯи додар аз шодӣ ба чӯш омада, он ҳамаро ба бозӣ даъват мекунад:

Тӯи додарам бозӣ,
Мекунем шавқу шодӣ.
Тӯи додарам арзида,
Бозӣ кунем зебида[181].

Дар айни авчу ривочи раксу бозӣ кудоҳо ҳамдигарро паси ҳам ба рақс кашидан мегиранд. Дар чунин ҳолатҳо суруд вазифаи худро пурра адо мекунад. Дар ин суруд ҳамон лавҳаи шодиву рақс тасвир ёфтааст:

Хезем, рақсем мо хешон,
Ин тен[182] қариндошон[183],
Ин тей, тен хешонам,
Бозӣ кунем бар чонам[184].

Дар ин сурудҳо бозӣ, рақс, китфчунбонӣ барин ифодаҳо хастанд, ки ҳаман онҳо далели болоро собит менамоянд. Дар варианти дигар ҳам дар матн ва ҳам дар нақарот боз ҳамон шавқу шодӣ ифода ёфтааст. Ин нақарот шунавандаро бевосита ба рақс моил мекунад. Сурудро занон дар қисми занонаи **тӯйхона** мехонанд:

Як кас:
Себи сурха бӯяш,
Хама:
Додарчона тӯяш.
Ҳар кас бардорад бозира,
Бенад шавқу шодира...
Як кас:
Додарчонам гулдаста,
Агойнеш миёнбаста.
Хама:
Ҳар кас бардорад бозира,
Бенад шавқу шодира.

Як кас:

Ту будӣ, додарҷонам,
Ҳар суханат бар ҷонам.

Ҳама:

Ҳар кас бардорад бозира,
Бенад шавқу шодира.

Як кас:

Додарҷонам бозургон,
Шинад ба лаби дӯкон.

Ҳама:

Ҳар кас бардорад бозира,
Бенад шавқу шодира.

Як кас:

Бахшидеш балогардон,
Ҷеғаш бар сараш ларзон.

Ҳама:

Ҳар кас бардорад бозира,
Бенад шавқу шодира[185].

Аз сурудҳои «Раҳ меравӣ, ҷилва кун», «Сарвиноз», «Ҷон бача, бозӣ мекунад» низ манзараи раксро пеши назар овардан мумкин аст. Махсусан, суруди «Раҳ меравӣ, ҷилва кун»-ро гирем. Дар он ҷилваю ишвои раққоса ва ҳаракатҳои пайкари мавзуни ӯ хеле содда, дилкаш ва самимӣ тасвир ёфтааст. Сифати чашм, зулф, дандон ва қад, ки нишонаҳои портретанд, мавриди тасвир қарор гирифтааст. Дар ҳар банди суруд снёҳии чашмони ёр ба пари **зоғ**, сафедии дандонаш ба **биринҷ** монанд карда шудааст, ки дар натиҷа алоқамандии мантиқии бандҳо ба миён омадааст.

Чашми снёҳи зоғат,
Дар синаи ман доғат,
Раҳ меравӣ, ҷилва кун!
Зулфои ҳинҷу ҷинҷат,
Дандонаки биринҷат,
Як буса те аз луҷҷат,
Раҳ меравӣ, ҷилва кун!
Қадаки гирдӣ пастат,
Севои сурхи дастат,
Мо ҳам ҳастем ба қасдат,
Раҳ меравӣ, ҷилва кун[186].

Суруди боло дар байни халқ бо накароти «Ҷӯра, дуньё мегузарад» низ машҳур аст[187].

Дар як қатор сурудҳо ҳаракати узвҳои бадан ифода ёфтааст, яъне дар онҳо ифои рақс дар маркази диққат меистад ва мақсади асосии ифрокунандагон ҳам ба ҳаракат даровардани пайкару чашму абрӯ, китфу бозу аст. Ҳангоми ифои ин сурудҳо мусиқи шӯх ҷӯр шуда, ба суруд ҳусну тароват махсус мебахшад. Манзараи ифои ин сурудҳо як саҳнаи дилрабои шӯрангезеро ба миён меорад, ки аз тамошои он дили ҳар як бинанда ба ҷӯш омада, шод мегардад. Тароналн зеринро дар тӯйҳои мардуми Ҳисор дугонаҳо арӯсро дар ихотаи худ гирифта, месароянд ва мераксанд. Баро-

бари оҳангу мазмуни суруд рақкоса ҳаракате **зоҳир намуда,** бо имову ишораҳои махсус дасту пой, сару китф ва чашму абрӯ меҷунбонад. Дар нақарот дона кардани анору шона кардани зулф рамзи буньёди онла қарор гирифтааст. Чунон ки гуфтем, дар бобати рақсӣ шудани сурудҳо **алокамандии** калимаҳо низ роли муайян мебозад. Дар суруд **калимаҳои** «ошпарон», «ифҷуммон» дар назари аввал тасодуфӣ барин намоянд ҳам, дар ташкили қофия ва ҳам ифодаи рақс хизмат кардаанд. Аз тарафи дигар, ин калимаҳо боиси шакл гирифтани мисраъҳои **дуюм гардидаанд:**

Як нафс:
Ифҷуммоне, ифҷуммон,
Дугонаҷон, киф ҷуммон.
Дунрадаст:
Анора дона кардем,
Зулфора шона кардем.
Як нафс:
Ошпароне, ошпарон,
Дугонаҷон, қош парон.
Дунрадаст:
Анора дона кардем[188],
Зулфора шона кардем...[189]

Мардум барои хушҳолӣ, дур намудани ғаму андӯҳ ва амалӣ гардонидани орзуҳои ширини худ рақсу сурудро ба кор мебаранд. Лаҳзаҳои шавқовару фараҳбахши зиндагиро низ дар рақсу дилхушӣ мебинанд. Ҳамаи инҳо нишонаҳои зуҳуроти зиндадилӣ, рӯҳбаландӣ ва хушҳоливу шӯхтабиатии мардуми тоҷик мебошанд.

СУРУДҲОИ ҲАҶВӢ

Тӯй бе ҳазлу шӯхӣ намегузарад. Як қатор камбудиҳои инсонӣ мавриди ҳазлу шӯхӣ ва тамасхур қарор гирифта, боиси ханда мешаванд. Баъзе ҳодисаҳои ногуворе, ки дар замони феодалӣ дар ташкили оила рӯй медод, дар як гурӯҳ сурудҳо мавзӯи ҳаҷв қарор гирифтааст. Дар сурудҳо меҳмонон ва соҳибони тӯй бо ҳазлҳои нозук, мулоимона камбудӣ ва нуқсонҳои хамдигарро фош мекунанд, ки дар натиҷа хандаву чак-чак ба миён меояд. Баъзан ҳазлҳоро мардум барои аз чашми бад ва қувваҳои нопок эмин доштани аҳли тӯй низ ба кор мебаранд. Аз ин рӯ, сурудҳои ҳаҷвӣ аз як тараф, маҳз барои ханда эҷод гардида бошанд, аз тарафи дигар, онҳо аслиҳаи бурроест барои фош намудани хислату рафтори ношоями одамон—хасисӣ, пастӣ, зишту бадхӯии баъзе аз сабабгорони тӯй. Ба гуфти В. Асрорӣ ҳам, «ҳаҷв як навъи танқиди тезу тундест, ки барои ислоҳи хулқу атвори инсонӣ равона карда шудааст»[190]. Тартиби иҷрои сурудҳои ҳаҷву ҳазлдор ҳамчун бозии масхарабозон шавқовар мегуза-

рад. Дар ин чо низ сахнае ба мнён омада, одамонро завқ мебахшад.

Чунон ки санъатшинос О. Л. Даискер қайд мекунад, халқи точик ҳазлро дўст медорад. Хеч як сўҳбат бе ҳазлу шўхй ва хеч як тўю ид бе ичрои сурудҳои ҳачвй, ки хандаро ба миён меоранд, намегузарад[191]. Тартиби ичрои сурудҳои хачвй бо ракс алоқаманд мебошад. Бандҳо одатан дар шакли ашўла омада, байни худ бо нақаротҳои мазмунан шўху ракси пайваст мешаванд. Дар ин суруд хасисии тўйдор масхара карда шудааст;

О, доираи ма чидо-чидо мега,
Ба ҳар сари газалуш нумол мега.
Холаи тўйдор, худта ба хов наидоз,
Остинта биков, дойрамда нумол андоз,
Дари хоната чалчиқ гирифтай туйдор,
Се моҳ меша, кй рангут паридай туйдор[192].

Ичрои сурудҳои ҳазломез бештар ҳамон вакт суръат мегирад, ки мардум ба хондани онҳо майлу рағбат дошта бошанд. Аз рўи мушоҳида маълум гардид, ки ин майлу рағбат дар айни авчу ривочи базми тўй ва соатҳои хурсандй зиёдтар мешавад. Мардум аксар барои ханда шуда, бо роҳи ҳазлу шўхй чунин сурудеро мехонанд, ки дар он ба ҳам номуносиб будани арўсу домод тасвир ёфтааст:

Як кас:
Келина бурдем дашт ба дашт,
Якта задем чаппа гашт.
Ҳама:
Ер-ёр, ёроне.
Як кас:
Келин омад аспакй,
Афташа дидем пиракй.
Ҳама:
Ер-ёр, ёроне.
Як кас:
Ҳайфи пули амакй,
Сўхта мурад чолакй.
Ҳама:
Ер-ёр, ёроне...[193]

Бисьёр сурудҳои ҳачвй ба чиҳатҳои қобили масхара ва ҳандаву ҳазли аъзоёни ҳар ду онла—арўсу домод, хушдоман ва худоён бахшида шудаанд. Бо вучуди он ки мақсади асосии мардум ҳазлу шўхй кардан аст, ин ҳазлҳо баъзан ба ҳодисаи зарурии ҳаётй табдил ёфтаанд. Ва ҳодисаҳое, ки гувоҳи беҳуқуқии занон буданд, акс наёфта намондаанд, зе-

рӯ яке аз вазифаҳои ҳазлу ҳачв ҳам ошкор ва фош сохтани иллатҳои иҷтимоӣ ҳисоб меёбад. Мазмуни як қисм сурудҳо аз танқиди беҳуқуқӣ ва аҳволи замони замона гузашта иборатанд. Дар мисраъҳои зерин шахси эътирозгар худи арӯс буда, вай аз ҳодисаи ба шахси номуносиб ба шавҳар дода шуданаш норозӣ аст ва эътирози худро ошкоро гуфтааст:

...Пушти хона чуқурӣ,
Шӯи додагит букурӣ.
Ёр-ёр, ёроне[194].

Дар ин сурудҳо гоҳо арӯс, гоҳо домод мавриди ҳазлу танқид қарор мегиранд. Вале ҳазлҳои соддадилонае, ки дар ҳаққи арӯс пайдо шудаанд, зиёд буда, ҳам хандаовар ва ҳам тезу тунданд. Дар суруди зерин, ки гӯяндазан онро бо савти доира мехонад, сифати арӯсро гуфта истода, аз домоди номуносиб шикоят мекунад:

Дака-дака дум-дак,
Келин да кунчак.
Келина бурдас.
Падари Алмосак[196].

Дар варианти дигари ин суруд номи падари домодшаванда зикр шудааст, ки дар ин ҷо танҳо хусусияти ҳазломезии суруд бокӣ мондаасту халос:

Дака-дака дум-дак,
Келин да кунчак.
Келина бурдас
Падари Алмосак[196].

Чунонки Р. Амонов қайд мекунад, «мавзӯи шикоят аз шавҳари номуносиб дар як қатори рубоӣ ва ашӯлаҳои халқӣ мавриди тасвир қарор гирифтааст»[197]. Як қисми ҳамон ашӯлаҳо лавҳаҳои ҷудогонаи тӯйро зинат додаанд. Масалан, дар ин ашӯла оҳанги гуфтор ҳам таассуфангез ва ҳам ҳазломез шудааст. Аз он ҷиҳат таассуфовар аст, ки духтаракро ба шавҳари пиракӣ додаанд:

Чӯи навба об омад,
Шаҳрихонба тӯй омад.
Тӯйкашон харакӣ,
Шӯйкашон пиракӣ[198].

Ин гуна ашӯлаҳо маҳз дар тӯй мавқеъ пайдо карда, ҳар лаҳза вирди забон мешаванд. Занон дар мавриди чак-чаку зарофатгӯӣ нисбат ба ҳачв ҳазлу шӯхиро бештар вусъат медиҳанд. Ҳазлҳои нешдоре, ки дар ҳаққи арӯсон гуфта шудаанд, ҳам шавку шодӣ ва ҳам хандаро ба миён меоранд. Онҳо барои ҳамдигарро хандондан ба айбҷӯйиҳои сох-

та шурўъ мекунанд. Дар суруди «У рўи дарьё як фонус» баъзе камбудй ва нуқсонҳои хислату рафтори арўс зикр ёфтааст. Суруд аслан хандаовар аст, вале ин ханда хандаи оддй набуда, балки шўхиҳои намакинест дар ҳаққи баъзе арўсон. Мардум ба ҳамин муносибат баъзе нуқсонҳои духтаронеро, ки бо хислатҳои бади худ ба оилаи домод рафта боиси хиҷолатмандии падару модар ва ноинтифокии оилаи нав мегарданд, дар зери танқид гирифтаанд:

Урўи дайро як фонус,
Эрўи дайро як фонус,
Келинчакои беномус.
Урўи дайро як хода,
Эрўи дайро як хода,
Келинчакои бекойда.
Урўи дайро як кўҳе,
Эрўи дайро як кўҳе,
Келинчакои дурўғгўе.
Урўи дайро хони нав,
Эрўи дайро хони нав,
Келинчакои якрав[199].

Калимаҳои «фонус», «хода», «кўҳ» ва ибораи «хони нав» аз як тараф, барои ташкили қофия зикр шуда бошанд, аз тарафи дигар, ба ҳазломез гардидани мазмун хизмат кардаанд.

Ҳазлҳои киноямези нимчиддиву нимшўхй дар ҳаққи арўс торафт шиддат гирифта, домани ҳандаро фароҳ мекунанд. Суруде, ки занон дар Самарқанд ҳангоми пазироӣ кардани арўс мехонанд, мазмунан шўху ҳазломез аст. Ҳар кадом аз таомҳои лазизе, ки ба назди арўс гузоштаанд, гўё ба ў акси таъсир медиҳад. Масалан, шинй ўро девона, асал касал мекунад ва мавизи думчадор нишонаи озорест барои арўс:

Кўрпача анзам, чирки мешуд,
Келинюям хуш омаден.
Шинй монам, чинди мешед,
Келинюям хуш омаден.
Асал монам, касал мешед,
Келинюям хуш омаден.
Майиз монам, думча дорад,
Келинюям хуш омаден[200].

Дар як қатор сурудҳо домод ҳазлу масхара карда шудааст. Дар суруде, ки аз райони Ғиждувони вилояти Бухоро навишта шудааст, ҳазлу ҳачв ба воситаи танқиду тасвири конкрет сурат гирифтааст. Дар аввали суруд чунин ба назар мерасад, ки кудоён ҳатто аз масофаи дур овози лачоми аспи домодро шунида, аз шодй ба вачд омада, ба пешвозаш баромадаанд.

Ҳамчун:

Чиянг-чияги лачом омад,
Авоз а Заргарон омад,
Дӯстичон, да пой хезед,
Домодчон да салом омад.

Дар банди аввали суруд гӯё ҳеҷ гуна ҳазл ва ё ҳачви тезу тунде нест, вале дар банди дуюми суруд тамасхур, хандаву истеҳзо бо воситаи киноя шиддат мегирад. Хандаву шӯхӣ аз он сабаб сар задааст, ки домод барои арӯс тӯҳфаҳои ночизе овардааст:

Бузак, бузак овардас,
Домод бузак овардас,
Шохаш каҷак овардас,
Мо духтар наметинем,
Қалина кам овардас[201]

Масъалаи ҳачви **хушдоман** (модари домод) низ боиси ба вуҷуд омадани як қатор сурудҳои ҳазломез гардидааст. Дар суруди зерин гоҳ ба тарзи шӯхиомез ва гоҳ ба тарзи киноянешдоре зуҳур кардани ҳачвро дидан мумкин аст. Арӯс зоҳиран аз хушдоман розиву сарфароз аст, вале бо ифодаҳои киноямези «кулфу занҷир», «гапаш бӯйнок», «шакшакаи лаби оташдон» дар ҳаққи хушдоман эътирози рӯирости худро ифода менамояд:

Таги олу хушдоманам,
Гапаш дору хушдоманам,
Таги биҳӣ хушдоманам,
Ҳамаба бивӣ хушдоманам,
Таги анҷир хушдоманам,
Қулфу занҷир хушдоманам,
Таги чӯмоқ хушдоманам,
Гапаш бӯнок хушдоманам,
Қайионам[202] астағфуриллои таги тахмон,
Хушдоман шакшакаи лаби оштон[203].

Суруди танқидии «келину хушдоман» ба тӯй он қадар алоқа надошта бошад ҳам, вале баъзан ичро шудани ин гуна сурудҳоро мушоҳида кардан ҳам мумкин аст. Дар тӯй хондани чунин сурудҳо маъракаро гарм, дилҳоро шод ва меҳмонҳоро хушҳол мегардонад. Баъзан мазмуни мисраъҳо аз ҳазл гузашта ба ҳачви нешдоре табдил меёбад. Вале азбаски мавриди ичрои онҳо ҳазломез аст, ин гуна ҳачвҳо дар маърака таъсири нохушие ба миён намеоранд ва танқидҳо сахту озурдакунандаи хотирҳо бошанд ҳам, онҳо ба рӯҳияи умумии шодиёнаи аҳли тӯй халал намерасонанд. Дар суруди зерин, ки дар ҳаққи келину модаршӯй гуфта шудааст, ҳар ду тараф изҳори норозигӣ мекунанд ва ба ин восита арзи дили худро ошкоро баён месозанд: Чунончӣ модаршӯй мегӯяд:

Мусулмоно, хазон гаштам маи аз дарду ғами келин,
Набинмояд, худоё, модари шӯ ҳамдами келин,
Ба фарьёду фиғони ман аламҳои ғами келин.
Агар бемор гардам бар сари болини ман ояд,
Дучандин мекунад дардам аламро марҳами келин,
Дили фарзанд агар сӯзад, насӯзад домани келин.

Келин мегӯяд:

Шудам кабобу харобаз каломи модаршӯ,
Наёварам ба забон ҳеч номи модаршӯ.
Ба чону дил мани бечора хизматаш кардам,
Накард бахти бадам ҳеч роми модаршӯ.
Дуои пир магар рафтаст зи рӯзи азал,
Ки душман аст ба келин тамоми модаршӯ.
Худо кунад ба ҷаҳаннам мақоми модаршӯ[204].

Дар натиҷаи тасвирҳои зоҳиран ҷиддии дар асл бо ҳазлу шӯхӣ анҷом ёфта, ки дар сурудҳо мавқеъ пайдо кардаанд, камбудиҳои соҳибони тӯй масхара шудаанд. Дар суруди зерин аз чизу чорае, ки ба тӯи духтар омадааст, дар назари аввал ҳама розианд, вале бо киноятҳои нешдори «як нони чапчак насия» мазаммат карда шудани кудоён мазоҳи хандаомез аст:

Мирзосалим бурида,
Духтаратонба тӯй омад,
Тӯи карнайдор омад.
Бухча-бухча чиз омад,
Савад-савад нон омад,
Кисса-кисса пул омад,
Як даста пул ҳадия,
Нони чапчак насия[205].

Образи ҳаҷвӣ дар суруди зерин тимсоли кудо буда, ба чизҳои тӯҳфакардаи онҳо писхандомез назар кардани соҳибтӯй ҳазлу мазоҳ ва хандан умумро ба миён овардааст:

Зардолуи шилмдорак,
Кудон мо пуллдорак.
Гусфанди додагишон,
Ҳаргиз думба надорад[206].

Дар варианти он ҳамон ҳазл бо тамасхуру истеҳзо ба як тарзи беэътиёна назар кардан ба чизҳои додаи кудо тасвир ёфтааст:

Ҳологиё, ҳологӣ,
Кудон мо бологӣ.
Локин[207] додагишон,
Бовеки[208] ширполой[209].

Чунон ки Н. П. Колпакова менависад, сурудҳои ҳаҷвии русӣ бо мавридҳои алоҳидаи зиндагӣ алоқаи бевосита надоранд ва берун аз маросим ичро карда мешаванд[210]. Вале, ҳамон навъе ки зикраш гузашт, дар тӯй тоҷи-

кои сурудхои хачвию халломез хеле зиёд истифода карда мешаванд, ки онхо хоси хамин маросим буда, берун аз он ба хотири хофизои ва сарояндагон намерасанд. Ба хамаи он сурудхои майдае, ки намуначашонро дар боло овардем, мардум дар вакти сароиданн албатта ягон накаротн сурудхои тўйро хамроҳ мекунанд. Ба ин сурудхо бештар накаротн «ёр-ёр» хамроҳ шуда, дар натича сурудро ба маросими тўй боз хам наздиктар кардааст. Чунон ки зикраш гузашт, хар як гурўхи сурудхо чихатхои хоси худро дошта, онхо таърихи тўю онладории халки точикро акс менамоянд. Аз ин рў, бисьёр сурудхои тўй ахамияти таърихй пайдо кардаанд. Хамаи сурудхо мувофики рафти мундаричаи маросими тўй ва тарзу равиши ичрояшон сохту услуби махсусро ба худ гирифта, хар яки онхо дар маросим мавкеъ ва хусусияти хоси худро пайдо кардаанд. Бинобар ин, ба таври пурра гирд овардан ва тадкики чиддии сурудхои тўи тамоми махалхои точикнишин аз чумлаи вазифахои минбаъдаи фольклоршиносон ба шумор меравад.

ХОТИМА

Мо дар ин асар ба кадри имкон кўшиш намудем, ки мундаричаи тўй ва сурудхои онро дар хаёти мадании точикон муайян намоем.

Маросими тўй ходисаи мураккаб буда, ибтидои он аз номзадкунии ду чавон шурўъ мешавад. Пас аз арафаи номзадй хам дар оилаи домод ва хам арўсшаванда тараддуд ва тайёрй ба тўй ривоҷ мегирад. Хар як марҳилаи тўй аз давраҳои муайян иборат буда, хар давра маросим ва маъракахои зиёдеро дар бар кардааст. Маҷмўи маросимхои хурде, ки ба се давраи тўй шомил аст, ба хамдигар алоқаманд буда, якчоя мафҳуми умумии тўйро ташкил кардааст. Муайян намудани таърихи пайдоиши тўй вазифаи хеле мураккаб аст, зеро ибтидои он, мумкин аст, ба аввали таърихи хаёти инсонй рафта расад. Вазифае, ки мо дар назди худ гузоштаем, иборат аз муайян намудани мавкеи фольклор дар ин маросим ва дар айни хол баъзе хусусиятхои этнографии тўйро хам ба кадри имкон аз назари тахлил гузаронидан буд. Дар сурудхои тўй хаёту зиндагй ва кайфияти рухии халки точик инъикос ёфтааст. Инчунин дар онхо максаду маром, ният орзу, фикру андеша ва хиссу рухияи мардум то андозае тачассум ёфтаанд. Сурудхои тўй мафкураи тўйдорон, холати рўхй, эътирозу шикоят ва майлу хохиши онхоро низ нфода менамоянд. Дар сурудхои шодиовархй тўй хисси тантана кардан, аз шодй ба чўшу хурўш омадан бо ракс якчоя шакл мегирад. Вобаста ба рафти тўй хазлу хачвхои нозук, лутфу кофия (азкия) ва умуман заро-

фатҳои дилчасп торафт инкишоф ёфта, ҳатто ба танқиди замон ва аҳли он оварда мерасонад. Тасвирҳои мустаридона, истиора ва ташбеҳҳои дилчасп, рамзу киноятҳои нозук мазмуни як қатор сурудҳои тӯйро зинат додаанд. Мазмуни шикояту эътироз мавзӯи баъзе сурудҳои тӯйро ташкил намудааст. Махсусан, лаҳзаи аз хонаи падар баровардани арӯс дар сурудҳо хеле аламовар ва пуртаъсир тасвир ёфтааст. Ҳаман эътирозҳои арӯс ва «барор, барор», гуфта таъкид кардани ҳофизон ишонан ҳамон нотизомандӣ ва шикоят аз нобаробариҳои ичтимоии ҳаёти гузаштаи замони тоҷик мебошад. Сохти ичтимоии замони гузашта барои ба амал баромадани майлу хоҳиши духтарон, ки ба дилхоҳи худ расида натавонистаанд азоб мекашиданд, сахт монеи мекард. Ҳатто агар арӯс бо тезӣ аз хона набарояд, таъналу маломат зада, бо суханҳои таънаомез («Моли мардум хурдай. Зудтар барор, хола») орзую ҳаваси арӯсонро помол мекарданд. Чунин мазмунҳо муносибати ба ҳодисаҳои давру замон доштани мардумро инъикос мекарданд. Дар шароити мо он сурудҳо мавқеи пешинаи худро гум кардаанд. Имрӯз хондани ин гуна сурудҳо ба назари мардум хунук ва ҳандаовар менамояд, бинобар ин ба тариқи ҳазлу шӯхӣ ичро карда мешаванд. Худ аз худ маълум аст, ки таърихи пайдоиши ин қабил сурудҳо, албатта, ба замони ҳукмронии падаршоҳӣ вобастагие дорад, зеро дар онҳо баробари тасвири ҳамон нобаробарӣ ва аҳволи бехуқукии арӯсони гузашта, муносибат ва хашму ғазаби мардум низ инъикос ёфтааст. Аз ин рӯ, як қисми сурудҳои тӯй барои доимставни таърихи тӯй ва онладории тоҷикон кӯмак мерасонад.

Аз рӯи материалҳои мавҷуда ба мо муяссар шуд, ки маконе баъзе сурудҳои тӯйро мукаррар намоем. Масалан, «Саломнома», чунон ки Н. Азимов ҳам дар тадқиқоти ҳуд онд ба фольклори тоҷикон ва ӯзбекони водии Фарғона қайд менамояд[1], асосан дар тӯйҳои Бухорову Самарқанд шӯҳрат дорад ва вариантҳои нисбатан мукаммалу пурраи ин суруд аз маҳалҳои номбурда навишта шудааст. Чунон ки маълум аст, ду шаҳри калонтарин ва қадимии Осиёи Миёна Самарқанду Бухоро дар гузашта марказии илму маданият ба шумор мерафтанд. Дар ин шаҳрҳо адабиёти китобӣ ниҳоят тараққӣ карда буд. Ин тараққиёт ба маросими тӯй низ таъсир гузаронида, боиси пайдоиши чунин сурудҳои китобии тӯй гардид. Мардум дар тӯйҳо ғайр аз асарҳои халқӣ сурудҳои машҳури китобӣ, мухаммасу ғазалҳои шоирони пешинаро мехондагӣ шуданд. Ба замми ин суруди махсуси табрикӣ—тантанавӣ иншо гардид, ки мисоли равшани он «Саломнома» мебошад. Ба воситаи «Саломнома» таргиботчиёни дин онд

ба маросими тўй дар асоси дину шариат тавсафхои батафсиле дохил намуданд.

Дар замони мо рафти маросими тўй тағьироти куллиеро аз сар гузаронида истодааст, зеро аз рўи гуфти Ф. Энгельс «...шакли оила бояд дар баробари тараққй кардани ҷамъият инкишоф ёбад ва ба андозае, ки ҷамъият тағьир меёбад, низ дучори дигаргуний гардад, айнан чунон ки ин ҳол вокеъ ҳам шуда буд»[2]. Тўй ҳамчун маҳсули ҷамъиятй дар замони мо тағьир ёфта, аз ҳар гуна ҳароҷоти зиёдатй ва одатҳои зараровари дини хеле дур шудааст. Дар деҳот одати **қалингирй** қисман бардавом бошад ҳам, бар зидди чунин одати кўҳнаи феодалй муборизаи хеле шиддат гирифта истодааст. Ҳоло духтарони озоду сарбаланди даврони мо ба ҳар як орзуи дили худ расида метавонанд ва онҳо шахсони дилхоҳашонро ба ҳамсарии худ интихоб менамоянд. Инро дар вақташ Ф. Энгельс ҳам пешгўй карда гуфта буд: «...баъд аз ба воя расидани насли нав муайян карда шуд: насли мардоне, ки дар зиндагии худ корашон ҳаргиз ба он оид нахоҳад шуд, ки занро бо пул ё ягон воситаи дигари ҳокимияти сотсиалй харида гиранд, инчунин ба насли занон ҳаргиз лозим нахоҳад шуд, ки ғайр аз муҳаббати ҳақиқй ба ягон сабаби дигаре худро ба оғуши марде супоранд... Вақте ки ин одамон пайдо мешаванд, ҳаман он чиро, ки имрўз барои онҳо шарт донista мешавад, маҳв месозанд»...[3]

Ҳоло ки интихоби арўс ҳам ба худи ҷавонон вобаста аст, онлаи буньёдшаванда дар асоси кўшиши ҳар ду тараф ба амал меояд. Бинобар ин, дар ташкили ин кор манфиати ҷамъиятй дида мешавад. В. И. Ленин ҳамеша тарафдори онлае буд, ки он дар асоси муҳаббати ду ҷавон ба амал ояд. Ин ақидаи В. И. Ленинро Клара Цеткин ин тавр хотиришон мекунад:

«...Албатта ташнагиро шикастан лозим,—мегуфт В. И. Ленин,—аммо одами ақлу хушаш ба чо оё дар шароити хуб ба рўи лои кўча хобида аз кўлмак об менўшад? Ё ҳатто аз стакане, ки ба он лаби даҳҳо одамон расидааст, об менўшад? Вале чиҳати ичтимоии кор аз ҳама муҳимтар аст. Об нўшидан дар асл кори шахсй аст. Лекин дар муҳаббат ду шахс иштирок доранд ва ҳаёти нави саввум пайдо мешавад. Дар ин ҷо манфиати ҷамъиятй аст, вазифаи муносибат ба коллектив ба миён меояд».[4] Чунин фикри пуркиммати В. И. Ленин ҳоло дар амал татбиқ шуда истодааст.

Тўйҳо дар замони мо шаклан ва мазмунан дигар шуда, ба номи «Тўи комсомолй», «Тўи сурх» мегузаранд[5].

Пештар кўдаконро аз хурдсолй номзад (гаҳворабахш) мекарданд ва онҳоро побанди урфу одат карда, барои инкишофи ҳиссй ва руҳиашон зарар мерасониданд. Онҳо пас аз ба воя расидан ба дилхоҳи худ арзи дил гуфта наметаво-

нистанд. Ин одат аз як тараф, барои сабук кардани харочоти тўй, ки падари домод то ба воярасидани кўдакон адо мекард, ба амал оварда шавад, аз тарафи дигар, ба мақсади шикастани орзуи падарон низ нчро карда мешуд. Инчунин, дар рўзи тўй дидани рўи арўс ва ҳамаи зебу зинати ў дар байни чордевор танҳо ба хешу табор ва заиҳо муяссар мешуду халос. Акнун ки ташкили тўй, онла ба худи чавонон вобаста аст, арўсон дар атрофи мизи пур аз нозу неъмат бо ҳамрохии домод ва дугонаҳо нишаста, шарики шодию хурсандии шаби тўй мегарданд ва аз дилхушихои нишаба кайф мебаранд. Арўсони даврони советй дар зери чодар нишаста аз ҳаман тантанаву суруди шаби тўй махрум нестанд, онҳо ба ҳар як суҳани табрикии дўстон аз чой хеста, изҳори эҳтиром ва миннатдорй мекунанд. Акнун онҳоро падар бо зўрй аз хона намебарорад, балки падар ҳам дар рўзи тўй хурсанду шодмон аст, зеро вай медонад, ки фарзандаш дар роҳи ҳаёт бо амри дили худ қадам нихода истодааст.

Дар тўйҳои нав сурудҳои нав офарида мешаванд. Дар вақтҳои охир суруди «Тўй муборак шавад» оммавй шуда, лаҳзаи қабули арўсро зинат медиҳад. Азбаски ин суруд мазмуни хурсандибахш дорад, аз ҳисоби рубоиҳои лирикй ва нақаротҳои сурудҳои халқй вариантҳои зиёде пайдо карда истодааст. Вале ҳоло ин кам аст. Ба шонрону бастакорони мо лозим меояд, ки дар асоси оҳангу равия ва сабку саликаи баланди сурудҳои халқй сурудҳои замонавй офаранд ва ҳофизон онро дар тўйҳо замзама кунанд.

ФЕХРИСТХО
Фехристи истилоҳоти маросимҳо*

Андозу бардор 21
Арӯсбарон 42, 43, 46, 47, 48, 83, 87, 88, 92
Арӯсбарй 13, 92, 93, 124
Арӯсбаророн 46, 87, 88, 92
Арӯсбарорй 76, 95
Арӯсй 60
Арӯскашон 47
Арусталабон 11, 58, 60, 61, 158
Акди никоҳ 40, 41
Бадехахонй 58
Базм[1] 32
Байтбарак[2] 43, 161
Байтгӯй 43, 53
Байтхонй 50
Бахшидабозй 26
Бисотбинй 22, 32
Борбарй 23, 29
Борбуррй 28
Борпоккунон[3] 29
Бузкашй 150
Буттахабаркунон 29, 149
Гаҳворабахш 14, 15, 16, 138
Гуштнигирй[4] 151
Дастбеша[5] 59
Дасӯдабонй 26
Домандарронй 15
Доманчак 15
Домодбаророн 36, 87
Домодбарй 105, 107
Домодбинон 20, 25
Домодмеҳмон 27
Домодталабон 58, 59, 60, 100
Домодсалом 59
Домодшинонй 115
Дугоналабон 32
Духтарбинон 20, 61
Духтарбинй 61
Духтаринтихобкунй 61
Духтаркоби 17
Духтаррусткунон 32, 150
Завчигй 18
Идгардак 148
Кампирмурд 50
Келинбарон 47, 49, 152
Келинбаророн 43, 44
Келинмеҳмонкунй 61
Келинсалом 11, 27, 55, 61, 146
Келинталабон 11
Келинфурорй 27
Келинхушкунй 17, 147
Келиншинонй 109
Келинчегон 11, 154
Кийстӯшон 22, 54
Кундапартой 15
Кӯрпадӯзон 28
Кӯрпадӯзй 28
Латтабуррон 148
Лаълигардонй 21, 23, 25
Лаъликашй 21
Либоспӯшон 30, 35
Либоспӯшонй 30, 35, 42, 83, 116, 124
Маслиҳатй тӯй 14, 28
Маслиҳатошй 28
Машъалгиронй 150
Маъмумкунй 20
Маъқулдорам 20
Маҳрбонй 22
Мачлиси духтарон 33
Муборакбодй 22, 28, 42, 109, 110
Мухаммасхонй 42, 50, 110
Мӯйбофй 30
Мӯйлабгирон 30
Накшхонй 89
Никоҳ 14, 31, 39, 40, 41, 43, 146
Нисбатбозй 26
Номзадбозй 26
Нонпиканон 13, 20, 21, 22, 146
Ордбезон 33
Ордбезй 33, 53, 147
Ордпошй 25, 37
Осаколй (оксаколй)[6] 18
Осаколравй 21
Очабинон 61
Ошн хезумхабарон 29, 149
Парчабуррон 28
Парчапоракунй 27, 148
Парчапоракунон 27, 148
Пахтасавон 28

* Дар нақли аз рӯи алфавит ҷой ба ҷой гузоштани калимаҳо то ҳадди имкон талаффузи лаҳҷавии онҳоро нигоҳ доштa, шакли адабиашонро дар канс гирифтем.

[1]Ниг.: дугоналабон (мачлиси духтарон).

[2] Байтбарак — маъракаи шеърхонии занҳо дар хонаи домод.

[3] Дар Панҷакент пас аз ба хонаи арӯс даровардани масолеҳи тӯй ҷавонон ҷамъ шуда, гандумҳоро ба осиёб мебаранд.

[4] Занҳо ҳангоми арӯсбарорй ба тарики ҳазлу шӯхй кувваозмой мекунанд.

[5] Ниг.: тахтфаророн.

[6] Ниг.: Завчигй, хоҷгорй.

Пойкушод 59
Покушо[7] 60
Рахтзанон 31, 34, 149
Рахт бастан 34, 149
Риштабанд 15
Рӯзи тӯй 66, 70
Рӯбинак (Рӯйбинак)[8] 55
Рӯйбинон 13, 53, 54, 55, 59, 160
Рӯймолтиён 20
Рӯйпанохҳуни 27
Рӯкушод[9] 55
Рӯкушои 55, 157
Самбӯсабарон 24
Самбӯсахӯрон 25
Саломномахони 59, 157
Сари ҳафта[10] 59
Саркӯбгирӣ 152
Сартарошон 30
Сарупобини 33, 28
Саршӯён 30, 59
Саршӯй 31
Сафедитиён 20
Сурфакушоён 14, 33
Табақбарӣ 2, 25, 26
Талбон 14, 61
Тахтзанон 3, 149
Тахтфаророн 59
Тахтғундорӣ 59
Торзанон 34
Торканон 14, 58, 59
Тӯи арӯсӣ 13, 54, 59
Тӯи занон 14
Тӯи калон 10, 14, 34, 146
Тӯи майда 10, 146
Тӯи нигоҳ 59
Тӯи фотиҳа 14, 21, 22, 23, 24, 25 27, 53
Тӯй[11] 11, 13, 87, 147
Тӯйандозӣ 28
Тӯйбарон 67, 87, 146
Тӯйбарӣ 13, 23, 29 148
Тӯкузбарӣ 21
Тӯкузбинӣ 22
Тӯкуздиҳӣ 21
Фотиҳадиҳӣ 21
Хеши гирифтан 147
Хунаталбон (хонаталбон) 11, 60, 61
Хостгорӣ 13, 18, 19, 24
Хутбаи никоҳ 39, 41
Чалпакбарон 24, 25, 69
Чалпаки калон 148
Чизбинӣ 22
Чизнишонтиник 22
Чимликканон 14, 58
Чодардаророн 36
Чодаркалон 14, 59, 154
Чойгаштак 32, 33
Чокбинӣ 32
Чокбуррон 153
Чоштбинон 61
Шарбатдорон 51, 52, 153
Шарбатхӯронӣ 42
Шармшиканон 59
Шаҳбаробар 41
Шаҳбарӣ 36, 106, 108
Ширинихӯрон 29
Қабулдорам 20, 22
Қалинбарӣ 28
Қалингирӣ 23, 138, 147
Қалинбурӣ 28
Қарори тӯймонӣ 28
Қарсбинӣ 32
Қарспаҳикунон 34
Қарспаҳикунӣ 149
Қизқочдӣ 32, 33
Қинғолабозӣ (қинғолбозӣ) 26, 27
Ҳағӯён 20
Ҳафта[12] 61
Ҳафтаталабон 14, 154
Ҳаммомбарон 30, 31, 32
Ҳаммомбарӣ 33
Ҳезумбароён 29, 31, 32, 67, 87
Ҳезумбёрон 29, 62, 149
Ҳезумравон 149
Ҳинобандон 14, 30, 31, 32
Ҳинобандӣ, 31, 33
Чиҳезшумурӣ (чиҳезшуморӣ) 22, 54
Чойандозӣ 56
Чомабуррон 13,
Чомапӯшонӣ 27
Чоғундорон (чойғундорон) 58, 59
Чуволкушоён 29, 148
Янгаросткунон 42

Феҳристи номҳои хешу таборӣ

Арӯсбар 87, 88
Аспчилав 153
Бехалафа (бибихалифа) 63, 102

[7] Ниг.: рӯйбинон.

[8] Пас аз домодталабон домод се пагоҳӣ барои салом ба хонаи падарарӯсаш меояд.

[9] Ниг.: рӯйбинон.

[10] Ба салом омадани домодро гӯянд.

[11] Калимаи тӯй дар рисола ба таври фаровон истифода мешавад.

[12] Ниг.: талбон.

Биотун (бибиотун) 63, 157
Вакил 40, 150
Вакила 28
Гапрасон 18
Гўянда 51, 101, 102.
Дастархонандоз 28
Додарони шах[13] 36
Духтарбеч (духтарбин) 17
Духтарков (духтаркоб) 18
Духтарсайлакун 17
Духтарталб 18
Духтархушкун 17
Завчй 18
Кайвони 104
Колабур[14] 23
Кўрпачапарто 28
Локибар[15] 148
Махрбур 23
Миёнарав 17, 19
Модаршўй (хушдоман) 137
Муровак шах 150
Наварўс 94, 98, 112
Накорачиён 28
Нисбат[16] 110
Номзад 110
Овтозакунак (обтозакунак)[17] 17
Оймулло (Оямулло) 157
Осакол (аксакол) 18
Падарвакил 40
Падари киёматй 40
Пешипобин 17
Пайкол 28, 148
Пўшанда[18] 150
Саъйгар 64
Саломномахои 103, 104, 157
Саркўбгир 150
Сарчилав 46
Сурнайчи[19] 21, 29
Тўйхабаркун 28
Тўйдор 80, 95, 96, 98
Хабарчй 28
Ходим 28
Хостгор 18, 19
Хоча[20] 18, 36
Хушдоман 134, 135
Хўскор (хостгор) 18, 19, 20, 21
Чойчўшон 28
Шарбатдор 51, 52
Шахмардон 36, 37, 38, 43, 46, 75, 76, 78, 79, 80, 88, 106, 107, 116,
Шахчах (шахчахд) 36, 153
Гавандазон 153

13 Наг.: шахмардон.
14 Наг.: махрбур.
15 Наг.: тўйбар.
16 Наг.: номзад.
17 Наг.: духтархушкун.
18 Наг.: падарвакил.

Кайрокбозон 28
Кудоён 51, 75, 120, 132
Чилавдор 46, 50

Фехристи истилоҳоти рамзии арўсу домод

Амяр 36
Барги гул 135
Бегим 36, 84, 111,
Булбул 71, 124
Булбулак 70
Гул (арўс) 71, 84, 113, 121, 124
Гуларўсак 74, 84
Малика 18
Мир 111, 117
Мирзо 88
Мох 94, 111, 113, 123
Нигор 111
Ойим 18, 84
Парй 18
Пошшо (подшох)[21] 18
Султон 111
Сумбул (сунбул) 124
Шах (шох) 36, 88, 89, 90, 94, 105, 106, 117.

Фехристи истилоҳоти бозихо

Амаки чойхоначй[22] 53
Ана, ана донашўрак 53
Ана каду 53
Барфзанак 29
Духтарбозй 39
Лўли 39
Мироб 39
Мурғоби 39
Ордзанак 29
Ордпошй 27
Хокшапак 29

Фехристи истилоҳоти сурудхо

Акан тўйдор, давлат ба сарат 36, 37
Арўс саломат бод 74
Байти арўс 62, 86
Байти тўй 62
Байти шарбатдорй 51, 151
Барор, барор 4, 43, 63, 74, 75
Барор, барор хушрўра 44
Боракалло духтар 128
Гул баро 43, 44, 74, 89

19 Шахсоне, ки дар тўй намоишн лўхтакй нишон медиханд.
20 Наг.: хостгор.
21 Наг.: домод.
22 Номхои бозихое, ки дар тўй ичро мешаванд.

Гула бурданд ба ҳарам 4, 124
Гуламро бурданд 45, 74,
Гуларӯсак, сар бишӯй 79, 84,
Домодбарӣ 4
Домодшиноӣ 59
Ери мо чӣ кор мекунад 8
Ер-ёр 48, 66, 89, 90, 120
Келин мебарем имрӯз 64, 86
Келинсалом 6, 54, 100
Келиншиноӣ 56, 65, 84, 114
Келину ҳушдоман 134
Либосшӯй 4
Лолазор, эй лолазор 128
Мири чон, хуш омадӣ 42
